Низомии Ганҷавӣ



# Гулангабини Хирад

Низомии Ганҷавӣ

# Гулангабини хирад

ДУШАНБЕ, «АДИБ», 1996

ББК 84(0)9

Мураттиб ва муаллифи сарсухан *Тӯйчӣ Мирзод*
Муҳаррир *Латиф Асозода*

**Низомии Ганҷавӣ**

Н 58 Гулангабини хирад (Маҷмӯаи ҳикоёту тамсилот, панду андарзҳои ҳакимона аз «Хамса»). Душанбе, «Адиб», 1996. — 176 саҳ.

Низомӣ дар радифи бузургони адабиёти классикии форсу тоҷик шинохта мешавад. Осори безаволи ӯ ба камолоти истеъдоди як зумра қаламкашони баъдаш, ки дар Мовароуннаҳру Ирону Афғонистон зистаанд, таъсири амиқе расонида, мактаби хосаи адабиеро ба арсаи вуҷуд овард. Ин маҷмӯа аз ҳикоёту тамсилот, панду андарзҳои ҳакимонаи «Хамса» гирд омада, барои хониши берун аз синфи мактабиён тавсия шудааст.

Н $\frac{4803540102 - 54}{М\ 503 - 96}$ — 96 ББК 84(0)9

© Мураттиб Т: Мирзод. 1996

# ЧАШМИ ҶАҲОНРО БА СУХАН БОЗ ҚАРД

Ҳаким Низомии Ганҷавӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ва умуман маданияти ҷаҳонӣ мақоми бузург дорад. Осори баргузидаи ин шоири шаҳир ба эҷодиёти кулли адибони машҳури асрҳои минбаъда таъсири амиқе расонида. Низомии Ганҷавӣ имрӯз ба ҳар як хонандаи тоҷик шинос аст. Асарҳои ҷовидонаи ӯро дар дабистону донишгоҳҳо меомӯзанд ва нисбати шахсияти ӯ эҳтиром мегузоранд.

Шоир соли 1141 дар шаҳри Ганҷаи ҷумҳурии Озарбойҷон ба дунё омадааст. Дар ҳамин ҷо хату савод бароварда, пас дар мадрасаҳо таҳсилро давом дода, соҳибмаърифат гашт. Дар ин марҳала илмҳои калом, фалсафа, нуҷум, тиб, риёзиёт, фиқҳ, ахлоқ ва ғайраро ба хубӣ аз бар намуд. Аз ин рӯ, аҳли илму адаби асрҳои баъдина адибро бо номи Ҳаким Низомӣ низ ёдовар шудаанд. Унвони «Ҳаким»-ро дар он замон ба донишмандони аксарияти илмҳои замонаро аз бар намуда медоданд.

Шоири бузург дар поёни умр оиди масъалаи омӯзиш, интихоби касбу ҳунар ба хулосае меояд: инсон бояд танҳо ҳамон илм, ҳамон ҳунарро аз бар намояд, ки он барои худ ва барои халқ суде биоварад:

> Назм агарчӣ ба мартаба баланд аст,
> Он илм талаб, ки судманд аст.

Низомӣ дар пиронсолӣ аз рӯзгор ранҷи зиёде дид. Ҳамсари вафодораш Офоқ бармаҳал аз олам гузашт. Шоир дар сӯгвории ӯ ашки ҳасрат рехт, ба ёдгораш достони «Хусрав ва Ширин»-ро офарид. Беҳтарин сифатҳои Офоқро адиб дар симои Ширин ба қалам дод. Ва то охири умр ёди ёри меҳрубонашро дар хотир дошт.

Ҳаким Низомӣ дар зодгоҳаш соли 1203 ҷаҳонро падруд гуфт. Мақбараи шоир имрӯз ҳам дар Ганҷа баҷост, зиёратгоҳи мардумони олам аст он.

Аз Низомӣ барои наслҳо асарҳои ҷовидона ба мерос монданд. Истеъдоди баланди шоир дар сурудани ашъори ғиноӣ аз рӯи таълифоташ хеле рӯшан пеши назар меояд. Вале Низомӣ бо асарҳои панҷгонааш — «Хамса»: «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафтпайкар» ва «Искандарнома» шӯҳрати дунёро соҳиб гардид. Ҳар як асари номбурда

дар эҷодиёти шоир мавқеи хосе дорад. Адибони минбаъда ба онҳо пайравӣ карданд, «Хамса» — сарои аз Низомӣ сарчашма мегирад...

Мақсад аз тартиб додани маҷмуаи мазкур он аст, ки аз асарҳои адиб танҳо ҳикоя, масал ва як қисм андешаҳои панду ахлоқиро ҷамъ намуда, ба шакли китобе дарорем. Зеро ҳар як фарди ҷамъият имрӯз барои ин мӯҳтоҷӣ мекашад. Дар руҳи башардӯстӣ тарбия намудани ҷамъият маҳз гузориши чунин масъаларо тақозо менамояд. Маҷмӯа метавонад барои мактабиён, донишҷӯён ва ҳар як фарди ҷамъият мавриди истифода қарор гирад.

... Шоири замонаҳо воситаи симои барҷаста барои дар зиндагӣ барқарор намудани адлу инсоф, баробарию бародарӣ ҳамеша мубориза мебурд, ӯ дӯст медошт мардумашро. Ин муҳаббат ва самият нисбати инсон дар достонҳояш равшан ифода ёфтаанд:

Кӯш то халқро ба кор оӣ,
То ба ҳулқат ҷаҳон биороӣ!

Низомии бузург ин байтро ҳаштсад сол қабл гуфта, ки дар рӯзгори мо низ барои ҳама баробар тааллуқ дорад. Ҳолӣ ин суханон боз ҳам аҳамияти зиёдтар пайдо кардаанд. Дар ҳақиқат маънои зиндагӣ: ба халқ хизмат гузоштан, ҳаётро рангинтару ҷаҳонро обод кардан аст. Шоир доири ин масъала хеле ҳакимона андеша меронад. Ӯ дар боби «Насиҳат ба фарзанди арҷманд» писарашро ба омӯхтани илми тиб ва фиқҳ тарғиб менамояд. Ин аз ин тараф агар барои беҳбуди рӯзгор лозим бошад, аз тарафи дигар инсон ба воситаи илми тиб метавонад ба халқ нафъи зиёдтаре расонад, бечорагонро наҷот бахшад, дардашонро сабук гардонад... Чунин шахсро, албатта, халқ азиз медораду ба қадраш мерасад:

Мебош табиби исавиҳӯш,
Аммо на табиби одамикуш.
Мебош фақеҳи тоатандӯз,
Аммо на фақеҳи ҳилатомӯз.
Гар ҳар ду шавӣ, баланд гардӣ,
Пеши ҳама арҷманд гардӣ.
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ!

Мутафаккири бузург дар ҷои дигар бешафқатону золимонро ба адлу инсоф мехонад:

Сахтгирӣ макун, ки хоки дурушт,
Чун ту садро зи баҳри обе кушт.

Низомӣ мегӯяд: шахс бояд ҳунаре дошта бошад, то воситаи он ба раият хизмате гузорад:

Одамӣ на аз паи алафхорист,
Аз паи зиракию ҳушёрист.

Табиист, инсон ҳар қадар, ки одамдӯсту некхоҳ бошад, ба ҳамон андоза хислатҳои ношоиста ва одамони худбину бадкирдорро бад мебинад, нисбаташон нафрат мепарварад. Барои тасдиқи ин фикр фақат овардани ҳикояти «Хайр ва Шар» кифоят дорад. Муҳаббати шоирро нисбат ба инсон маҳз дар ҳамин ҳикоят хеле амиқ мебинем.

Шоир ба Хайр муҳаббати саршоре дорад ва ӯро ҳамчун инсони бузург меситояд. Бар хилофи ин симои манфии Шарро мегузорад ӯ. Низомӣ дар симои Шар одамони пастфитрат, қаллобу фиребгар, золимони замонаашро нишон дода, онҳоро сахт зери тозиёна мегирад. Шоир бо ин нишон доданӣ мешавад, ки чунин одамони бад дар замонаҳо кам нестанд. ...Шар ба ҳамаи некиҳои Хайр нигоҳ накарда, ду чашмашро канда мегирад ва ҳатто дар ивазаш об ҳам намедиҳад. Вайро дар ҳамон ҳолати мадҳушӣ, оғӯшта ба хун мегузораду меравад:

Чашми ташна чун карда буд табоҳ,
Об надода, кард ҳиммати роҳ.

Хонанда ҳангоми мутолиаи чунин манзараҳои мудҳиш тоқаташ тоқ шуда, нисбати чунин ашхоси паст нафрат мепарварад. Аз ин хотир, ҷиҳатҳои тарбиявии ҳикоя назаррасанд.

Замоне, ки шоир зиндагӣ мекард, дар адабиёт сабки ироқӣ авҷ мегирад. Намояндагони ин сабк иборатпардозӣ, ҷумлаҳои мураккаби печ дар печ ва санъати ҷинносу иҳомро мавриди истифода қарор медоданд. Хизмати Низомӣ дар он аст, ки аз паи ин сабк нарафта, асарҳояшро бо як камоли соддагӣ ва равонӣ офариду барои наслҳо пешкаш намуд. Хонанда ҳангоми мутолиаи асарҳои ӯ аз мазмунашон пурра воқиф шуда метавонад. Ин хусусиятҳо халқияти эҷодиёти шоирро нишон медиҳанд. Чанд намуна:

Чашма гӯям, ки хушгувор бувад,
Чашм кандан бигӯ, чӣ корояд?
Чу ман аз чашми худ шавам дарвеш,
Чашма гар сад шавад, чӣ суд аз пеш...

Лаъл бистону он чӣ дорам чиз,
Бидиҳам хат, ба он чӣ дорам низ.
Чашм бигзор ба ман, эй сардмард,
Сардмеҳрӣ макун ба оби сард...

Ё ин ки:

Хайр чу рафта дид Шар зи бараш,
Нашуд огаҳне зи хайру шараш.

Ба сари хунук хок меғалтид,
Беҳ, ки чашмаш набуд, ки худро дид...

Аз ин намунаҳо ягон калимае ёфта наметавонем, ки маъниаш ба хонандаи имрӯза норавшан монад. Ҳамаи калимаҳои дар порчаҳо омада дар забони адабии ҳозираи тоҷик пурра қобили истифодаанд.

Панду андарз, тамсилҳои ибратомӯзи Низомии Ганҷавӣ беш аз эҷодиёти халқ сарчашма гирифтаанд. Шоир дурдонаҳои мардумиро дарёфта онҳоро бо сеҳри қалами худ ҷилои тозае дода, боз ба ҳалқаш баргардондааст. Ин ҳикояю тамсилҳо осори адибро аз ҳар ҷиҳат хонданию шавқовар кардаанд.

Дар ин маҷмӯа танҳо як қисми онҳо интихобанд. Ҳангоми интихоб хусусиятҳои синнусолии хонандагонро ба назар гирифтем. Намунаҳои интихобӣ аз достонҳои «Махзан-ул-асрор», «Ҳафтпайкар» ва «Искандарнома» зиёдтар омадаанд. Бояд эътироф кард, ки фаҳмиши баъзе ҳикояҳо, мисраю байтҳо зоҳиран содда намоянд ҳам, вале маънии чуқур доранд. Дар дарк намудани онҳо хонанда аҷаб не, душворӣ кашад. Барои ин бархе аз онҳоро дар қисми тавзеҳот шарҳ додаем.

Инчунин дар охир мувофиқи тартиботи алифбоӣ луғатҳои душворфаҳмро низ овардаем. Ҳангоми мутолиаи матн агар ба хонанда маънии калима ё байт душворие орад, бояд ба охири китоб муроҷиат намояд, албатта, ба мурод мерасад.

## СИТОИШИ СУХАН ДАР «ХАМСА»

### ГУФТОР ДАР ФАЗИЛАТИ СУХАН

Ҷунбиши аввал, ки қалам баргирифт,
Ҳарфи нахустин зи сухан даргирифт.
Пардаи хилват чу барандохтанд,
Ҷилваи аввал ба сухан сохтанд.
То сухан овозаи дил дарнадод,
Ҷон, тани озода ба гил дарнадод.
Чун қалам омад шудан оғоз кард,
Чашми ҷаҳонро ба сухан боз кард.
Бе сухан овозаи олам набуд,
Ин ҳама гуфтанду сухан кам набуд.
Дар луғати ишқ, сухан ҷони мост,
Мо суханем, ин талал айвони мост.
Хатти ҳар андеша, ки пайвастаанд,
Бар пари мурғони сухан бастаанд.
Нест дар ин кӯҳнаи навхезтар
Мӯйшикофе зи сухан тезтар.
Аввали андеша пасини шумор,
Ҳам сухан аст, ин сухан ин ҷо бидор!
Тоҷварон, тоҷвараш хондаанд,
В-он дигарон он дигараш хондаанд.
Гаҳ ба навое аламаш баркашанд,
Гаҳ ба нигоҳе қаламаш даркашанд.

Ӯ зи алам фатҳ намояндатар,
В-аз қалам иқлим кушояндатар.
Гарчи сухан худ нанамояд ҷамол,
Пеши парастандае муште хаёл.
Мо, ки назар бар сухан афкандаем,
Мурдаи ӯему бад-ӯ зиндаем.
Сардпаён, оташ аз ӯ тофтанд,
Гармравон,
                    об дар ӯ ёфтанд.
Ӯст дар ин деҳ зи деҳ ободтар,
Тозатар аз чарху куҳанзодтар.
Ранг надорад зи нишоне, ки ҳаст,
Рост наёяд ба забоне, ки ҳаст.
То сухан он ҷо ки барорад алам,
Ҳарф зиёд асту забон низ ҳам.
Гарна сухан риштаи ҷон тофтӣ,
Ҷон сари ин ришта куҷо ёфтӣ?
Мулки табиат ба сухан хӯрдаанд,
Мӯҳри шариат ба сухан кардаанд,
Қ-он сухани мову зари хеш дошт,
Ҳар ду ба саррофи сухан пеш дошт,
Қ-аз сухани тозаву зарри куҳан,
Гӯй, чӣ беҳ, гуфт! — Сухан беҳ, сухан!
Пайки сухан раҳ ба сари хеш бурд,
Қас набарад, он чӣ сухан пеш бурд.
Сими сухан зан, ки дирам хоки ӯст,
Зар чӣ саг аст?! Оҳуи фитроки ӯст.
Садрнишинтар зи сухан нест кас,
Давлати ин мулк суханрост бас.
Ҳар чӣ на дил бехабар аст аз сухан,
Шарҳи сухан бештар аст аз сухан.
То сухан аст, аз сухан овоза бод,
Номи Низомӣ ба сухан тоза бод!

## БАРТАРИИ СУХАНИ МАНЗУМ АЗ МАНСУР

Чунки насахта сухани сарсарӣ,
Ҳаст бари гавҳариён, гавҳарӣ.
Нукта нигаҳ дор, бибин, чун бувад
Нукта, ки санҷидаву мавзун бувад.
Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд.

Хоса калиде, ки дари ганчрост,
Зери забон марди сухансанчрост.
Он ки тарозуи сухан сахта кард,
Бахтоваронро ба сухан пухта кард.
Булбули аршанд суханпарварон,
Боз чӣ монанд ба он дигарон.
З-оташи фикрат чу парешон шаванд,
Бо малак аз ҷумлаи хешон шаванд.
Пардаи розе, ки суханпарварист,
Сояе аз пардаи пайғамбарист.
Пешу пасе баст сафи кибриё,
Пас шуаро омаду пеш анбиё.
Ин ду назар маҳрами як дӯстанд,
Ин ду чу мағз, он ҳама чун пӯстанд
Ҳар рутбае, к-аз сари ин хон бувад,
Он, на сухан, порае аз ҷон бувад.
Ҷони тарошида ба минқори гил,
Фикрати хоида ба дандони дил.
Чашмаи ҳикмат, ки сухандонӣ аст,
Обшуда з-ин ду-се якнонӣ аст.
Он ки дар ин парда навоеш ҳаст,
Хуштар аз ин ҳуҷра сароеш ҳаст.
Бо сари зонуи вилоятситон,
Сар ниҳад бар сари ҳар остон.
Чун сари зону қадами дил кунад,
Дар ду ҷаҳон даст ҳамоил кунад.
Ояд фарқаш ба саломи қадам,
Ҳалқасифат пову сар орад ба ҳам.
Дар хами он ҳалқа, ки чусташ кунад,
Ҷон шиканад, боз дурусташ кунад.
Гоҳе аз он ҳалқаи зонуқарор,
Ҳалқа ниҳад гӯши фалакро ҳазор.
Гоҳ бад-ин ҳуққаи фирӯзаранг
Мӯҳра яке даҳ ба дар орад зи чанг.
Чун ба сухан гарм шавад маркабаш,
Ҷон ба лаб ояд, ки бибӯсад лабаш.
Аз паи лаъле,
ки барорад зи кон,
Рахна кунад байзаи ҳафт осмон.
Нисбати фарзандии абёти чуст
Бар падари табъ бидорад дуруст.
Хидматаш орад фалаки чанбарӣ,
Боз раҳад з-офати хидматгарӣ.

Ҳам нафасаш роҳати ҷонҳо шавад,
Ҳам суханаш муҳри забонҳо шавад.
Ҳар кӣ нигорандаи ин пайкар аст,
Бар суханаш зан, ки суханпарвар аст.
Муштарии сеҳри сухан хонамаш,
Зӯҳраи хорутшикан донамаш.
Ин буна, к-оҳанги саворон гирифт,
Пояи хор аз сари хорон гирифт.
Рои маро ин сухан аз ҷой бурд,
Қ-оби суханро суханорой бурд.
Меваи дилро кӣ ба ҷоне диҳанд,
Қай бувад обе, ки ба ноне диҳанд.
Эй фалак, аз дасти ту чун растаанд,
Ин гиреҳое, ки камар бастаанд.
Кор шуд аз даст, ба ангушти пой,
Ин гиреҳ аз кори сухан вокушой.
Симкашоне, ки ба зар мурдаанд,
Сиккаи ин сим ба зар бурдаанд.
Ҳар кӣ ба зар сиккаи чун рӯз дод,
Санг ситуд дурри шабафрӯз дод
Лоҷарам ин қавм, ки донотаранд,
Зертаранд,
арчи ба болотаранд.
Он ки сараш заркаши султон кашид,
Бозпасин луқма зи оҳан чашид.
В-он ки чу симоб ғами зар нахӯрд,
Нуқра шуду оҳани Санҷар[1] нахӯрд.
Чун суханат шаҳд шуд, арзон макун,
Шаҳди суханро магасафшон макун!
То надиҳандат, маситон, гар вафост,
То нанишанд, магӯ,
гар дуост.
То накунад шаръ туро номдор,
Номзади шеър машав, зинҳор!
Шеър туро сидранишонӣ диҳад,
Салтанати мулки маонӣ диҳад.
Шеъри ту аз шаръ бад-он ҷо расад,
Қ-аз камарат соя ба Ҷавзо[2] расад.
Шеър барорад ба амирит ном,
Қ-аш шуарои умаро-ул-калом.
Чун фалак аз пой нашояд нишаст,
То сухане чун фалак орӣ ба даст.
Бар сифати шамъ сарафканда бош,
Рӯз фурӯ мурдаву шаб зинда бош.

Чун таки андеша ба гармӣ расид,
Тундрави чарх ба нармӣ расид.
Беҳ, ки сухан дерписанд оварӣ,
То сухан аз даст баланд оварӣ.
Ҳар чӣ дар ин парда нишонат диҳанд,
Гар написандӣ, беҳ аз онат диҳанд.
Сина макан, гар гуҳар орӣ ба даст,
Беҳтар аз он ҷӯй, ки дар сина ҳаст.
Ҳар кӣ алам бар сари ин роҳ бурд,
Гӯй зи хуршеду так аз моҳ бурд.
Гар нафасаш гармравӣ ҳам накард,
Як нафас аз гармравӣ кам накард.
Дар таки фикрат, ки равиш гарм дошт,
Бурд фалакро,
вале озарм дошт
Борагӣ аз шаҳпари Ҷибрил[3] сохт,
Бодзан аз боли Сирофил[4] сохт.
Пайсипари кас макун ин киштаро,
Боз мадеҳ сар ба кас ин риштаро.
Суфраи анҷир шудӣ сифрвор,
Гар ҳама мурғе будӣ анҷирхор.
Ман ки дар ин шева мусиб омадам,
Диданӣ арзам,
ки ғариб омадам.
Шеър ба ман савмаабунёд шуд,
Шоирӣ аз мастаба озод шуд
Зоҳиду роҳиб сӯи ман тохтанд,
Хирқаву зуннор[5] дарандохтанд.
Сурхгуле ғунчамисолам ҳанӯз,
Мунтазири боди шимолам ҳанӯз.
Гар бинамоям сухани тозаро,
Сури қиёмат кунам овозаро.
Ҳар чӣ вуҷуд аст зи нав то куҳан,
Фитна шавад бар мани ҷодусухан.
Санъати ман бурда зи ҷоду шикеб,
Сеҳри ман афсуни малоикфиреб.
Бобули ман Ганҷаи ҳорутсӯз,
Зӯҳраи ман хотири анҷумфурӯз.
Зӯҳраи ин мантиқи мизонӣ аст,
Лоҷарамаш мантиқи рӯҳонӣ аст.
Сеҳри ҳалолам саҳари қут шуд,
Насхкуни нусхаи Ҳорут[6] шуд.
Шакли Низомӣ ки хаёли ман аст,
Ҷонвар аз сеҳри ҳалоли ман аст.

## АЗ «МАХЗАН-УЛ-АСРОР»

### ҲИКОЕТИ НӮШЕРВОН БО ВАЗИРИ ХУД

Сайдкунон маркаби Нӯширвон
Дур шуд аз кавкабаи хусравон.
Мӯниси хусрав шуда дастуру бас,
Хусраву дастуру дигар ҳеҷ кас.
Шоҳ дар он ноҳияти сайдёб
Дид деҳе чун дили душман хароб.
Танг ду мурғ омада дар якдигар
В-аз дили шаҳ қофияшон тангтар.
В-аз дили шаҳ қофияшон тангтар.
Гуфт ба дастур: «Чӣ дам мезананд,
Чист сафире, ки ба ҳам мезананд?
Гуфт вазир: «Эй малики рӯзгор,
Гӯям агар шаҳ бувад омӯзгор!
Ин ду наво-н-аз паи ромишгарист,
Хитбае аз баҳри заношавҳарист,[2]
Духтаре ин мурғ ба он мурғ дод,
Ширбаҳо хоҳад аз ӯ бомдод,
Қ-ин деҳи вайрон бигузорӣ ба мо,
Низ чунин чанд супорӣ ба мо.
Он дигараш гуфт, «к-аз ин даргузар,
Ҷаври малик бин, бирав, ғам мах(в)ар.
Гар малик ин аст, на бас рӯзгор
З-ин деҳи вайрон диҳамат сад ҳазор».

Дар малик ин лафз чунон даргирифт,
Қ-оҳ бароварду фиғон даргирифт.
Даст ба сар барзаду лахте гирист,
(Ҳосили бедод ба ҷуз гиря чист?)
З-ин ситам ангушт ба дандон газид,
Гуфт: «Ситам бин, ки ба мурғон расид.
Ҷавр нигар, к-аз ҷиҳати хокиён,
Ҷуғд нишонам ба дили мокиён,
Эй мани ғофил шуда дунёпараст,
Бас ки занам бар сар аз ин кор даст.
Моли касон чанд ситонам ба зӯр?
Ғофилам аз мурдану фардои гӯр.
То кайю кай дастдарозӣ кунам?
Бо сари худ бин, ки чӣ бозӣ кунам.
Мулк бад-он дод маро кирдигор,
То накунам он чӣ наёяд ба кор.
Ман, ки мисамро ба зар андудаанд,
Мекунам онҳо, ки нафармудаанд.
Номи худ аз зулм чаро бад кунам?
Зулм кунам, вой, ки бар худ кунам.
Беҳтар аз ин дар дилам озарм бод,
Ё зи худо, ё зи худам шарм бод!
Зулм шуд имрӯз тамошои ман,
Вой ба расвоии фардои ман.
Сӯхтанӣ шуд тани беҳосилам,
Сӯзад аз ин ғусса дилам бар дилам.
Чанд ғубори ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон рехтан?..
Шармзадам, чун нанишинам хиҷил,
Сангдилам, чун нашавам тангдил?
Бори ман аст, он чи маро борагист,
Чораи ман бар мани бечорагист.
З-ин гуҳару ганҷ, ки натвон шумурд,
Сом[3] чӣ бардошт, Фаридун[4] чӣ бурд?
То ман аз ин амру вилоят ки ҳаст,
Оқибат-ул-амр чӣ орам ба даст».
Шоҳ дар он бора чунон гарм гашт,
К-аз нафасаш наъли фарас нарм гашт.
Чунки ба лашкаргаҳу роят расид,
Бӯи навозиш ба вилоят расид.
Ҳолӣ аз он хитта қалам баргирифт,
Расми баду роҳи ситам баргирифт.
Дод бигустурду ситам дарнабашт,
То нафас охир аз он барнагашт.

Баъди басе гардиши бахтозмой
Ӯ шуда в-овозаи адлаш ба ҷой.
Ёфта дар хиттаи соҳибдилӣ
Сиккаи номаш рақами одилӣ.
Оқибате нек саранҷом ёфт,
Ҳар кӣ дари адл зад, ин ном ёфт,
Умр ба хушнудии дилҳо гузор,
То зи ту хушнуд бувад кирдигор.
Сояи хуршедсаворон талаб,
Ранҷи худу роҳати ёрон талаб.
Дардситонӣ куну дармондеҳӣ,
Тот расонад ба фармондеҳӣ.
Гарм шав аз меҳру зи кин сард бош,
Чун маҳу хуршед ҷавонмард бош.
Ҳар кӣ ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.
Гунбади гарданда зи рӯи қиёс
Ҳаст ба некию бадӣ ҳақшинос...
Гар ба сухан кор муяссар шудӣ,
Қори Низомӣ ба фалак баршудӣ.

## ҲИКОЕТИ СУЛАЙМОН[5] БО ДЕҲҚОН

Рӯзе аз он ҷо, ки фарогӣ расид,
Боди Сулаймон ба чароғе расид.
Мамлакаташ рахт ба саҳро ниҳод,
Тахт бар ин тахтаи мино ниҳод,
Дид ба навъе ки дилаш пора гашт,
Барзгаре пир дар он содадашт.
Хона зи мушти ғала пардохта,
Дар ғала дони карам андохта.
Донафишон гашта ба ҳар гӯшае,
Руста зи ҳар донаи ӯ хӯшае.
Пардаи он дона,
ки деҳқон кушод,
Мантиқи мурғон зи Сулаймон кушод.
Гуфт: «Ҷавонмард шав, эй пирамард,
Қ-ин қадарат буд бибоист х(в)ард.
Дом наӣ, донафишонӣ макун,
Бо чу мане мурғзабонӣ макун.
Бел надорӣ, гили саҳро махор
Об наёбӣ, ҷави деҳқон макор.

Мо, ки ба сероб замин коштем,
З-он чӣ бикиштем, чӣ бардоштем?
То ду дар ин мазраи донасӯз
Ташнаву бе об чӣ орӣ буруз.»
Пир бад-ӯ гуфт: «Маранҷ аз ҷавоб,
Фориғам аз парвариши хоку об.
Бо тару бо хушк маро нест кор,
Дона зи ман, парвариш аз кирдигор.
Оби ман инак араҷи пушти ман,
Бели ман инак сари ангушти ман.
Нест ғами мулку вилоят маро,
То манам, ин дона кифоят маро...»
Донаи шоиста бибояд нахуст,
То гиреҳи дона кушояд дуруст.
Ҳар назареро, ки барафрӯхтанд,
Ҷома ба андозаи тан дӯхтанд.
Рахти Масеҳо накашад ҳар харе,
Маҳрами давлат набувад ҳар саре.
Баҳр ба сад рӯд шуд оромгир,
Ҷӯй ба як сел барорад нафир.
Ҳаст дар ин доираи лоҷуврд
Мартабаи мард ба миқдори мард.
Боз нагӯям, ки зи хомӣ бувад,
Боркашӣ кори Низомӣ бувад.

## ДОСТОНИ ПИРАЗАН БО СУЛТОН САНҶАР

Пиразанеро ситаме даргирифт,
Даст заду домани Санҷар гирифт,
Қ-эй малик, озарми ту кам дидаам,
В-аз ту ҳамасола ситам дидаам.
Шаҳнаи маст омада дар рӯи ман,
Зад лагаде чанд фарорӯи ман.
Бегунаҳ аз хона ба рӯям кашид,
Мӯйкашон бар сари кӯям кашид.
Дар ситамобод забонам ниҳод.
Мӯҳри ситам бар дари хонам ниҳод.
Гуфт: «Фалон нимшаб,
эй кужпушт,
Бар сари кӯи ту фалонро кӣ кушт?!»
Хонаи ман ҷуст, ки хунӣ куҷост,
Эй шаҳ, аз ин беш забунӣ куҷост?

Шаҳна бувад маст, кӣ он хун кунад,
Арбада бо пиразане чун кунад.
Ратлзанон дахли вилоят баранд,
Пиразанонро ба ҷиноят баранд.
Он кӣ дар ин зулм назар доштаст,
Ситри ману адли ту бардоштаст.
Кӯфта шуд синаи маҷрӯҳи ман,
Ҳеҷ намонд аз ману аз рӯҳи ман,
Гар надиҳӣ доди ман, эй шаҳриёр,
Бо ту равад рӯзи шумор ин шумор.
Доварию дод намебинамат,
В-аз ситам озод намебинамат.
Аз маликон қуввату ёрӣ расад,
Аз ту ба мо бин, ки чӣ хорӣ расад.
Моли ятимон ситудан кор нест,
Бигзар, к-ин одати аҳрор нест.
Бар палаи пиразанон раҳ мазан,
Шарм бидор аз палаи пиразан.[6]
Бандаиву даъвии шоҳӣ кунӣ,
Шоҳ най, чунки табоҳӣ кунӣ.
Шоҳ, ки тартиби вилоят кунад,
Ҳукми раият ба риоят кунад.
То ҳама сар бар хати фармон ниҳанд,
Дӯстияш дар дилу дар ҷон ниҳанд.
Оламро зеру забар кардаӣ,
То туӣ, охир чӣ ҳунар кардаӣ.
Давлати туркон, ки баландӣ гирифт,
Мамлакат аз дод писанде гирифт.
Чунки ту бедодгарӣ парварӣ,
Турк наӣ, ҳиндуи ғоратгарӣ!
Маскани шаҳрӣ зи ту вайрона шуд,
Хирмани деҳқон зи ту бе дона шуд.
З-омадани марг шуморе бикун,
Мерасадат даст, ҳисоре бикун.
Адли ту қандили шабафрӯзи тӯст,
Мӯниси фардои ту имрӯзи туст.
Пиразанонро ба сухан шод дор,
В-ин сухан аз пиразане ёд дор.
Даст бидор аз сари бечорагон,
То нахӯрӣ ёсаҷи[7] ғамхорагон.
Чанд занӣ тир ба ҳар гӯшае,
Ғофилӣ аз тӯшаи бетӯшае.
Фатҳи ҷаҳонро ту калид омадӣ,
Н-аз паи бедод падид омадӣ...

Расми заифон ба ту нозиш бувад,
Расми ту бояд, ки навозиш бувад.
Гӯш ба дарьюзаи анфос дор,
Гӯшанишине ду-серо пос дор.»
Санҷар, к-иқлими Хуросон гирифт,
Қард зиён, к-ин сухан осон гирифт.
Дод дар ин давр барандохтаст,
Дар пари Симурғ[8] ватан сохтаст.
Шарм дар ин торами азрақ намонд,
Об дар ин хоки муаллақ намонд.
Хез, Низомӣ, зи ҳад афзунгарӣ,
Бар дили хунобшуда хунгарӣ.

## ДОСТОНИ ПИРИ ХИШТЗАН

Дар тарафи Шом яке пир буд,
Чун парӣ аз халқ тарафгир буд.
Пираҳани худ зи гиё бофтӣ,
Хишт задӣ, рӯзӣ аз он ёфтӣ.
Тегзанон чун сипар андохтанд,
Дар лаҳад он хишт сипар сохтанд.
Ҳар кӣ ҷуз он хишт ниқобаш набуд,
Гарчи гунаҳ дошт, азобаш набуд.
Пир яке рӯз дар ин кору бор
Қор фаропеш, дарафзуд кор.
Омад аз он ҷо, ки қазо соз кард.
Хубҷавоне сухан оғоз кард,
«К-ин чӣ забунию чӣ афкандагист?
Қоҳу гил ин пешаи харбандагист.
Хез, мазан бар сипари хок теғ,
К-аз ту надоранд яке нон дареғ.
Қолиби ин хишт дар оташ фикан,
Хишти нав аз қолиби дигар бизан.
Чанд кулӯхе ба такаллуф кунӣ?
Дар гилу обе чӣ тасарруф кунӣ?
Хештан аз ҷумлаи пирон шумор,
Қори ҷавонон ба ҷавонон гузор».
Пир бад-ӯ гуфт: «Ҷавонӣ макун,
Даргузар аз кору гаронӣ макун.
Хиштзанӣ пешаи пирон бувад,
Боркашӣ кори асирон бувад.
Даст бад-ин пеша кашидам, ки ҳаст,
То накашам пеши ту як рӯз даст

Дасткаши кас наям аз баҳри ганҷ,
Дасткаше меҳӯрам аз дастранҷ.
Аз паи ин ризқ ваболам макун,
Гар на чунин аст, ҳалолам макун».
Аз сухани пири маломатгараш
Гирён-гирён бигузашт аз бараш.
Пири бад-ин васф ҷаҳондида буд,
Қ-аз паи ин кор писандида буд...

## ДОСТОНИ ФАРИДУН БО ОҲУ

Субҳдаме бо ду-се аҳли дарун
Рафт Фаридун ба тамошо бурун.
Чун ба шикор омад дар марғузор,
Оҳуяке дид фаридуншикор.
Гардану гӯше зи хусумат барӣ,
Чашму сурине ба шафоатгарӣ.
Гуфтӣ аз он ҷо, ки назар ҷуста буд,
Аз назари шоҳ бурун ҷаста буд.
Шоҳ бад-он сайд чунон сайд шуд,
Қ-аш ҳамагӣ бастаи он қайд шуд.
Рахш бар ӯ чун ҷигараш гарм кард,
Пушти камон чун шикамаш нарм кард.
Тир бар он поя аз ӯ даргузашт,
Рахш бар он пӯя ба гардиш нагашт.
Гуфт бар тир: «Он пари кинат куҷост?
Гуфт ба рахш: «Он таки динат куҷост?
Тир забон шуд ҳама: к-эй марзбон,
Ҳаст назаргоҳи ту ин безабон!
Дар канафи диръи ту ҷавлон занад,
Бар сари диръи ту кӣ пайкон занад?
Хуш набувад бо назари меҳтарон,
Бар дафи ӯ ҷуз кафи хунёгарон.
Нест бари мардуми соҳибназар.
Хидмате аз аҳд писандидатар.
Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ, аҳдшикан, ҷаҳд кун.
Ганҷнишин мор, ки дарвеш нест,
Аз сар то дум камаре беш нест.
Аз паи он гашт фалак тоҷи сар,
К-аз сари хидмат ҳама тан шуд камар.
Ҳар кӣ зимоми ҳунаре мекашад,
Дар раҳи хидмат камаре мекашад.

Шамъ, ки ӯ хоҷагии нур ёфт,
Аз камари хидмати занбӯр ёфт.
Хез, Низомӣ, ки на барбастаӣ,
Аз паи хидмат чӣ камар бастаӣ.

## ДОСТОНИ МЕВАФУРӮШ ВА РӮБОҲ

Мевафурӯше, ки Яман ҷош буд,
Рӯбаҳаке хозини колош буд.
Чашми адаб бар сари раҳ доштӣ,
Қулбаи баққол нигаҳ доштӣ.
Қисабуре чанд шигарфӣ намуд,
Ҳеҷ шигарфеш намекард суд.
Дида ба ҳам зад, чу шитобаш гирифт,
Хуфту ба хуфтан раги хобаш гирифт.
Хуфтани он гург чу рӯбаҳ бидид,
Хоб дар ӯ омаду сар даркашид.
Қисабур он хоб ғанимат шумурд,
Омаду аз киса ғанимат бибурд.
Ҳар кӣ дар ин роҳ кунад хобгоҳ,
Ё сараш аз даст равад, ё кулоҳ...[9]

## ДОСТОНИ ДУ ҲАКИМИ МУТАНОЗЕЪ

Бо ду ҳаким аз сари ҳамхонагӣ
Шуд сухане чанд зи бегонагӣ.
Лофи манӣ буду туӣ барнатофт.
Мулк яке буду дуӣ барнатофт.
Ҳақ ду нашояд, ки яке бишнаванд,
Сар ду набояд, ки яке бидраванд.
Ҷои ду шамшер наёме кӣ дид?
Базми ду Ҷамшед мақоме кӣ дид?
Дар тамаъ он буд ду фарзонаро,
К-аз ду яке хос кунад хонаро.
Чун асабият камари кин гирифт,
Хона зи пардохтан оин гирифт.
Ҳар кӣ ба шабгир навое заданд,
Хонафурӯшона салое заданд,
К-аз сари носохтагӣ бигзаранд,
Сохтаи хеш ду шарбат хӯранд.

То кӣ дар ин поя қавидилтар аст,
Шарбати заҳри кӣ ҳалоҳилтар аст.
Мулки ду ҳикмат ба яке фан диҳанд,
Ҷони ду сурат ба яке тан диҳанд.
Хасми нахустин қадаре заҳр сохт,
Дар афине санги сияҳро гудохт.
Дод бад-ӯ к-ин маи ҷонпарвар аст,
Заҳр мадонаш, ки беҳ аз шаккар аст.
Шарбати ӯро ситад он шермард,
Заҳр ба ёди шакар осон бих(в) ард.
Нӯшгиё пухту бад-ӯ дарнишаст,
Раҳгузари заҳр ба тарёк баст.
Сӯхт чу парвонаю пар боз ёфт,
Шамъсифат боз ба маҷлис шитофт.
Аз чамани боғ яке гул бичид,
Хонд фусунею бар он бардамид.
Дод ба душман зи паи қаҳри ӯ,
Он гули пуркортар аз заҳри ӯ.
Он ба илоҷ аз тани худ заҳр бурд
В-ин ба яке гул зи таваҳҳум бимурд.
Ҳар гули рангин, ки ба боғи замист,
Қатрае аз хуни дили одамист.

## ДОСТОНИ ҲОҶӢ ВА СУФӢ

Каъбараве азми раҳ оғоз кард,
Қоидаи каъбаравон соз кард.
З-он чӣ фузун аз ғарази кор дошт,
Маблағи як бадраи динор дошт.
Гуфт, фалон сӯфии озодмард
Костӣ аз олами кӯтоҳгард.
Дар дилам ояд, ки диёнат дар ӯст,
Дар кас агар нест амонат, дар ӯст.
Рафту ниҳонеш фарохона бурд,
Бадраи динор ба сӯфӣ супурд.
Гуфт: «Нигаҳ дор дар ин парда роз,
То чу ман оям, ба ман ореш боз».
Хоҷа раҳи бодияро даргирифт,
Шайх зари орияро баргирифт.
«Ё раби зинҳор», ки худ чанд буд,[10]
То дили дарвеш дар он банд буд.
Гуфт: «Ба зар кори худ оростам,
Ёфтам он ганҷ, ки мехостам.

Зуд хӯрам, то накунад бастагӣ,
Он чӣ худо дод ба оҳистагӣ.»
Бозкушод аз гиреҳ он бандро,
Доди тараб дод шабе чандро.
Ҷумлаи он зар, ки бари хеш дошт,
Базли шикам карду шикам пеш дошт.
Даст бад-он ҳуққаи динор кард,
Зулфи бутон ҳалқаи зуннор кард.
Хирқаи шайхона шуда шох-шох,
Тангдилӣ мондаю узре фароҳ.
Сайд чунон хӯрд, ки доғаш намонд,
Равғане аз баҳри чароғаш намонд.
Ҳоҷии мо чун зи сафар гашт боз,
Қард бар он ҳиндуи худ турктоз.
Гуфт: «Биёвар ба ман, эй тезҳуш»,
Гуфт: Чӣ? Гуфто:
«Зар». Гуфто: «Хамӯш!
Дар карам овезу раҳо кун лаҷоҷ
Аз деҳи вайрон кӣ ситонад хироҷ.
Сарф шуд он бадра ҳаво дар ҳаво,
Муфлису бадра зи куҷо то куҷо?
Ғорате аз турк набурдаст кас,
Рахт ба ҳинду на супурдаст кас.
Рукнии ту рукни диламро шикаст,[11]
Хӯрдам аз он харда, ки бар ман нишаст.»
Мол ба сад ханда ба тороҷ дод,
Рафту ба сад гирья ба по истод.
Гуфт: «Қарам кун, ки пушаймон шудем,
Қофаре будему мусулмон шудем.
Табъи ҷаҳон аз халал обистан аст,
Гар халале рафт, хато бар ман аст».
То карамаш гуфт ба сад растхез:
«Хез, ки дарвеш ба пояст, хез...»
Гуфт: «Нахоҳӣ, ки вуболат кунам,[12]
В-он чӣ ҳаром аст, ҳалолат кунам,
Даст бидор,
эй чу фалак зарқсоз,
З-остини кӯтаҳу дасти дароз».
Ҳеҷ дил аз ҳирсу ҳасад пок нест,
Мӯътамадӣ бар сари ин хок нест...
Чарх на бар бедирамон мезанад,
Қофилаи мӯҳташамон мезанад.
Шаҳнаи ин роҳ чу ғоратгар аст,
Муфлисӣ аз мӯҳташамӣ беҳтар аст.

Дидам аз он ҷо, ки ҷаҳонбинӣ аст,
Қ-офати занбӯр зи ширинӣ аст.
Шер магар талх бад-он гашт х (в) ад,
К-аз паси маргаш нахӯрад дому дад
Шамъ зи бархостанӣ барнишаст,
Маҳ зи тамомӣ талабидан шикаст.
Бод, ки бо хок ба гургоштист.
Эмин аз ин роҳ зи нодонишист.
Мурғи шамарро магар огоҳияст,
Қ-офати моҳӣ дирами моҳияст[13]

**ДОСТОНИ ПОДШОҲИ ЗОЛИМ
ВА МАРДИ РОСТГӮЙ**

Подшоҳе буд раиятшикан,
В-аз сари ҳуҷҷат шуда ҳаҷҷоҷфан.[14]
Ҳар чӣ ба таърих шаб аз рӯз зод.
Бар дили ӯ дарс шудӣ бомдод.
Рафт яке пеши малик субҳгоҳ,
Розкушояндатар аз субҳу моҳ.
Аз қамар андӯхта шаббозие.
В-аз саҳар омӯхта ғаммозие.
Гуфт: «Фалон пир туро дар нуҳуфт
Хиракашу золиму хунрез гуфт».
Шуд малик аз гуфтани ӯ хашмнок,
Гуфт: «Ҳам акнун кунам ӯро ҳалок».
Натъ бияфганд бар ӯ рег рехт,
Дев зи девонагияш мегурехт.
Шуд ба бари пир ҷавоне чу бод,
Гуфт: «Малик бар ту ҷиноят ниҳод».
Пир вузу карду кафан даргирифт,
Пеши малик рафту сухан даргирифт.
Даст ба ҳам суд шаҳи тирарой
В-аз сари кин дид сӯи пушти пой.
Гуфт: «Шунидам, ки сухан рондаӣ,
Кинакашу хиракашам хондаӣ!
Огаҳӣ аз мулки Сулаймониям,
Деву ситамкора чаро хониям?»
Пир бад-ӯ гуфт: «На ман хуфтаам,
З-он чӣ ту гуфтӣ,
батарат гуфтаам,
Пиру ҷавон бар хатар аз кори ту,
Шаҳру деҳ озурда зи пайкори ту.

Ман, ки чунин айбшумори туам,
Дар баду нек оинадори туам.
Оина чун нақши ту бинмуд рост,
Худ шикан, оина шикастан хатост.
Ростиям бину ба ман дор ҳаш
В-ар на чунин аст, ба дорам бикаш».
Пир чу бар ростӣ иқрор кард,
Ростияш дар дили шаҳ кор кард.
Чун малик аз ростияш пеш дид,
Ростии ӯ, кажии хеш дид.
Гуфт: «Ханути кафанаш баркашед,
Аз сари бедодгарӣ гашт боз,
Ғолияю хилъати мо даркашед».
Додгаре гашт раиятнавоз.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Дар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз кирдигор.
Гар сухани рост бувад ҷумла дур,
Талх бувад, талх, ки алҳақ мур
Табъи Низомию дилаш ростанд,
Қораш аз ин ростӣ оростанд.

## ДОСТОНИ МАЛИКЗОДАИ ҶАВОН БО ДУШМАНОНИ ПИР...

Қисса шунидам, ки дар ақсои Марв
Буд маликзода ҷавоне чу сарв.
Музтариб аз давлатиёни диёр,
Мулк бар ӯ шефта чун рӯзгор.
Тозагияшро куҳанон дар ситез,
Пурхатар ӯ з-он хатари нимхез.
Як шаб аз он фитна бар андеша хуфт,
Дид, ки пиреш дар он ҳол гуфт:
«Қ-эй маҳи нав, бурҷи куҳанро бикан,
В-эй ғули нав, шохи куҳанро бизан!
То ба ту бар мулк муқаррар шавад,
Айши ту аз хӯи ту хуштар шавад».
Шаҳ чу сар аз хоби гарон баргирифт,
Он ду-се танро зи миён баргирифт.
Тоза бино карду куҳан дарнавашт,
Мулк бар он тоза,
малик тоза гашт.

Рахнакуни мулк сарафканда беҳ,
Лашкари бадаҳд пароканда беҳ.
Сар накашад шохи ту аз сарвбун,
То назанӣ гардани шохи куҳун.
То нашавад баста лаби ҷӯйбор,
Панҷаи даъвӣ накушояд чинор.
То накунӣ раҳгузари чашма пок,
Об назояд зи дилу чашми хок...
Як нафас он теғ барор аз ғилоф,
Чанд ғилофаш кунӣ, эй бар хилоф?
Он нафас аз ҳуққаи ин хок нест,
Ин ҳақ, он ҳам нафаси пок нест.
Пеши чунин кас ҳамагӣ пеш каш,
Номи карам бар ҳамаи хеш каш.
Давлатиён к-обу дирам ёфтанд,
Давлати боқӣ зи карам ёфтанд.
Тухми карам кишти саломат бувад,
Чун бирасад барг, қиёмат бувад.

## ДОСТОНИ КӮДАКИ МАҶРӮҲ

Кӯдаке аз ҷумлаи озодагон.
Рафт бурун бо ду-се ҳамзодагон,
Пояш аз он пӯя даромад зи даст,
Меҳри дилу мӯҳраи пушташ шикаст.
Шуд нафаси он ду-се ҳамсоли ӯ
Тангтар аз ҳодисаи ҳоли ӯ.
Он кӣ варо дӯсттарин буд, гуфт:
«Дар буни чоҳеш бибояд нуҳуфт,
То нашавад роз чу рӯз ошкор,
То нашавем аз падараш шармсор».
Оқибатандештарин кӯдаке
Душмани ӯ буд аз эшон яке.
Гуфт: «Ҳамоно ки дар ин ҳамраҳон
Сурати ин ҳол намонад ниҳон.
Чунки маро з-ин ҳама душман ниҳанд,
Тӯҳмати ин воқиа бар ман ниҳанд».
Зӣ-падараш рафту хабардор кард,
То падараш чораи он кор кард.
Ҳар кӣ дар ӯ ҷавҳари донноияст,
Бар ҳама чизеш тавоноияст.
Банди фалакро кӣ тавонад кушод,
Он кӣ бар ӯ пой тавонад ниҳод.

Чун зи каму беши фалак даргузашт,
Қори Низомӣ зи фалак баргузашт.

## ДОСТОНИ ҶАМШЕД БО ХОСАГИИ МАҲРАМ

Хоссагие маҳрами Ҷамшед буд,[15]
Хостар аз моҳ ба хуршед буд.
Қори ҷавонмард бад-он даркашид,
Қ-аз ҳама олам маликаш баркашид.
Чун ба вусуқ аз дигарон гӯй бурд,
Шоҳ хазина ба дарунаш супурд.
Бо ҳама наздикии шоҳ он ҷавон
Дуртарӣ ҷуст чу тир аз камон.
Рози малик ҷони ҷавонмард суфт,
Бо касе он роз наёрист гуфт.
Пирзане раҳ ба ҷавонмард ёфт,
Лолаи ӯ чун гули худ зард ёфт.
Гуфт, ки: «Сарво, чӣ хазон хӯрдаӣ,
Қ-об зи ҷӯи маликон хӯрдаӣ.
Зард чароӣ, на ҷафо мекашӣ?
Тангдилӣ чист, дар ин дил х (в) ашӣ?
Бар ту ҷавон гунаи пирӣ чарост?
Лолаи рухсори ту хайрӣ чарост?
Шоҳи ҷаҳонро чу тӯӣ роздон,
Рух бикушо чун дили шоҳи ҷаҳон.
Сурх шавад рӯи раият зи шоҳ,
Хосса рухи хоссагиёни сипоҳ».
Гуфт ҷавон: «Рои ту з-ин ғофил аст,
Бехабарӣ, з-он чӣ маро дар дил аст.
Сабр маро ҳамнафаси дард кард,
Рӯи маро сабр чунин зард кард.
Шоҳ ниҳодаст ба миқдори хеш
Дар дили ман гавҳари асрори хеш.
Ҳаст бузург он чӣ дар ин дил ниҳод,
Рози бузургон натавонам кушод.
Дар суханаш дил на чунон бастаам,
Қ-аз сари кам кори забон бастаам.
З-он накунам бо ту сари ханда боз,
То зи забон барнапарад мурғи роз.
Гар зи дил ин роз на берун шавад,
Дил ниҳам онро,
ки дилам хун шавад.

В-ар бикунам рози шаҳон ошкор,
Бахт хӯрад бар сари ман зинҳор».
Пирзанаш гуфт: «Мабар номи кас,
Ҳамдами худ, ҳам дами худ дону бас.
Хеҷ касе маҳрами ин дам мадон,
Сояи худ маҳрами худ ҳам мадон.
Зард беҳ ин чеҳраи диноргун,
З-он ки шавад сурх ба ғарқоби хун.
Мешунавам ман, ки шабе чанд бор
Пеши забон гӯяд сар зинҳор:
«Сар талабӣ, теғзабонӣ макун,
Рӯз наӣ, розфишонӣ макун.
Он саги девона забонкаш бувад.
Марди фурӯбастазабон х(в)аш бувад,
Маслиҳати туст забон зери ком,
Теғ писандида бувад дар наём».
Роҳати ин панд ба ҷонҳо-дар аст,
Қ-офати сарҳо ба забонҳо-дар аст.
То чу бунафша нафасат нашнаванд,
Ҳам ба забони ту сарат надраванд.
Дор дар ин ташт забонро нигоҳ,
То сарат аз ташт нагӯяд, ки «оҳ!»
Лаб макушой, арчи дар ӯ нӯшҳост,
Қ-аз паси девор басе гӯшҳост.
Бад машунав, вақти геронгӯшӣ аст,
Зишт магӯ, навбати хомӯшӣ аст.
Чанд нависӣ, қалам оҳиста дор,
Бар ту нависанд, забон баста дор.
Обсифат ҳар чӣ шунидӣ, бишӯй,
Оинасон он чӣ бидидӣ, магӯй.
Он чӣ бубинанд ғаюрон ба шаб,
Боз нагӯянд ба рӯз, эй аҷаб,
Лоҷарам ин гунбади анҷумфурӯз,
Он чӣ ба шаб дид, нагӯяд ба рӯз,
Гар ту дар ин парда адаб дидаӣ,
Рӯз магӯ, он чӣ ба шаб дидаӣ.
Шаб, ки ниҳонхонаи ганҷинаҳост,
Дар дили ӯ ганҷи басе синаҳост.
Барқравоне, ки дарун парваранд,
Он чӣ бубинанд, аз ӯ бигзаранд.
Ҳар кӣ сар аз арш бурун мебарад,
Гӯй зи майдони дарун мебарад.
Чашму забоне, ки бурундӯстанд,
Аз сари мӯянду зи тан пӯстанд...

Ин-т фасоҳат, ки забон бастагист,
Ин-т шитобе, ки дар оҳистагист.
Равшании дил хабар онро диҳад,
Қ-ӯ даҳани худ дигаронро диҳад.
Он луғати дил, ки баёни дил аст,
Тарҷуматаш ҳам ба забони дил аст.
Гар дили харсанг, Низомӣ, туросг,
Мулки қаноат ба тамомӣ туросг.

## ДОСТОНИ ҲОРУННАРРАШИД БО ҲАҶҶОМ

Даври хилофат чу ба Ҳорун[16] расид,
Рояти Аббос[17] ба гардун расид.
Нимшабӣ пушт ба ҳамхоба кард,
Рӯй дар осоиши гармоба кард.
Мӯйтароше, ки сараш месутурд,
Мӯй ба мӯяш ба ғаме месупурд:
Қ-эй шуда огоҳ зи устодиям,
Хос кун имрӯз ба домодиям.
Хитбаи тазвиҷ пароканда кун,
Духтари худ номзади банда кун».
Табъи халифа қадаре гарм гашт,
Бозпазирандаи озарм гашт.
Гуфт: «Ҳарорат ҷигараш тофтаст,
Ваҳшате аз даҳшати ман ёфтаст.
Бехудияш кард чунин ёвагӯй,
Варна накардӣ зи ман ин ҷустуҷӯй».
Рӯзи дигар нектараш озмуд,
Бар дирами қалб ҳамон сикка буд.
Таҷрибаташ кард чунин чанд бор,
Қоидаи мард нагашт аз қарор.
Қор чу беравнақӣ аз нур бурд,
Қисса ба дастурии дастур бурд
Қ-аз қалами мӯйтароше дуруст,
Бар сарам ин омаду ин сир ба туст.
Мансаби домодии ман боядаш,
Тарки адаб бин,
ки чӣ фармоядаш.
Дар даҳанаш ханҷару дар даст теғ,
Ҳар гаҳе к-ояд чу қазо бар сарам,
Сар ба ду шамшер супорам, дареғ.
Санг занад бар ману бар гавҳарам».

Гуфт вазир: «Эминӣ аз рои ӯ,
Бар сари ганҷ аст, магар пои ӯ.
Чунки расад бар сарат он содамард,
Гӯ, зи қадамгоҳи нахустин бигард.
Гар биҷаҳад гардани гарро бизан,
Вар на, қадамгоҳи нахустин бикан».
Мирмутеъ аз сари тавъе, ки буд,
Ҷой бадал кард, ба навъе ки буд.
Чун қадам аз манзили аввал бурид,
Гунаи ҳаҷҷом дигаргун дид.
Қамсухане дид даҳандӯхта,
Чашму забоне адабомӯхта.
То қадамаш бар сари ганҷина буд,
Сурати шоҳиш бар оина буд.
Чун қадам аз ганҷ тиҳисоз кард.
Кулбаи ҳаҷҷомии худ боз кард.
Зуд қадамгоҳ-ш бишкофтанд,
Ганҷ ба зери қадамаш ёфтанд.
Ҳар кӣ қадам бар сари ганҷе ниҳод,
Чун ба сухан омад, ганҷе кушод.
Ганҷи Низомӣ, ки тилисмафкан аст,
Синаи софию дили равшан аст.

## ДОСТОНИ БУЛБУЛ ВА БОЗ

Дар чамани боғ чу гулбун шукуфт,
Булбуле бо боз даромад ба гуфт:
«Қ-аз ҳама мурғон тӯӣ хомӯшсор,
Гӯй чаро бурдаӣ, охир, биёр.
То туӣ лаббаста кушодӣ нафас,
Як сухани нағз нагуфтӣ ба кас.
Манзили ту дастгаҳи санҷарӣ,
Тӯъмаи ту синаи кабки дарӣ.
Ман, як ба як чашмзад аз кони ғайб
Сад гуҳари нағз барорам зи ҷайб,
Тӯъмаи ман кирми шикорӣ чарост?
Хонаи ман бар сари хоре чарост?
Боз бад-ӯ гуфт: «Ҳама гӯш бош,
Хомӯшиям бингару хомӯш бош.
Ман, ки шудам коршинос андаке,
Сад кунаму бознагӯям яке.
Рав, ки тӯӣ шефтаи рӯзгор,
З-он ки яке накнию гӯӣ ҳазор.

Ман, ки ҳама маъниям, ин сайдгоҳ
Синаи кабкам диҳаду дасти шоҳ.
Чун ту ҳама захмзабонӣ тамом,
Қирмхӯру хокнишин, вассалом».
Хутба чу бар номи Фаридун кунанд,
Гӯш бар овози дуҳул чун кунанд?
Субҳ, ки бо бонги хурӯс асту бас,
Ханае аз роҳи фусус асту бас...
Бармакаш овозаи назми баланд,[18]
То чу Низомӣ нашавӣ шаҳрбанд.

## ДОСТОНИ ПИР ВА МУРИД

Раҳраве аз ҷумлаи пирони кор
Мешуду бо пир муриде ҳазор,
Пир дар он бодия як боди пок
Дод бизоат ба аминони хок.
Ҳар як аз он остине барфишонд,
То ҳама рафтанду яке шахс монд.
Пир бад-ӯ гуфт: «Чӣ афтод рой,
Қ-он ҳама рафтанду ту мондӣ ба ҷой?»
Гуфт мурид: — Эй дили ман ҷои ту,
Тоҷи сарам хоки кафи пои ту.
Ман на ба бод омадам аввал нафас,
То ба ҳамон бод шавам боз пас.
Мунтазири дод ба доде шавад,
В-омади бод ба боде шавад.
Зудраву зуднишин шуд ғубор,
З-он ба яке ҷой надорад қарор.
Кӯҳ ба оҳистагӣ омад
ба ҷой,
Аз сари он аст чунин дерпой.
Пардадарӣ пешаи даврон бувад,
Боркашӣ кори сабурон бувад.
Боркаши зӯҳд шав,
ар тар наӣ,
Бори табиат макаш ар хар наӣ.
То хати зӯҳди ту музаввар нашуд,
Дида бад-ӯ тар шуду ӯ тар нашуд.
Зӯҳд, ки дар заркаши султон бувад,
Қиссаи занбилу Сулаймон бувад.
Шамъ, ки ҳар шаб ба зарафшонӣ аст,
Зери қабо зоҳиди пинҳонӣ аст.

Зуҳд ғариб аст ба майхона-дар,
Ганҷ азиз аст ба вайрона-дар.
Зуҳди Низомӣ, ки тирози х (в) аш аст,
Зернишини амалӣ заркаш аст.

## ДОСТОНИ МӮБАДИ СОҲИБНАЗАР

Мӯбаде[20] аз кишвари Ҳиндустон
Раҳгузаре кард сӯи бӯстон.
Марҳалае дид мунаққашработ,
Мамлакате ёфт музавварбисот.
Ғунча ба хун баста чу гардун камар,
Лолаи камумр зи худ бехабар.
Аз чаман ангехта гул ранг-ранг,
В-аз шакар омехта май танг-танг.
Гул чу сипар хастаи пайкони хеш,
Бед ба ларза шуда бар ҷони хеш.
Зулфи бунафша расани гарданаш,
Дидаи наргис дирами доманаш.
Лола гуҳарсудаву фирӯза гул,
Якнафаса лолаву якрӯза гул.
Мӯҳлаташон як нафасе беш не,
Ҳеҷ касе оқибатандеш не.
Пир чу з-он равзаи мину гузашт
Баъди маҳе чанд бад-он сӯ гузашт.
З-он гулу булбул,
ки дар он боғ дид,
Нолаи муште зағану зоғ дид.
Дӯзахӣ афтода ба ҷои биҳишт,
Қайсари он қаср шуда дар киништ.
Сабза ба таҳлил бухоре шуда
Дастаи гул пуштаи хоре шуда.
Пир дар он тезравон бингарист,
Бар ҳама хандиду ба худ баргирист.
Гуфт, ба ҳангоми намояндагӣ,
Ҳеҷ надорад сари поядагӣ.
Ҳар чӣ сар аз хокию обӣ кашад,
Оқибаташ сар ба харобӣ кашад.
Беҳ зи харобӣ
чу дигар кӯй нест,
Ҷуз ба харобӣ шуданам рӯй нест.
Чун назар аз биниши тавфиқ сохт,
Орифи худ гашту худоро шинохт.

Сайрафии гавҳари он роз шуд,
То ба адам сӯи гуҳар боз шуд.
Эй ки мусулмонию габрит нест,
Чашмаиву қатраи абрит нест.
Қамтар аз он мӯбади ҳинду мабош,
Тарки ҷаҳон гӯю ҷаҳон гӯ мабош.
Чанд чу гул хирасарӣ сохтан,
Сар ба кулоҳу камар афрохтан.
Хезу раҳо кун камари гул зи даст,
К-ӯ камари хеш ба хуни ту баст.
Ҳаст кулоҳу камар офоти ишқ,
Ҳарду гарав кун ба хароботи ишқ.
Гаҳ кулаҳат хоҷагии гил диҳад,
Гаҳ камарат бандагии дил диҳад.
Кӯш, к-аз ин хоҷағуломӣ раҳӣ,
Ё чу Низомӣ зи низоме раҳӣ.

## ДОСТОНИ ЗОҲИДИ ТАВБАШИКАН

Масҷидие бастаи офот шуд,
Мӯътакифи кӯи хароботшуд
Май ба даҳан бурду чу май мегирист,
К-эй мани бечора, маро чора чист?
Мурғи ҳаво дар дилам ором кард,
Донаи тасбеҳ маро дом кард.
Каъба маро раҳзани авқот буд,
Хонаи аслим харобот буд.
Толеъ бад буду бадахтар шудам,
Номзади кӯи қаландар шудам.
Чашми адаб зери ниқоб аз ман аст,
Кӯи харобот, хароб аз ман аст.
Танг ҷаҳон бар мани маҳҷур бод,
Гарди ман аз домани ман дур бод.
Гарна қазо буд ману лот кай?
Масҷидию кӯи харобот кай?
Ҳиммат аз он ҷо, ки назар карда буд,
Гуфт ҷавоне, ки дар он парда буд,
К-ин равиш аз роҳи қаззо дур дор!
Чун ту қазоро ба ҷаве сад ҳазор.
Бар дари узр ою гунаҳро бишӯй,
Онгаҳ аз ин гуна ҳадисе бигӯй
Чун ту равӣ узрпазират баранд,
В-арна худ оянду асират баранд.

Сабза чаридан забари хок бас,
Найшакари сабзи ту афлок бас.
То набарад хобат,
аз ӯ гӯша кун
Андаке аз баҳри адам тӯша кун!
Хуш набувад дида ба хуноб-дар,
Зиндаву мурда ба яке хоб-дар.
Дин, ки туро дид чунин масти хоб,
Чеҳра ниҳон кард ба зери ниқоб».
Хез, Низомӣ, ки малик барнишаст,
Нимшаб ин ҷо шавӣ пойбаст!

## ДОСТОНИ САГУ САЙЁД ВА РӮБОҲ

Сайдгаре буд аҷаб тезбин
Бодияпаймою мароҳилгузин.
Шерсаге дошт, ки чун пӯ гирифт,
Сояи хуршед ба оҳу гирифт.
Саҳмзада каркадан аз гарданаш?
Гӯр зи дандони гавазнафканаш.
Дар сафараш мӯнису ёр омада,
Чанд шабонрӯз ба кор омада.
Буд дили меҳрфурӯзаш бад-ӯ,
Поси шабу рӯзии рӯзаш бад-ӯ.
Гашт гум он шерсаг аз шерамард,
Мард бар он дил, ки ҷигар гурба х (в) ард.
Гуфт: «Дар ин раҳ, ки миёнҷӣ қазост,
Пои сагеро сари шере баҳост.
Гарчи дар ин ғам ҷигар аз ҷон гирифт,
Ҳам ҷигари хеш ба дандон гирифт».
Собирие, к-он на ба ӯ буд, кард,
Ҳар ҷави сабраш дираме суд кард.
Танзкунон рӯбаҳе омад зи дур,
Гуфт: Сабурӣ макун, эй носабур,
Мешунавам, к-он ба ҳунар так намонд,
Бод бақои ту, гар он саг намонд!
Дӣ, ки зи пеши ту ба нахчир шуд,
Тезакӣ карду адамгир шуд.
Ин ки саг имрӯз шикори ту кард
То ду маҳат бас бувад, эй шерамард
Хезу кабобе ба дили хеш деҳ,
Мағз ту хӯр, пӯст ба дарвеш деҳ».

Чарбхӯриш буд туро пеш аз ин,
Рӯбаҳи фарбеҳ нахӯрӣ беш аз ин.
Эмини аз равғани аъзои мо,
Раст мизоҷи ту зи сафрои мо
Дурӣ аз ӯ, ин чӣ ҷигар хорӣ аст?!
Ғам нахӯрӣ, ин чӣ ҷигар хорӣ аст?!
Сайдгараш гуфт шаб обистаи аст,
Ин ғами якрӯза барои ман аст,
Шод бар онам,

ки дар ин дайри танг
Шодию ғам ҳарду надорад диранг.
Ин ҳама мирию ҳама бандагӣ
Ҳаст дар ин қолиби гардандагӣ.
Анҷуму афлок ба гаштан-даранд,
Роҳату меҳнат ба гузаштан-даранд.
Шоддилам з-он ки дили ман ғамист,
К-омадани ғам сабаби хуррамист.
Гурги маро ҳолати Юсуф расид,
Гург наям, ҷома нахоҳам дарид.[21]
Гар ситадандаш зи ман, эй ҳиласоз,
Бо чу ту сайде ба ман оранд боз.
Ӯ ба сухан дар, ки баромад ғубор,
Гашт саг аз пардаи гард ошкор,
Омаду гирдаш ду-се ҷавлон гирифт,
Нефаи рӯбоҳ ба дандон гирифт.
Гуфт: «Бад-ин хӯрда, ки дер омадам
Рӯбаҳ донад, ки чу шер омадам.
Тавқи ман овезиши дини ту шуд,
Қандаи рӯбоҳ яқини ту шуд».
Ҳар кӣ яқинаш ба иродат кашад,
Хотами кораш ба саодат кашад.
Роҳи яқин ҷӯй зи ҳар ҳосиле,
Нест муборактар аз ин манзиле.
Пой барафтори яқин сар шавад,
Санг ба пиндори яқин зар шавад.
Гар қадамат шуд ба яқин устувор
Гард зи дарё, нам аз оташ барор!
Ҳар кӣ яқинро ба таваккал сиришт,
Бар карам-ур-ризқ алаллаҳ навишт.
Пашшаи хону магаси кас нашуд,
Ҳар чӣ ба пеш омадаш аз пас нашуд.
Рӯзии ту боз нагардад зи дар,
Кори худо кун, ғами рӯзӣ мах(в)ар.

Бар дари ӯ шав, ки аз инон беҳ ӯст,
Рӯзӣ аз ӯ хоҳ, ки рӯзидеҳ ӯст.
Аз ману ту ҳар кӣ бад-он даргузашт
Ҳеҷ касе, беғаразе во нагашт.
Аҳли яқин тоифаи дигаранд,
Мо ҳама поем, гар эшон саранд.
Чун сари саҷҷода бар об афгананд,
Ранги асал бар маи ноб афгананд.
Умр чу якрӯза қарорат надод,
Рӯзии садсола чӣ бояд ниҳод?!
Сурати моро,
ки амал сохтанд,
Қисмати рӯзӣ ба азал сохтанд.
Рӯзӣ аз он ҷот фиристодаанд,
Он хӯрӣ ин ҷо, ки туро додаанд.
Гарчи дар ин халқ басе ҷаҳд кард,
Бештар аз рӯзии худ кас нах (в) ард.
Ҷаҳд бад-ин кун, ки бар ин аст аҳд,
Рӯзию давлат нафизояд ба ҷаҳд.
То шавӣ аз ҷумлаи олам азиз,
Ҷаҳди ту мебояд тавфиқ низ.
Ҷаҳди Низомӣ нафасе буд сард,
Гармии тавфиқ ба чизеш кард.

## ДАР ФАЗИЛАТИ ОДАМӢ БАР ҲАЙВОНОТ

Эй ба замин-бар чу фалак нозанин,
Нозкашат ҳам фалаку ҳам замин,
Қори ту з-он ҷо, ки хабар доштӣ,
Бартар аз он шуд, ки ту пиндоштӣ.
Аввал аз он доя, ки парвардаӣ,
Шир нахурдӣ, ки шакар хӯрдаӣ.
Некӯият бояд, к-афзун бувад,
Некӯӣ афзунтар аз ин чун бувад?
Қ-аз сари он хома, ки хоридаанд
Нағз нигорит, нигоридаад.
Риштаи ҷон бар ҷигарат бастаанд
Гавҳари тан бар камарат бастаанд.
Беҳ, ки заифӣ, ки дар ин марғзор,
Оҳуи фарбеҳ надавад бо низор.
Ҷонвароне, ки ғуломи туанд,
Мурғи алафхораи доми туанд.

Чун ту ҳумой, шарафи кор бош,
Кам хӯру кам гӯю камозор бош!
Ҳар кӣ ту бинӣ зи сапеду сиёҳ,
Бар сари корест дар ин коргоҳ.
Ҷуғд, ки шум аст ба афсона-дар,
Булбули ганҷ аст ба вайрона-дар.
Ҳар чӣ дар ин парда нишониш ҳаст,
Дархӯри тан қимати ҷониш ҳаст.
Гарчи зи баҳри ту ба гавҳар каманд,
Чун ту ҳама гавҳарии оламанд.
Бешу камеро, ки кашӣ дар шумор,
Ранҷ ба қадри дияташ чашмдор.
Неку бади мулк ба кори туанд,
Дар баду нек оинадори туанд.
Кафш диҳӣ боздиҳандат кулоҳ,
Парда дарӣ, парда дарандат чу моҳ.
Хезу макун пардадарӣ субҳвор,
Ту чу шабат ном бувад пардадор.
Пардаи занбӯр гули сурӣ аст
В-они ту ин пардаи занбӯри аст.
Чанд парӣ чун магас аз баҳри қут,
Дар даҳани ин танаи анкабут?
Пардагиёне, ки ҷаҳон доштанд,
Рози ту дар парда ниҳон доштанд.
Аз раҳи он парда фузун омадӣ
Лоҷарам аз парда бурун омадӣ.
Дил, ки на дар парда видоаш макун
Ҳар чӣ на дар парда самоаш макун.
Шуъбадабозӣ,
ки дар ин парда ҳаст,
Бар сарат ин парда ба бозӣ набаст.
Даст ҷуз ин парда ба ҷое мазан,
Хориҷ аз ин парда навое мазан,
Бишнав аз ин пардаву бедор шав,
Хилватии пардаи асрор шав.
Ҷисматро поктар аз ҷон кунӣ,
Чунки чиҳил рӯз ба зиндон кунӣ.
Мард ба зиндон шараф орад ба даст,
Юсуф аз ин рӯй ба зиндон нишаст.
Қадри дилу пояи ҷон ёфтан,
Ҷуз ба риёзат натавон ёфтан.
Сими табоеъ ба риёзат шумор,
Зарри табиат ба риёзат барор.
То зи риёзат ба мақоме расӣ.

Қ-ат ба касе даркашад ин нокасӣ.
Тавсании табъ чу ромат шавад,
Сиккаи ихлос ба номат шавад.
Ақлу табиат, ки туро ёр шуд,
Қиссаи оҳангару аттор шуд,
К-ин зи табиш обиларӯят кунад,
В-он зи нафас ғолиябӯят кунад.
Дар бунаи табъ наҷот андакест,
Дар қафаси марг ҳаёт андакест.
Ҳар чӣ хилофомади одат бувад,
Қофиласолори саодат бувад.
Сар зи ҳаво тофтан аз сарварист,
Тарки ҳаво қуввати пайғамбарист.
Гар нафасе нафс ба фармони туст,
Кафш биёвар, ки биҳишт они туст.
Аз ҷараси нафс баровар ғирев,
Бандаи дин бош, на муздури дев.
Дар ҳарами дин ба ҳимоят гурез,
То раҳӣ аз кашмакашӣ растахез.
З-оташи дӯзах,
ки чунон ғолиб аст,
Бӯи набӣ шаҳнаи Бӯтолиб аст.
Ҳаст ҳақиқат назари муқбилон,
Диръи паноҳандаи равшандилон.

## АЗ «ХУСРАВ ВА ШИРИН»

### ҲИКОЯТ

Шунидастам, ки давлатпешае буд,
Ки бо Юсуфрухеш андешае буд.[1]
Чунон дар кори он дилдор дил баст,
Ки аз тимори кори хештан раст.
Чунон дар дил нишонд он дилситонро,
Ки бо ҷонаш мусалсал кард ҷонро.
Гараш сад боғ бахшиданд̄и аз нур,
Набурд̄и миннати як хӯша ангур.
Чу доданд̄и гуле бар дасти ёраш,
Рух аз шод̄и шуд̄и чун навбаҳораш.
Ба ҳукми он ки ёр ӯро чу ҷон буд,
Мудом аз шодии ӯ шодмон буд.
Муроди шаҳ, ки мақсуди ҷаҳон аст
Биайниҳ бо бародар ҳамчунон аст.
Мабод ин дурҷи давлатро наварде
Маяфтон андар ин нӯшоб гарде...
Ба қадри он ки бод аз зулфи мушкин
Гаҳе Ҳиндустон созад, гаҳе Чин.
Ҳама туркони Чин боданд ҳиндуш
Мабод аз чиниён чине бар абрӯш.
Ҳасудаш бастаи банди ҷаҳон бод,
Чу гардад дӯст, басташ парниён бод.

## АФСОНА ГУФТАНИ ХУСРАВУ ШИРИН ВА ШОПУРУ ДУХТАРОН

Малик дар тахти Афредун нишаста,
Дил андар қиблаи Ҷамшед баста.
Фурӯғи рӯи Ширин дар димоғаш
Фароғат дода аз шамъу чароғаш.
Насими сабзаю бӯи раёҳин
Паём оварда аз Хусрав ба Ширин:
«Қ-аз ин хуштар шабе хоҳад расидан?
В-аз ин шодобтар бӯе дамидан?
Чаро чандин висол аз дур бинем?
Маҳи рухсори худ бенур бинем?
В-агар хунем, хунат чун наҷӯшад,
Ҳавое мӯътадил, чун хуш нахандем,
Танӯре гарм, нон чун дарнабандем?
В-агар ҷӯшад, ба ман бар чанд пӯшад?
На ҳар рӯзе зи нав рӯяд баҳоре,
На ҳар соат ба дом ояд шикоре.
Ба ақл он беҳ, ки рӯзи х (в) арда бошад,
Ки бешак кори карда карда бошад.
Басо нон, к-аз паи сайёд бурданд,
Чу дидӣ моҳию мурғон-ш хӯрданд,
Масал зад гург,
чун рӯбаҳ дағо буд,
Талаб ман кардаму рӯзӣ туро буд».
Аз ин фикрат, ки бо он моҳ мерафт,
Чу моҳ он офтоб аз роҳ мерафт.
Дигар раҳ девро дар банд медошт,
Фаришташ бар сари савганд медошт.
Аз ин сӯ тахти шоҳаншаҳ ниҳода,
Вишоқе чанд бар пой истода.
Ба хидмат пеши чашми шоҳ Шопур
Чу пеши ганҷи бодоварда ганҷур.
В-аз он сӯ офтоби бутпарастон
Нишаста гирди ӯ даҳ норпистон.
Фарангису Суҳайли сарвболо,
Аҷабнӯшу Фалакнозу Ҳумайло,
Ҳумоюну Сумантурку Паризод,
Хутанхотуну Гавҳармулку Дилшод.
Гулобу лаълро бар кор карда,
Зи лаъле рӯй чун гулнор карда.
Чу мастӣ хони шарм аз пеш бардошт,
Хирад роҳи висоқи хеш бардошт.

Малик фармуд, то ҳар дилситоне
Фурӯ гӯяд ба навбат достоне.
Нишаста лаълдорони қасабпӯш,
Қасаб бар моҳ баста, лаъл бар гӯш.
Зи ғамза тиру аз абрӯ камонсоз,
Ҳама борикбину ростандоз.
Зи шаккар ҳар яке тунге кушода,
Зи ширин бар шакар тунге ниҳода.

## АФСОНАСАРОИИ ДАҲ ДУХТАР

Фарангис аввалин маркаб равон кард:[2]
«Ки давлат дар замин ганҷе ниҳон кард.
Аз он давлат Фаредуне хабар дошт,
Заминро боз кард, он ганҷ бардошт».
Суҳайли симтан гуфто: «Тазарве
Ба бозӣ буд дар поини сарве.
Фуруд омад яке шоҳин ба шабгир,
Тазарви нозанинро кард нахҷир».
Аҷабнӯши шакарпосух чунин гуфт:
«Ки анбарбӯ гуле дар боғ бишкуфт.
Биҳиштӣ мурғе омад сӯи гулзор,
Рабуд он анбарин гулро ба минқор».
Аз он беҳ достоне зад Фалакноз:
«Ки моро буд як чашм аз ҷаҳон боз.
Ба мо чашме дигар кард ошноӣ,
Ду беҳ бинад зи чашме рӯшноӣ».
Ҳумайло гуфт: «Обе буд равшан,
Равон гашта миёни сабз гулшан.
Ҷавоншере баромад ташна аз роҳ,
Бад-он чашма даҳон тар кард ногоҳ».
Ҳумоюн гуфт: «Лаъле буд коне
Зи ғоратгоҳи байёон ниҳонӣ.
Даромад давлати шоҳӣ ба тороҷ,
Ниҳод он лаълро бар гӯшаи тоҷ».
Сумантурки суманбар гуфт: «Як рӯз
Ҷудо гашт аз садаф дурре шабафрӯз.
Фалак дар икди шоҳӣ банд кардаш,
Ба ёқуте дигар пайванд кардаш».
Паризоди парирух гуфт: «Моҳе,
Ба бозӣ буд дар нахҷиргоҳе.
Баромад офтобе з-осмон пеш,
Кашид он моҳро дар чанбари хеш».

Хутанхотун чунин гуфт аз сари ҳуш,
«Ки танҳо буд шамшоде қасабпӯш.
Бад-ӯ пайваст ногаҳ сарве озод,
Ки хуш бошад ба як ҷо сарву шамшод».
Даҳон бикшод Гавҳармулки дилбанд,
«Ки Зӯҳра низ танҳо буд якчанд.
Саодат баркушод иқболро даст,
Қирони Муштарӣ дар Зӯҳра пайваст».
Чу омад дар сухан навбат ба Шопур,
Суханро тоза кард аз ишқи маншур
«Ки Ширин ангубине буд дар ҷом,
Шаҳаншоҳ равғани ӯ шуд саранҷом.
Ба рангомезии санъат ман онам,
Ки дар ҳалвои эшон заъфаронам».
Пас он гаҳ кардашон дар паҳлавӣ ёд,
«Ки аҳсант, эй ҷаҳонпаҳлав ду ҳамзод.
Ҷаҳонро ҳар ду чун равшан дурахшед,
Зи якдигар мабурреду малахшед».
Сухан чун бар лаби ширин гузар кард,
Ҳаво пурмушку саҳро пуршакар кард.
Зи шарм андар замин медиду мегуфт,
«Ки дил бе ишқ буду ёр бе ҷуфт.
Чу Шопур омад андар чораи кор,
Диламро пора кард он пораи кор.
Қазои ишқ агарчи сарнабишт аст,
Маро ин сарнавишт ӯ дарнабиштаст.
Чу сарришта сӯи ин нақши зебост,
Зи сурхӣ нақши рӯям нақши дебост.
Маро к-аз дасти Хусрав нуқлу ҷом аст,
На Кайхусравпано (ҳ) Хусрав ғулом аст.
Сарам аз сояи ӯ тоҷвар бод,
Надимаш бахту давлат роҳбар бод».
Чу давр омад ба Хусрав, гуфт: «Боре
Сияҳшере буд андар марғзоре.
Гавазне бар раҳи шер ошён кард,
Расан бар гардани шери жаён кард.
Ман он шерам,
ки Ширинам ба наҳҷир
Ба гардан барниҳод аз зулф занҷир.
Агар Ширин набошад дастгирам,
В-агар шери жаён ояд ба ҳарбам,
Чу Ширин сӯи ман бошад биҷарбам».
Ҳарифон ҷинсу ёрон аҳл буданд,
Ба ҳар ҳарфе, ки мешуд даст суданд.

Дили маҳрам бувад чун тахтаи хок,
Бар ӯ дасте занӣ ҳолӣ шавад чок,
Дигар раҳ табъи Ширин гармтар гашт,
Дилаш дар кори Хусрав нармтар гашт.
Қадаҳ пурбода карду лаъл пурнӯш,
Ба Хусрав дод, к-инро нӯш кун, нӯш.
Бихӯр, к-ин ҷоми ширин нӯш бодат,
Ба ҷуз Ширин ҳама фармӯш бодат.
Малик чун гул шудӣ ҳар дам шукуфта,
Аз он лаъли насуфта лаъл суфта.
Гаҳе гуфт: «Эй қадаҳ, шаб рахт бандад,
Ту бигрӣ талх, то Ширин бихандад».
Гаҳе гуфт: «Эй саҳар, манмой дандон,
Маханд, офоқро бар ман махандон».
Ба дасти он бутони маҷлисафрӯз
Сипеҳр ангуштарӣ мебохт то рӯз.
Бибурд ангуштарӣ, чун субҳ бархост,
Ки бар бонги хурӯс ангуштарӣ хост.
Бутон чун ёфтанд аз хуррамӣ баҳр,
Шуданд аз соҳати саҳро сӯи шаҳр.
Ҷаҳон хӯрданду як ҷав ғам нахӯрданд,
Зи шодӣ коҳбарге кам накарданд.
Чу омад шишаи хуршед бар санг,
Ҷаҳон бар халқ шуд чун шишаи танг.
Дигар раҳ шишаи май баргирифтанд,
Чу шиша бодаҳо бар сар гирифтанд.
Бар он шишадилон аз турктозӣ
Фалакро пеша гашта шишабозӣ.
Ба май хӯрдан тарабро тоза карданд,
Ба ишрат ҷони шабро тоза карданд.
Ҳамон афсонаи дӯшина гуфтанд,
Ҳамон лаълу дури дӯшина суфтанд.
Дили Хусрав зи ишқи ёр пурҷӯш,
Ба ёди нӯшлаб мекард май нӯш.
Маи рангин, зиҳӣ, товус бо мор,
Лаби Ширин, зиҳӣ, хурмои бехор.
Ниҳода бар яке каф соғари мул,
Гирифта бар дигар каф дастаи гул.
Аз он май хӯрду з-он гул бӯй бардошт,
Паи дилҷӯстани дилҷӯй бардошт.
Шароби талх дар ҷонаш асар кард,
Ба ширинӣ сӯи Ширин назар кард.
Ба ғамза гуфт бо нуктае чанд,
Ки буд аз бӯса лабҳоро забон банд.

Ҳам аз роҳи ишоратҳои фаррух
Ҳадиси хештанро ёфт посух...
Ҳама шаб посбонӣ пеша карданд,
Басе шаброю дар ин андеша карданд.
Зи гармӣ рӯи Хусрав х (в) ай гирифта,
Сабӯҳи хуррамиро пай гирифта.
Қи Ширинро чӣ гуна маст ёбад,
Бар он тунги шакар чун даст ёбад.
Намеафтод фурсат дар миёна,
Қи тири Хусрав афтад бар нишона.
Дили шодаш ба дидори филафрӯз
Тараб мекарду хуш мебуд то рӯз.
Чу бар Шабдизи шабгулгун хуршед
Ситом афканд чун гулбар бар бед.
Маҳу хуршед дил дар сайд бастанд,
Ба Шабдизу ба Гуглун барнашастанд.[3]
Шуданд аз марзи Мувқон сӯи Шаҳрӯд,
Бино карданд шаҳре аз маю рӯд.
Гаҳе бар гирди шат бастанд занҷир,
Зи мурғу моҳӣ афкананд нахчир.
Гаҳе бар фурзаи нӯшоби Шаҳрӯд
Ҷаҳон пурнӯш кардан аз маю рӯд.
Гаҳе ронданд сӯи дашти Мандур,
Тиҳӣ карданд даст аз оҳую гӯр.
Бад-ин сон рӯзҳо тадбир карданд,
Гаҳе ишрат, гаҳе нахҷир карданд.
Арӯси шаб нақш афканд бар даст,
Ба шаҳророи анҷум кулаҳ баст.
Арӯси шоҳ низ аз ҳаҷла бархост,
Ба рӯи хештан маҷлис биёрост.
Арӯсони дигар бо ӯ шуда ёр,
Ҳама маҷлис арӯсу шоҳ бекор.
Шакар бисьёру бодом андаке буд,
Қабӯтар беҳаду шоҳин яке буд.
Ҳама бар ёди Хусрав май гирифтанд,
Паёпай хушдилиро пай гирифтанд.
Шабе бе рӯду ромишгар набуданд,
Замоне бе маю соғар набуданд.
Маю маъшуқ, гулзору ҷавонӣ,
Аз ин хуштар набошад зиндагонӣ.
Тамошои гулу гулзор кардан,
Маи лаъл аз кафи дилдор х(в)ардан.
Ҳамоил дастҳо дар гардани ёр,
Дарахти норван печида бар нор.

Ба дасте домани ҷонон гирифтан,
Ба дигар даст набзи ҷон гирифтан,
Гаҳе ҷустан ба ғамза чорасозӣ,
Гаҳе кардан ба бӯса нардбозӣ,
Гаҳ овардан баҳори тар дар оғӯш,
Гаҳе бастан бунафша бар баногӯш,
Гаҳе дар гӯши дилбар роз гуфтан,
Гаҳе ғамҳои дилпардоз гуфтан,
Ҷаҳон ин асту ин худ дар ҷаҳон нест,
В-агар ҳаст эй аҷаб, ҷуз як замон нест.

## ПАНДИ ШИРИН БА ХУСРАВ ДАР ДОДУ ДОНИШ

Ба нузҳат буд рӯзе бо дилафрӯз,
Сухан дар доду дониш мешуд он рӯз.
Замин бӯсид Ширин, к-эй худованд,
Зи ромиш сӯи дониш кӯш якчанд.
Басе кӯшидаӣ дар компронӣ,
Басе дигар ба коми дил биронӣ.
Ҷаҳонро кардаӣ аз неъмат обод,
Харобаш чун тавон кардан ба бедод?
Чу он гове, ки аз вай шир хезад,
Лагад дар шир гирад, то бирезад,
Ҳазар кун-з-он ки ногаҳ дар камине
Дуое бад кунад хилватнишине.
Зане пир аз нафасҳои ҷавона
Занад тире саҳаргоҳ бар нишона,
Надорад судат он гаҳ бонгу фарьёд,
Ки нафрин дода бошад мулк барбод.
Басо оина, к-андар дасти шоҳон
Сиёҳ гашт аз нафири додхоҳон.
Чу давлат рӯи баргардонад аз роҳ,
Ҳама коре на бар мавқеъ кунад шоҳ.
Чу барги боғ гирад нотавонӣ,
Хабар пешин барад боди хазонӣ...
Чу селе рехтан хоҳад ба анбӯҳ,
Биғуррад кӯҳан абр аз сари кӯҳ.
Тагарге,
к-ӯ занад гашниз бар хок,
Расад худ бӯи гашнизаш бар афлок.
Дарахте, к-аввал аз пайванд каж хост,
Нашояд ҷуз ба оташ карданаш рост.

Ҷаҳонсӯзӣ бад асту ҷаврсозӣ,
Туро беҳ, гар раиятро навозӣ.
Аз он тарсам, ки гардад ин масал рост,
Ки он шаҳ гуфт, к-ӯро кас намехост.
Кӯҳан давлат чу бошад дерпайванд,
Раиятро набошад ҳеҷ дар банд.
Зи мисли худ ҷаҳонро тоқ бинад,
Ҷаҳон худро ба истеҳқоқ бинад.
Зи мағрурӣ, ки дар сар ноз гирад,
Муроот аз раият боз гирад.
Навиқболе барорад даст ногоҳ,
Кунад дасти дароз аз халқ кӯтоҳ.
Халоиқро чу некӯхоҳ гардад,
Ба иҷмои халоиқ шоҳ гардад.
Хирадмандию шоҳӣ-ҳар ду дорӣ,
Сапедию сиёҳӣ-ҳар ду дорӣ.
Қасе, к-ӯ симу зар таркиб созад,
Қиёматро кучо тартиб созад.
Бубин, дур аз ту шоҳоне, ки мурданд,
Зи молу мулку шоҳӣ ҳеҷ бурданд?
Бидонӣ, мол бадхоҳи ту бошад,
Бибахшӣ, шаҳнаи роҳи ту бошад.
Фурӯ хон қиссаи Дорою Ҷамшед,
Ки бо ҳар як чӣ бозӣ кард хуршед.
Дар ин нӯҳ парда оҳанг онҷунон сое,
Ки донӣ пардаи пӯшидаро роз.

## АЗ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

### ТАМСИЛ

Курде[1] хараке ба Қаъба гум кард,
Дар Қаъба давиду уштулум кард,
К-ин бодияро раҳе дароз аст,
Гум гаштани хар зи ман чӣ роз аст?
Ин гуфту чу гуфт, боз пас дид,
Хар диду чу дид хар, бихандид.
Гуфто: «Харам аз миёна гум буд,
Воёфтанаш ба уштулум буд».
Гар уштулуме намезад он курд,
Хар мешуду бор низ мебурд.
Ин деҳ, ки ҳисори беҳушон аст,
Иқтои деҳи забункушон аст.
Бе шердиле ба сар наёяд
В-аз говдилон ҳунар наёяд.
Соқӣ, маи ноб дар қадаҳ рез,
Обе бизан, оташе барангез.
Он май, ки чу рӯи санг шӯяд,
Ёқут зи рӯи санг рӯяд.

### ҲИКОЯТ

Кабке ба даҳан гирифта мӯре,
Мекард бар он заиф зӯрӣ.

Зад қаҳқаҳа мӯр бекароне.
К-эй кабк, ту инчунин надонӣ».
Шуд кабки дарӣ зи қаҳқаҳа суст,
К-ин пешаи ман, на пешаи туст.
Чун қаҳқаҳа кард кабк ҳолӣ
Минқор зи мӯр кард холӣ.
Ҳар қаҳқаҳа, к-инчунин занад мард,
Шак на, ки шукӯҳ аз ӯ шавад фард.[2]
Ханда, ки на дар мақоми хеш аст,
Дархӯрди ҳазор гиря беш аст.
Чун ман зи паи азобу ранҷам,
Роҳат ба кадом ишва санҷам.
Он пирхаре, ки мекашад бор,
То ҷон-ш ҳаст, мекунад кор.
Осудагӣ он гаҳе пазирад,
К-аз зистани чунин бимирад.
Дар ишқ чӣ ҷои бими теғ аст,
Теғ аз сари ошиқон дареғ аст.
Ошиқ зи ниҳеби ҷон натарсад,
Ҷонталаб аз ҷаҳон натарсад.
Чу моҳи ман ӯфтод дар меғ,
Дорам сари теғ, ку сари теғ?
Сар, к-ӯ зи фидо дареғ бошад,
Шоистаи ташту, теғ бошад.[3]
З-ин ҷон, ки бар оташ уфтодаст,
Бо нохушиам х(в)аш уфтодаст
Ҷонест маро бад-ин табоҳӣ,
Бигзор, ки ҷони ман чӣ хоҳӣ?!
Маҷнун чу ҳадиси худ фурӯ гуфт,
Бигрист падар бад-он чӣ ӯ гуфт...

## ҲИКОЯТ

Дар қисса шунидаам, ки боре
Будаст ба Марв тоҷдоре.
Дар силсила доштӣ саге чанд,
Девонафашу чу деви дар банд.[4]
Ҳар як ба салобати гурозе,
Бурда сари уштуре ба гозе.
Шаҳ чун шудӣ аз касе бар озор,
Додеш бад-он сагони хунхор.
Ҳар кас, ки зи шоҳ беамон буд,
Овардану хӯрданаш ҳамон буд.

Буд аз нудамои шаҳ ҷавоне,
Дар ҳар ҳунаре тамомдоне.
Тарсид, ки шоҳи ошносӯз
Бегона шавад бад-ӯ яке рӯз.
Оҳуи варо ба саг намояд,
Дар пеши сагон-ш озмояд.
Аз бими сагон бирафт пешӣ,
Бо сагбонон гирифт хешӣ.
Ҳар рӯз шудию гӯсфанде
Дар матраҳи он сагон фикандӣ.
Чандон бинавохтшон бад-он сон,
Қ-он душворӣ бад-ӯ шуд осон.
Аз миннати даст зери пояш
Гаштанд сагон мутеи рояш.
Рӯзе ба тариқи хашмнокӣ
Шаҳ дид дар он ҷавони хокӣ.
Фармуд ба сагдилони даргоҳ,
То пеши сагон барандаш аз роҳ.
В-он сагманишон сагӣ намуданд,
Чун саг ба табаррукаш рабуданд.
Бастанду бад-он сагон-ш доданд,
Худ дур шуданду истоданд.
В-он шерсагони оҳанинчанг
Қарданд нахуст бар вай оҳанг
Чун мунъими худ шинохтандаш,
Дум лобакунон навохтандаш.
Гирдаш ҳама даст банд бастанд,[5]
Сар бар сари дастҳо нишастанд.
Буданд бар ӯ чу доя дилсӯз,
То рафт бар ин яке шабонрӯз
Чун рӯзи сапед рӯй бинмуд,
Сайфури сиёҳ шуд зарандуд.
Шуд шоҳ зи кори худ пушаймон,
Ғамгин шуду гуфт бо надимон,
К-он оҳуи бегуноҳро дӯш
Додам ба саг, ин-т хоби харгӯш.
Бинед, ки он сагон чӣ карданд,
Андоми варо чӣ гуна х (в) арданд?
Сагбон чу аз ин сухан шуд огоҳ,
Омад бари шоҳу гуфт, к-эй шоҳ,
Ин шахс на одамӣ, фариштаст,
К-эзид зи кароматаш сириштаст.
Бархезу биё, бубин дар он нур,
То сунъи худой бинӣ аз дур.

Ӯ дар даҳани сагон нишаста,
Дандони сагон ба мӯҳр баста.
З-он гургсагони аждаҳорӯй
Н-озурда бар ӯ яке сари мӯй».
Шаҳ кард шитоб, то шитобанд,
Он гумшударо магар биёбанд.
Бурданд муваккилони роҳаш,
Аз силки сагон ба садри шоҳаш,
Шаҳ монд шигифт, к-он ҷавонмард,
Чун буд, ки аз сагон наёзард.
Гирьён-гирён ба пой бархост,
Сад узр ба оби чашм аз ӯ хост.
Гуфто, ки «Сабаб чӣ буд, бинмой,
Қ-ин як нафаси ту монд бар ҷой?»
Гуфто: «Сабаб он ки пеш аз ин банд
Додам ба сагон наволае чанд.
Эшон ба наволае, ки хӯрданд,
Бо ман лаби худ ба мӯҳр карданд.
Даҳ сол ғуломии ту кардам,
Ин буд баре, ки аз ту хӯрдам.[6]
Додӣ ба сагонам аз як озор
В-ин бад, ки набуд саг ошнохор.
Саг дӯст шуду ту ошно на,
Сагро ҳақи ҳурмату туро на.
Саг сулҳ кунад ба устухоне,
Нокас накунад вафо ба ҷоне».
Чун дид шаҳ он шигифтгорӣ,
(Қ-аз мардумӣ аст растагорӣ)
Ҳушёр шуд аз хуморӣ мастӣ,
Бигзошт сагию сагпарастӣ.
Мақсудам аз ин ҳикоят он аст,,
Қ-эҳсону деҳиш ҳисори ҷон аст.[7]

## ҲИКОЯТ

Рӯзе малике зи номдорон
Мерафт ба расми шаҳриёрон.
Бар хонаи зоҳиде гузар дошт,
Қ-он зоҳид аз он ҷаҳон хабар дошт.
Омад аҷабаш, ки ончунон мард
Маъвогаҳи худ хароб чун кард?
Пурсид зи хоссагони худ шоҳ
Қ-«ин шахс чӣ мекунад дар ин роҳ?

Хӯрдаш чию хобгоҳи ӯ чист?
Андозааш то куҷою ӯ кист?»
Гуфтанд, ки «зоҳидест машҳур,
Аз хоб ҷудою аз хӯриш дур.
Аз халқи ҷаҳон гирифта дурӣ,
Дарсохта бо чунин сабурӣ».
Шаҳ чун вараҳи салоҳи ӯ хонд,
Бо ҳоҷиби хос сӯи ӯ ронд.
Ҳоҷиб сӯи зоҳид омад аз роҳ,
То оварадаш ба хидмати шоҳ.
Гуфт: «Эй зи ҷаҳон бурида пайванд,
Гашта ба чунин хароб хурсанд,
Ёре на, чӣ мекунӣ дар ин кор?
Қуте на, чӣ мехӯрӣ дар ин ғор?»
Зоҳид қадаре гиёҳ суда,
Аз матраҳи оҳувон дуруда,
Бардошт бар ӯ, ки хӯрдам ин аст,
Раҳтӯшаю раҳнавардам ин аст.
Ҳоҷиб зи ғурури подшоӣ
Гуфташ, ки «дар ин бало чароӣ?
Гар хидмати шоҳи мо кунӣ соз,
Аз хӯрдани ин гиё раҳӣ боз».
Зоҳид гуфто: «Чӣ ҷои ин аст?
Ин нест гиё, гулангубин аст.
Гар ту сир (р) и ин гиё биёбӣ,
Аз хидмати шоҳ сар битобӣ».
Шаҳ чун сухане шунид аз ин даст,
Шуд гарму зи борагӣ фурӯ ҷаст.
Дар пои ризои зоҳид афтод,
Мекард дуою бӯса медод...

## АЗ «ҲАФТ ПАЙКАР»

### ДАР НАСИҲАТҲОИ ФАРЗАНДИ ХЕШ МУҲАММАД

Эй писар, ҳону ҳон, туро гуфтам,
Ки ту бедор шав, ки ман хуфтам,
Чун гули боғ сармадӣ дорӣ,
Мӯҳри номи Муҳаммадӣ дорӣ...
Сикка бар нақши некномӣ банд,
Қ-аз баландӣ расӣ ба чархи баланд.
То ман он ҷо, ки шаҳрбанд шавам,
Аз баландит сарбаланд шавам[1]
Суҳбатӣ ҷӯй, к-аз накӯномӣ,
Дар ту орад накӯсаранҷомӣ.
Ҳамнишине, ки нофабӯй бувад,
Хубтар з-он ки ёвагӯй бувад.
Айби як ҳамнишаст бошаду бас,
Қ-афканад номи зишт бар сад кас.[2]
Аз дарафтодани шикории хом
Сад дигар дарӯфтанд ба дом,
Зар фурӯ бурдани яке мӯҳтоҷ
Сад шикамро дарид дар раҳи ҳоҷ.[3]
Дар чунин раҳ махусб чун пирон,
Гирд кун доман аз забунгирон.
Рақси маркаб мабин, ки раҳвор аст,
Роҳ бин, то чӣ гуна душвор аст.

Гар бар ин раҳ парӣ чу бози сапед,
Дида бар роҳ дор чун хуршед.
Хоса к-ин роҳ роҳи нахчир аст,
Осмон бо камону бо тир аст.[4]
Оҳанат гарчи оҳанест нафис,
Роҳи санг асту санг миғнотис.
Бор чандон бар ин сутур овез,
Ки намонад бар ин гиреваи тез.
Чун расад тангие зи даври дуранг,
Роҳ бар дил фарох дор, на танг.
Бас гиреҳ, к-ӯ калиди пинҳонист,
Бас дуруштӣ, ки дар вай осонист.
Эй басо хоб, к-ӯ бувад дилгир,
Восили он дилхушист дар таъбир.
Гарчи пайкони ғам ҷигардӯз аст,
Диръи сабр аз барои ин рӯз аст.
Гавҳари некро зи икд марез
В-он ки бадгавҳар аст, аз ӯ бигрез.
Бадгуҳар бо касе вафо накунад,
Асли бад дар хато хато накунад.
Каждум аз роҳи он ки бадгуҳар аст,
Монданаш айбу куштанаш ҳунар аст.
Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.
Ҳар кӣ з-омӯхтан надорад нанг,
Дур (р) барорад зи обу лаъл аз санг.
В-он ки дониш набошадаш рӯзӣ,
Нанг дорад зи донишомӯзӣ.
Эй басо тезтабъи коҳилкӯш,
Ки шуд аз коҳилӣ сафолфурӯш.
В-эй басо кӯрдил, ки аз таълим
Гашт қозулқузоти ҳафт иқлим...
То ҷавонию тандурустӣ ҳаст,
Ояд асбоби ҳар мурод ба даст
Дар сиҳӣ сарв чун шикаст ояд,
Мӯмиёе куҷо ба даст ояд!
Ту, ки сарсабзии ҷаҳон дорӣ,
Раҳ кунун рав, ки пои он дорӣ.
Ман, ки сарсабзиям намояд чу бед,
Лола зарду бунафша гашт сапед,
Боз мондам зи нотанумандӣ
Аз кулаҳдориву камарбандӣ.
Хидмате мардвор мекардам,
Ростиро, кунун на он мардам,

Рӯзгорам гирифту баст чунин,
Одати рӯзгор ҳаст чунин.
Гарчи табъам зи соя бар хатар аст,
Соябонам шамоили ҳунар аст.
Чун қафодӯстанд муште хом,
Рӯи худ дар кӣ орам ба салом?
Гарчи барной аз миён бархост,
Чӣ кунам, ҳирс ҳамчунон барҷост.
Гӯӣ: ин сикка нақди мо дорад?
Ё ҳама кас худ ин бало дорад?
Боз дор, эй давокуни дили ман,
Аз заминбӯси ҳар касе гили ман.
Тирагӣ чанд? Рӯшноӣ деҳ!
Чун шикастаям, мӯмиёе деҳ!
Гардане дорам аз расан раста,
Макунам зери бори хас хаста.
Ман, ки қонеъ шудам ба донаи хеш,
Сарварам чун садаф ба хонаи хеш.
Сарварӣ беҳ, ки ёри ман бошад,
Сарпарастӣ чӣ кори ман бошад!
Шер аз он пояи бузургӣ ёфт,
Ки сар аз тавқи сарпарастӣ тофт.
Ноне аз хони худ диҳӣ ба касон,
Беҳ, ки ҳалво хӯрӣ зи хони хасон.

## ҚУШТАНИ БАҲРОМ АЖДАҲОРО

Бодае чанд хӯрд сардастӣ,
Сӯи саҳро шуд аз сари мастӣ.
Ба шикарафканӣ кушод каманд,
Аз паи гӯр канд гӯре чанд.
Аз басе гӯр, к-ӯ ба зӯр гирифт,
Ҳама дашт устухони гӯр гирифт.
Охируламр модиёнгӯре
Омад, афканд дар ҷаҳон шӯре.
Пайкаре чун хаёли руҳонӣ,
Тозарӯе, кушодапешонӣ,
Пуштмолидае чу шӯшаи зар,
Шикамандудае ба ширу шакар.
Хатти мушкин кашида сар то дум,
Хол бар хол аз сари бун то сум.
Гӯр Баҳром диду ҷаст ба зӯр,
Рафт Баҳроми Гӯр аз паи гӯр.

Гӯре алҳақ даванда буду ҷавон,
Гӯргир аз пасаш чу шер давон.
З-аввали рӯз то ба гоҳи завол
Гӯр мерафту шер дар дунбол.
Шоҳ аз он гӯр барнатофт сутур,
Чун тавон тофтан инон аз гӯр?
То ба ғоре расид дур аз дашт,
Ки бар ӯ пои одамӣ нагузашт.
Чун даромад шикорзан ба шикор,
Аждаҳо хуфта дид бар дари ғор.
Кӯҳе аз қир печ-печ шуда,
Бар шикорафканӣ басич шуда.
Оташе чун сиёҳдуд ба ранг,
К-оварад сар бурун зи дудоҳанг.
Чун дарахте дар ӯ на бору на барг,
Молики дӯзаху миёнҷии марг.
Даҳане чун даҳни ғоре,
Ҷуз ҳалокаш на дар ҷаҳон коре.
Бачаи гӯр хӯрда, сер шуда.
Шаҳ чу бар раҳгузар балоро дид,
Аждаҳо шуд, ки аждаҳоро дид.
Ғами гӯр аз нишоти гӯраш бурд,[5]
Даст бар рон ниҳоду пой фишурд.
Дар тааҷҷуб, ки ин чӣ нахчир аст?
В-эйдароварданам чӣ тадбир аст?
Шуд яқинаш, ки гӯри ғамдида
Ҳаст аз он аждаҳо ситамдида.
Хонд шаҳро, ки додгар донад,
К-аз ситамкора дод бистонад.
Гуфт: «Агар гӯям аждаҳост, на гӯр,[6]
З-ин хиёнат хиҷил шавам дар гӯр.
Ману инсофи гӯру додани дод
Боки ҷон нест, ҳар чӣ бодо бод!»
Аз миёни душохаҳои хаданг
Ҷуст миқрозаи фарохаҳанг.[7]
Дар камони сапеди тӯз ниҳод,
Бар сиёҳаждаҳо камин бикшод.
Аждаҳо дида боз карда фарох,
К-омад аз шасти шоҳ тири душох.[8]
Ҳар ду чашма дар он ду чашм нишаст,
Роҳи биниш бар офариниш баст.
Ба ду нӯги синони сафтаи шоҳ
Суфта шуд чашми аждаҳои сиёҳ.

Чун ки майдон бар аждаҳо шуд танг,
Шаҳ даромад ба аждаҳо чу наҳанг,
Ночахе ронд бар гулӯш далер
Чун дар андоми гӯр панҷаи шер.
Аждаҳоро дарид кому гулӯ
Ночахи ҳаштмушти шашпаҳлӯ.
Бонге аз аждаҳо баромад сахт,
Дар сар афтод чун сутуни дарахт.
Шаҳ натарсид аз он шиканҷу шукӯҳ.
Абр кай тарсад аз гиреваи кӯҳ!
Сар ба оҳан бурид аз аҳриман,
Қуштаю сарбурида беҳ душман!
Аз думаш баршикофт то ба дамаш,
Баччаи гӯр ёфт дар шикамаш.
Бегумон шуд, ки гӯри кинандеш
Хондаш аз баҳри кинахоҳии хеш.
Чанбарӣ кард пеши яздон пушт,
Қ-аждаҳо кушту аждаҳош накушт.
Хост, то пой бар сутур орад,
Рахш дар сайдгоҳи гӯр орад.
Гӯр чун шоҳро надид қарор,
Омад аз дуру дархазид ба ғор.
Шаҳ дигар бора,
дар гирифтани гӯр
Шуд дар он гори тангной ба зӯр.
Чун қадар моя шуд ба сахтию ранҷ,
Ёфт ганҷеву барфурӯхт чу ганҷ.
Хусравони ниҳода чандин хум,
Чун парӣ рӯй баста аз мардум.
Шаҳ чу бар қуфли ганҷ ёфт калид,
В-аждаҳоро зи ганҷхона бурид,
Омад аз тангпои ғор бурун,
Гашт ҷӯёи роҳу роҳнамун.
Соате буду хосагони шоҳ
Ба талаб омаданд аз паи шоҳ.
Чун яко як ба шоҳ пайвастанд,
Гирд бар гирди шоҳ саф бастанд,
Шоҳ фармуд, то камарбандон
Роҳ дар ганҷдони ғор кунанд,
Ганҷ берун баранду бор кунанд.
Сесад уштур зи бухтиёни ҷавон
Шуд равона ба зери ганҷи равон.
Шаҳ, ки бо худ ҳисоби гӯр кунад
В-аждаҳоро асири гӯр кунад,

Лоҷарам оқибат ба поранҷаш
Ҳам саломат диҳанду ҳам ганҷаш.

## ДОСТОНИ БАҲРОМ БО КАНИЗАКИ ХЕШ

Шоҳ рӯзе шикор кард писанд
Дар биёбони пасту кӯҳи баланд.
Ашқари[9] гӯрсум ба саҳро тохт,
Шӯр мекарду гӯр меандохт.
Аз саворони роҳбаста ба дашт
Раммаи гӯр сӯи шоҳ гузашт.
Шоҳ дар матраҳ истода чу шер,
Ашқараш рақс баргирифта ба зер...
Дошт бо худ канизаке чун моҳ,
Чусту чобук ба ҳамрикобии шоҳ.
Фитна номе, ҳазор фитна дар ӯ,
Фитнаи шоҳу шоҳ фитна бар ӯ.
Тозарӯе чу навбаҳори бихишт,
Қашхироме чу бод бар сари кишт.
Бо ҳама некӯӣ сурудсарой,
Рудсозе ба рақс чобукпой.
Бештар дар шикору бодаю руд
Шоҳ аз ӯ хостӣ симоъу суруд.
Сози ӯ чангу сози хусрав тир,
Ин задӣ чангу он задӣ нахчир.
Гӯр бархост аз биёбон чанд,
Шоҳ бар гӯр гарм кард саманд.
Чун даромад ба гӯри тезоҳанг
Тундшере камон гирифта ба чанг,
Тир дар нимгирди шаст ниҳод,
Пас камон даркашиду шаст кушод.
Бар кафалгоҳи гӯр шуд тираш,
Бӯса бар хок дод нахчираш.
Дар яке лаҳза
з-он шикори шигифт,
Чандро кушту чандро бигрифт.
В-он канизак зи нозу айёрӣ
Дар сано кард хештандорӣ.
Шоҳ як соат истод сабур,
То яке гӯр шуд равона зи дур.
Гуфт: к-«Эй тангчашми тоторӣ,
Сайри моро ба чашми мен-орӣ!

Сайди мо, к-аз сифат бурун ояд,
Дар чунон чашми танг чун ояд?!
Гӯре омад, бигӯ ки чун тозам?
В-аз сараш то сумаш чӣ андозам?»
Гуфт: «бояд ки рух барафрӯзӣ,
Сари ин гӯр дар сумаш дӯзӣ».
Шох чун дид печ-печи ӯ,
Чорагар шуд зи бадбасичии ӯ.
Хост аввал камонгурӯҳа чу бод,
Мӯҳрае дар камонгурӯҳа ниҳод.
Сайдро мӯҳра дарфиканд ба гӯш,
Омад зи тоби мӯҳра мағз ба ҷӯш.
Сум сӯи гӯш бурд сайди забун,
То зи гӯш орад он алоқа бурун.
Тири шаҳ барқ шуд, ҷаҳон афрӯхт,
Гӯшу сумро ба якдигар бардӯхт.
Гуфт шаҳ бо канизаки чинӣ:
«Дастбурдам чӣ гуна мебинӣ?»
Гуфт: «пур карда шаҳриёр ин кор,
Қори пуркарда кай бувад душвор?
Ҳар чӣ таълим карда бошад мард,
Гарчи душвор шуд, бишояд кард.
Рафтани тири шоҳ бар суми гӯр
Ҳаст аз адмон, на аз зиёдати зӯр».
Шоҳро ин шунида сахт омад,
Табари тез бар дарахт омад.
Дил бад-ин моҳ бемадоро кард,
Қинаи хеш ошкоро кард.
Гуфт: «агар монамаш, ситезагар аст
В-ар кушам, ин ҳисоб аз он батар аст.
Занкушӣ кори шермардон нест,
Буд сарҳанге аз нажоди бузург,
Тунд чун шеру саҳмнок чу гург.
Хонд шоҳаш ба назди хеш фароз,
Гуфт: «рав, кори ин каниз бисоз!
Фитнаи боргоҳи давлати мост,
Фитна куштан зи рӯи ақл равост».
Бурд сарҳанги додпеша зи пеш
Он паричеҳраро ба хонаи хеш.
Хост то кори ӯ бипардозад,
Шамъвор аз танаш сар андозад.
Об дар дида гуфташ он дилбанд,
К-«инчунин нописандро мапсанд.

Макун, ар нестӣ ту душмани хеш,
Хунн ман бе гунаҳ ба гардани хеш.
Мӯниси хоси шаҳриёр манам
В-аз канизонаш ихтиёр манам.
Гар зи густохие, ки буд маро,
Дев бозичае намуд маро,
Шаҳ зи гармӣ сиёсатам фармуд,
Дар ҳалокам макӯш зудозуд!
Рӯзаке чанд сабр кун ба шикеб,
Шоҳро гӯ бикуштамаш, бифреб,
Гар бад-он гуфта шоҳ бошад шод,
Бикушам, хуни ман ҳалолат бод!
В-ар шавад тангдил зи куштани ман,
Айманӣ бошадат ба ҷону ба тан.
Ту зи пурсиш раҳию ман зи ҳалок,
Зодсарве найӯфтад бар хок.
Рӯзе ояд, агарчи ҳеҷ қасам,
Ҳ-он чӣ кардӣ, ба хидматат бирасам».
Ин сухан гуфту иқд боз кушод,
Пеши ӯ ҳафт пора лаъл ниҳод.
Марди сарҳанг аз он намуниши рост
Аз сари хуни он санам бархост.
Гуфт: «Зинҳор сар зи кор мабар,
Бо касе номи шаҳриёр мабар,
Гӯ: ман ин хонаро парасторам,
Қор мекун, ки ман бад-ин корам.
Ман худ он чораҳо, ки бояд сохт,
Созам, ар хоҳадат замона навохт».
Бар чунин аҳд рафташон савганд,
Ин зи бедод расту он зи газанд.
Баъди як ҳафта чун расид ба шоҳ,
Шоҳ аз ӯ бозҷуст қиссаи моҳ.
Гуфт: «Маҳро ба аҷдаҳо додам,
Куштам, аз ашк хунбаҳо додам».
Об дар чашми шаҳриёр омад,
Дили сарҳанг бо қарор омад.
Буд сарҳангро деҳе маъмур,
Ҷойгоҳе зи чашми мардум дур,
Кӯшке рост баркашида ба авҷ,
Аз муҳити сипеҳр ёфта мавҷ,
Шастпоя равоқи манзари ӯ,
Қарда ҷои нишаст бар сари ӯ.
Буд бар вай ҳамеша ҷои каниз,
Ба азизон диҳанд ҷои азиз.

Модагове дар он ду рӯз бизод,
Зод гӯсолае латифниҳод.
Он паричеҳраи ҷаҳонафрӯз
Баргирифтӣ ба гарданаш ҳама рӯз,
Пой дар зери ӯ бияфшурдӣ,
Поя-поя ба кӯшк барбурдӣ.
Ҳама рӯз он ғизоли симандом
Бурд гӯсоларо зи хона ба бом.
Рӯз то рӯз аз ин қарор нагашт,
Қоргар буд,
чун зи кор нагашт.
То ба ҷое расид гӯсола,
Ки яке гов гашт шашсола.
Ҳамчунон он бути гуландомаш
Бурдӣ аз зери хона бар бомаш.
Ҳеч ранҷаш наёмадӣ з-он бор,
З-он ки хӯ карда буд бо он кор.
Ҳар чӣ дар гов гӯшт меафзуд,
Қуввати ӯ зиёдатар мебуд.

## МАШВАРАТ КАРДАНИ ҚАНИЗАК БО САРҲАНГ

Рӯзе он тангчашм бо дили танг
Буд танҳо нишаста бо сарҳанг.
Чор гавҳар зи гӯши гавҳаркаш
Баркушод он нигори ҳурофаш,
Гуфт, к-«ин нақдҳо бибар, бифрӯш,
Чун баҳо бистадӣ, биёр ҳамӯш.
Гӯсфандон хару бахуру гулоб
В-он чӣ бояд зи нуқлу шамъу шароб.
Маҷлисе рост кун чу равзаи ҳур
Аз шаробу кабобу нуқлу бахур.
Шаҳ чу ояд бад-ин тараф ба шикор,
Аз рикобаш чу фатҳ даст мадор.
Дил дарандозу ҷонпазирӣ кун,
Як замонаш лагомгирӣ кун.
Чун бубинад ниёзмандии ту,
Сар дарорад ба сарбаландии ту.
Бар чунин манзаре ситорасарир
Гоҳ шаҳдаш диҳему гоҳе шир.
Гар чунон кор судманд шавад,
Қори мо ҳар ду з-ӯ баланд шавад».

Марди сарҳанг лаъл монд ба ҷой,
К-он чунонаш ҳазор дод худой.
Рафту аз ганҷҳои пинҳонӣ
Як ба як сохт барги меҳмонӣ.
Хӯрдаҳои мулуквор сара,
Мурғу моҳию гӯспанду бара,
Роҳу райҳон, ки маҷлис орояд,
Нӯшу нуқле, ки базмро шояд,
Ҳама асбоби кор сохт тамом,
То кай ояд ба сайдгаҳ Баҳром.

## БУРДАНИ САРҲАНГ БАРҲОМРО БА МЕҲМОНӢ

Шоҳ Баҳром рӯзе аз сари тахт
Бурд сӯи шикори саҳро рахт.
Пештар з-он ки рафту сайд андохт,
Сайд бин, то чӣ гуна сайдаш сохт.
Чун бар он деҳ гузашт, к-он сарҳанг
Дошт он манзари баландоҳанг,
Дид нузҳатгаҳе гаронпоя,
Сабза дар сабза, соя дар соя.
Боз пурсид, к-ин диёр кирост?
Деҳхудованди ин диёр куҷост?
Буд сарҳанги хос пеши рикоб,
Чун зи хусрав чунин шунид хитоб,
Бар замин бӯса доду бурд намоз,
Гуфт, к-«Эй шаҳриёри бандаавоз,
Банда дорад деҳе,
ки додаи туст,
Лутфаш аз ҷуръарези бодаи туст,
Шоҳ агар ҷои он писанд кунад,
Бандаи пастро баланд кунад,
Сар дарорад бад-ин даричаи танг,
Сарбаланди ҷаҳон шавад сарҳанг.
Дорам аз додаи иногти шоҳ
Кӯшке баркашида сар то моҳ.
Гар хӯрад шоҳ бода бар сари ӯ,
Хок бӯсад ситора бар дари ӯ.
Гарди шаҳ хонаро абир диҳад,
Магасам шаҳду гов шир диҳад».
Шоҳ чун дид, к-ӯ зи якрангӣ
Пеш бурд он сухан ба сарҳангӣ,

Гуфт: «фармон турост, кор бисоз,
То зи нахчиргаҳ ман оям боз».
Дод сарҳанг бӯсае бар хок,
Рафту зангор кард аз оина пок.
Манзар аз фарш чун биҳишт орост,
Қард ҳар зинате, ки бояд рост.
Чун шаҳаншаҳ зи сайдгоҳ расид,
Бози чатраш ба авҷи моҳ расид,
Шоҳ баршуд ба шастпоя равоқ,
Дид токе ба сарбаландӣ тоқ.
Мезбон омад, он чӣ бояд, кард,
Аз гулобу бахӯру шарбату х(в)ард
Чун шаҳ аз хӯрдаҳои хуш пардохт,
Май равон карду базми шодӣ сохт.
Шоҳ чун хӯрд соғаре ду-се май
Аз гули ҷабҳаташ омад х(в)ай
Гуфт: к-«Эй мезбони зарринкох,
Ҷойгоҳат хуш асту баргфарох,
Лекин ин шастпоя кохи баланд,
К-осмон бар сараш равад ба каманд,
Аз паси шаст сол, к-аз ту гузашт,
Чу тавонӣ ба зери пой навашт?»
Мезбон гуфт: «Шоҳ боқӣ бод,
Қавсараш-бодаю ҳур-соқӣ бод!
Ин зи ман нест турфа, ман мардам,
Аз чунин поя монда кай гардам?
Турфа он шуд, ки духтарест чу моҳ,
Нарму нозук чу хаззу қоқуми шоҳ.
Наррагове чу кӯҳ бар гардан
Орад ин ҷо гаҳи алаф хӯрдан.
Шаст поя чунон барад якдаст,
Ки насозад ба ҳеҷ поя нишаст.
Гове он ки чӣ гов? — чун пиле,
Накашад пеҳи хешро миле.
Ба худо, гар дар ин сипоҳ касе
Аз замин баргироядаш нафасе.
Зане он ки ба шастпоя ҳисор
Барбарад, чун аҷаб набошад кор?»
Чун ки сарҳанг ин ҳикоят гуфт,
Шаҳ сарангушти худ ба дандон суфт[10].
Гуфт: «Аз ин гуна кор чун бошад?
Набувад, гар бувад, фусун бошад.
Боварам н-ояд ин сухан ба дуруст,
То набинам ба чашми хеш нахуст».

В-он гаҳ аз марди мизбон дархост,
То кунад даъвии суханро рост.
Мизбон, к-ин шунид, рафт ба зер,
Кард бо говкаш ҳикояти шер.
Симтан вақтро шинохта буд,
Пеш аз он кори хеш сохта буд.
Зевару зеби чиниён барбаст,
Дод гулро хумори наргиси маст.
Моҳро мушк ронд бар тақвим,
Ғамзаро дод ҷодуи таълим.
Чашмро сурмаи фиреб кашид,
Нозро бар сари итеб кашид...
Гавҳари гӯши гавҳаровезаш
Карда бозори ошиқон тезаш.
Пеши он гов рафт чун маҳи бадр,
Моҳ бар бурҷи гов ёбад қадр.
Сар фурӯ бурду говро бардошт,
Гов бин, то чӣ гуна гавҳар дошт.
Поя бар поя бардавид ба бом,
Рафт то тахтпояи Баҳром.
Гов бар гардан истод ба пой,
Шер чун гов дид, ҷаст зи ҷой.
Дар аҷаб монд, к-ин чӣ шояд буд!
Суди ӯ буду дарнаёфт, чӣ суд!
Маҳ зи гардан ниҳод гов ба зер,
Ба карашма чунон намуд ба шер,
К-он чӣ ман пеши ту ба танҳоӣ
Пешкаш кардам аз тавоноӣ,
Дар ҷаҳон кист, к-ӯ ба зӯру ба рой
Аз равоқаш барад ба зери сарой?!
Шоҳ гуфт: «ин на зӯрмандии туст,
Балки таълим кардаӣ зи наҳуст.
Андак-андак ба солҳои дароз
Кардаӣ бар тариқи адмон соз.
То кунунаш зи роҳи беранҷӣ
Дар тарозуи хештан санҷӣ».
Саҷда бурдаш нигори симандом,
Бо дуое ба шарти хеш тамом.
Гуфт: «Бар шаҳ ғароматест азим
Гов таълиму гӯр бе таълим.
Ман ки гове бароварам бар бом,
Ҷуз ба таълим барнаёрам ном.
Чӣ сабаб, чун занӣ ту гӯре хурд,
Номи таълим кас наёрад бурд?»

Шоҳи ташнеъ турки худ бишнохт,
Ҳиндуӣ карду пеши ӯ дартохт.
Бурқаъ аз моҳ бозкарду чу дид,
З-ашк бар маҳ фишонд марворид.
Дар канораш гирифту узр ангехт,
В-он гул аз наргис оби гул мерехт.
Аз баду нек хона холӣ кард,
Бо парирух сухансиголӣ кард.
Гуфт: «агар хона гашт зиндонат,
Узр хоҳам ҳазор чандонат.
Оташе гар задам зи худроӣ,
Ман аз он сӯхтам, ту бар ҷоӣ».
Фитна биншасту баркушод забон,
Гуфт: к-«Эй шаҳриёри фитнанишон,
Эй маро кушта дар ҷудоии хеш,
Зинда карда ба ошноии хеш,
Ғамат аз ман намонд ҳеҷ ба ҷой,
Кӯҳро ғам даровард аз пой!
Хост рафтан зи меҳрубонии ман
Дар сари меҳр зиндагонии ман.
Шаҳ чу бар гӯши гӯр дар нахчир
Он суми сахтро бидӯхт ба тир,
На замин, к-аз кушодани шасташ
Осмон бӯса дод бар дасташ.
Ман, ки будам дар он писанд сабур,
Чашми бадро зи шоҳ кардам дур.[11]
Ҳар чиро чашм дар писанд орад,
Чашми захме дар ӯ газанд орад.
Ғабнам омад, ки аждаҳои сипеҳр,
Тӯҳмати кина барниҳод ба меҳр».[12]
Шоҳро он сухан чунон бигрифт,
Қ-аз дилаш дар миёни ҷон бигрифт.
Гуфт: «ҳаққо, ки рост гӯи рост!
Бар вафои ту чанд чиз гувост.
Эй ҳазор офарин бар он гуҳаре,
Қ-орад аз табъ инчунин ҳунаре.
Ин гуҳар пора гашта буд ба санг,
Гар набудӣ ҳифози он сарҳанг».
Хонд сарҳангрову хушдил кард,
Даст дар гарданаш ҳамоил кард.
Тӯҳфаҳои бузургвораш дод,
Бар яке дар иваз ҳазораш дод.
Шуд сӯи шаҳр шодиангезон,
Қард дар базми худ шакаррезон.

Мубадонро ба шарт пеш овард,
Моҳро дар никоҳи хеш овард.

### ҲИКОЯТ

Гуфт шахсе азиз буд ба Рум,
Хубу хушдил чу ангубин дар мум.
Ҳар чӣ бояд дар одамӣ зи ҳунар,
Дошт он ҷумла некӯӣ бар сар.
Бо чунон хубию хирадмандӣ,
Буд майлаш ба покпайвандӣ.
Мардумон дар назар нишондандаш,
Бушри парҳезгор хондандаш.
Мехиромид рӯзе аз сари ноз
Дар раҳе холӣ аз нишебу фароз.
Бар раҳаш ишқ турктозӣ кард,
Фитна бо ақл дастьёзӣ кард.
Пайкаре дид дар лифофаи хом
Чун дар абри сиёҳ моҳи тамом.
Фориғ аз Бушр мегузашт ба роҳ,
Бод ногаҳ рабуд бурқаи моҳ.
Фитнаро бод раҳнамун омад,
Моҳ аз абри сияҳ бурун омад.
Бушр к-он дид суст шуд пояш,
Тири якзахма[13] дӯхт бар ҷояш.
Сурате дид, к-аз карашмаи маст,
Онҷунон сад ҳазор тавба шикаст.
Хирмане гул, вале ба қомат сарв,
Шустарӯе, вале ба хуни тазарв.
Хоби ғамзаш ба сеҳркории хеш
Баста хоби ҳазор ошиқ беш.
Лаб чу барги гуле, ки тар бошад,
Барги он гул пур аз шакар бошад.
Чашм чун наргисе, ки хуфта бувад,
Фитна дар хоби ӯ нуҳуфта бувад.
Акси рӯяш ба зери зулф ба тоб
Чун ҳавосил ба зери парри уқоб.
Холе аз зулф анбарафшонтар,
Чашме аз хол номусулмонтар.
Бо чунон зулфу холи дидафиреб
Ҳеҷ дилро набуд ҷои шикеб.
Омад аз Бушр бехуд овозе
Чун зи тифле, ки баргирад гозе.

Моҳи танҳохиром аз он овоз
Банди буркаъ ба ҳам кашид фароз.
Паи таъҷил баргирифт ба пеш,
Карда хуне чунон ба гардани хеш.[14]
Бушр чун боз кард дида зи хоб,
Хонабар рафта диду хона хароб.
Гуфт: «агар бар паяш равам, на равост
В-ар шикебо шавам, шикеб куҷост!
Чораи кор ҳам шикебоист,
Ҳар чӣ з-ин даргузашт, расвоист.
Шаҳвате гар маро зи роҳ бибурд,
Мардум охир, зи ғам нахоҳам мурд!
Беҳ ки маҳмил бурун барам з-ин кӯй,
Сӯи байтулмукаддас орам рӯй,
То худое, ки хайру шар(р) донад,
Бар ман ин кор саҳл гардонад».
Рафт аз он ҷою барги роҳ бисохт,
Ба зиёратгаҳи муқаддас тохт...
Чун басе саҷда зад бар он сари хок,
Бозгашт аз ҳарими хонаи пок.
Буд ҳамсуфрае дар он роҳаш,
Некхоҳе, ба табъ бадхоҳаш.
Нуктагире, ба кори нукта шигифт,
Бар ҳадисе ҳазор нукта гирифт.[15]
Бушр бо ӯ чу неку бад гуфтӣ,
Ӯ бар ҳар нуктае барошуфтӣ,
К-ин чунин бояд, он чунон шояд,
Кас забон бар газоф накшояд.
Бушр гӯяндаро зи хомӯшӣ
Дода буд доруи фаромӯшӣ.[16]
Гуфт: «номи ту част, то донам?
Пас аз инат ба номи худ хонам».
Посухаш доду гуфт: «номи раҳӣ
Бушр шуд, то ту худ чӣ ном ниҳӣ?»
Гуфт: «Бушрӣ ту, нанги одамиён,
Ман Малеҳо, имоми оламиён.
Ҳар чӣ дар осмону дар замист,
В-он чӣ дар ақлу рои одамист,
Ҳама донам ба ақли хеш тамом
В-огаҳӣ дорам аз ҳалолу ҳаром.
Як танам беҳтар аз дувоздаҳ тан,
Як фане буда дар дувоздаҳ фан.[17]
Кӯҳу дарёву дашту бешаву рӯд, —
Ҳар чӣ ҳастанд зери чархи кабуд,

Асли ҳар як шинохтам ба дуруст,
Қ-ин вуҷуд аз чӣ ёфт в-он зи чӣ руст.
Аз фалак низу он чӣ ҳаст дар ӯ
Огаҳам, норасида даст бар ӯ.
Дар ҳар атроф к-ӯфтад хатаре,
Донам онро ба тезтар назаре.
Гар расад подшоҳие ба завол,
Пеш аз он донамаш ба панҷаҳ сол.
Набзу қоруроро чунон донам,
Қ-офати таб зи тан бигардонам.
Санг аз иксири ман гуҳар гардад,
Хок дар дасти ман ба зар гардад.
Ҳар чӣ пурсанд аз осмону замин,
Ҳам аз он огаҳӣ диҳам, ҳам аз ин.
Нест дар ҳеҷ донишободе
Фаҳлу донотар аз ман устоде».
Чун аз ин баршумурд лофе чанд,
Хира шуд Бушр аз он газофе чанд...
Рӯзаке чанд мешуданд ба ҳам,
В-он фузулӣ накард як мӯ кам.
Дар биёбони гарму беобе
Мағзашон тофта зи бехобӣ
Медавиданд бо нафиру хурӯш,
То расиданд аз он замини баҷӯш
Ба дарахте ситабру олишох,
Сабзу покизаю баланду фарох.
Сабза дар зери ӯ чу сабз ҳарир,
Дида аз диданаш нишотпазир.
Оганида хуме сафол дар ӯ,
Обе алҳақ хушу зулол дар ӯ.
Чун ки дид он фузул оби зулол
Ҳамчу райҳони тар миёни сафол,
Гуфт бо Бушр: к-«эй хуҷиста рафиқ,
Боз пурсам бигӯ, ки аз чӣ тариқ
Ин сафолин хуми кушодадаҳон
То ба лаб ҳаст зери хок ниҳон?
В-оби ин хум, бигӯ, ки то ба куҷост?
Кӯҳпоя на, гирди ӯ саҳрост!»[18]
Гуфт Бушр: «аз барои музд касе
Карда бошад, ки кардаанд басе.
То нагардад ба садмае ба ду ним,
Дар замин оганидаанд зи бим.
Гуфт: «то посухи ту з-ин намат аст,
Ҳар чӣ гӯиву гуфтаӣ, ғалат аст.

Оре, оре, касе зи баҳри касе
Қашад обе ба дӯш ҳар нафасе![19]
Хосса дар водие, ки аз тафу тоб
Сад дар сад дар ӯ наёбӣ об.
Ин ватангоҳи домёрон аст,
Ҷои сайду сайдкорон аст.
Оби ин хум, ки дарнишоҳтаанд,
Аз паи доми сайд сохтаанд.
То чу ғурму гавазну оҳуву гӯр
Дар биёбон хӯранд тӯъмаи шӯр,
Ташна гарданду қасди об кунанд,
Сӯи ин обхӯр шитоб кунанд.
Марди сайёд роҳ баста бувад,
Бо камон дар камин нишаста бувад,
Бизанад сайдро ба хӯрдани об,
Кунад аз сайди захмхӯрда кабоб.
Бандҳоро чунин кушой гиреҳ,
То ниюшанда бар ту гӯяд зеҳ!»
Бушр гуфт: «эй нуҳуфтагӯи ҷаҳон,
Ҳар касеро ақидаест ниҳон.
Ману ту з-он чӣ дар ниҳон дорем,
Ба ҳама кас занн ончунон дорем.[20]
Бад маяндеш, — гуфтамат пешӣ,
Оқибат бад кунад бадандешӣ».
Чун бар он об сурфа бикшоданд,
Нон бихӯрданду об дардоданд.
Обе, алҳақ ба ташнагон дарх(в)рд,
Равшану хушгувору софию сард.
Бонг бар Бушр зад Малеҳо тез,
Ки «аз он сӯтарак нишин, бархез!
То дар ин оби хушгувор шавам,
Шӯям андому беғубор шавам.
Аз арақҳои шӯри танфарсой
Чирк бар ман нишаста сар то пой.
Чирки танро зи тан фурӯшӯям,
Поку покиза сӯи раҳ пӯям,
В-он гаҳ ин ҳум ба санг пора кунам,
Сайдро аз газанд чора кунам».
Бушр гуфт: «эй салимдил, бархез,
Дар чунин хум мабош рангомез!
Оби ӯ хӯрда бо дилангезӣ,
Чирки танро чаро дар ӯ резӣ?
Ҳар кӣ обе хӯрад, ки бинвозад,
Дар вай оби даҳан наяндозад.

Сирка натвон бар оина судан,
Софиеро ба дурд олудан,
То дигар ташна чун ба тоб расад,
З-оби нӯшини ӯ ба об расад».
Марди бадрой гуфти ӯ нашнид,
Гавҳари зишти хеш кард падид.
Ҷома барканду ҷумла бар ҳам баст,
Хештан гирд карду дар хум ҷаст.
Чун дарун шуд, на хум, ки чоҳе буд,
То буни чаҳ дароз роҳе буд.
Бо аҷал зиракӣ ба кор нашуд,
З-об хӯрдан танаш ба тоб афтод,
Ҷон басе канду растагор нашуд.
Оқибат ғарқа шуд, дар об афтод.
Бушр аз он сӯ нишаста, дил зада тоб,
Аз паи об карда дида пуроб.
Гуфт: «боз ин ҳаромзодаи хом
Қард бар ман саломи хеш ҳаром.
Тарсам ин чиркини намунахисол
Орад олудагӣ ба оби зулол.
Обро чирки ӯ кунад бадранг
В-он гаҳе дар сафол дорад санг.
Ин бадандешӣ аз бадан ояд,
На зи покону бихрадон ояд.
Ҳеҷ касро чунин рафиқ мабод,
Ин чунин сифла ҷуз ғариқ мабод!»
Чун дар ин гуфтугӯй зад нафасе.
Мард н-омад, бар ин гузашт басе.
Сӯи хум шуд ба ҷустуҷӯи рафиқ,
В-огаҳӣ на, ки хоҷа ғашт ғариқ.
Ғарқае дид, ҷони ӯ шуда гум,
Сари чун хум ниҳода бар сари хум.[21]
Турфа дармонд, к-ин чӣ шояд буд?
Чӯбе аз шохи он дарахт рабуд.
Ҳама ба болои найзае каму беш
Сода кардаш ба чангу нохуни хеш,
Чун масоҳатгарони дарьёӣ
Зад дар он хум ба обпаймоӣ.
Хум раҳо кун, ки дид чоҳе жарф,
Сар ба оҷар бароварида шигарф.
Нимаи хум ниҳода бар сари ӯ,
То дада кам шавад шиноварӣ ӯ.[22]
Баркашид он ғарикро ба шитоб.
Дар чаҳи хок бурдаш аз чаҳи об.

Чун даранбошташ ба хоку ба санг,
Бар саринаш нишаст бо дили танг.
Гуфт: к-«он гарбузию роят ку?
В-он дарафши гиреҳкушоят ку?
В-он ҳама даъвият ба чорагарӣ
Бо даду деву одамию парӣ.
В-он ки гуфтӣ зи ҳафт чархи баланд
Ғайбро сар дароварам ба каманд.
Ку шуд он даъвии дувоздаҳ фан
В-он ҳама мардӣ, эй на марду на зан!
В-он намудан, ки бингарам пешӣ
Корҳоро ба чобукандешӣ.[23]
Чоҳе он гоҳ сар кушода ба пеш,
Чун надидӣ ба дурбинии хеш?...
Гарчи ҳар ч-андар он намат гуфтем,
Ҳар ду з-андешаи ғалат гуфтем.
Ту бад-он ғарқаию ман растам,
Ки ту шокир наию ман ҳастам.
Ту, ки доми баҳоимаш хондӣ,
Чун баҳоим ба дом дармондӣ.
Ман ба некӣ бад-он гумон бурдам,
Неки ман нек буду ҷон бурдам».
Ин сухан гуфту аз замин бархост,
Рахти ӯ боз ҷуст аз чапу рост.
Рафту бардошт як ба як салабаш
Дакки мисрӣ, амомаи қасабаш.
Чун ки муҳр аз навард бозкушод,
Кисае з-он миён ба зер афтод.
Зарри мисрӣ дар ӯ ҳазор дуруст
З-он куҳансиккаҳо, ки буд нахуст.[27]
Муҳр бинҳоду меҳр аз он бардошт,
Ҳамчунон сар ба муҳри худ бигузошт.
Гуфт: «шарт он бувад, ки ҷомаи ӯ
Бо зару зинату амомаи ӯ
Ҷумла дарбандаму нигаҳ дорам,
Бо касе, к-аҳли ӯст, биспорам.
Бозпурсам сарои ӯ ба куҷост,
Бирасонам ба он ки аҳли саростӣ.
Чун зи ман н-омад истионати ӯ,
Накунам ғадр дар амонати ӯ.
Гар ман онҳо кунам, ки ӯ кардаст,
Ҳам аз онҳо хӯрам, ки ӯ хӯрдаст».
Ҳамчунон ки навардро дарбаст,
Чун ки дарбаста шуд, гирифт ба даст.

Раҳравӣ даргирифту роҳ навашт,
Сӯи шаҳр омад аз каронаи дашт.
Чун даросуд як-ду рӯз ба шаҳр,
Дод аз хобу хӯрд худро баҳр,
Он амома ба ҳар касе бинмуд,
Ки худованди ин кӣ шояд буд?
Родмарде амомаро бишнохт,
Гуфт: «лахте раҳат бибояд тохт.
Дар фалон кӯй чандумин хона
Ҳаст кохе баланду шоҳона.
Дар бизан, к-он дар остонаи ӯст,
Бегумон шав, ки хона хонаи ӯст».
Бушр бо ҷомаю амомаю зар
Сӯи он хона шуд, ки ёфт хабар,
Дар зад, омад шакарлабе дилбанд,
Боз кард он дари равоқи баланд.
Гуфт: «кореву ҳоҷате бинмой,
То барорам, чунон ки бошад рой».
Бушр гуфтой «бизоате дорам,
Бонуи хона ку, ки биспорам?
Гар дарун омадан ба хона равост,
То дароям, сухан бигӯям рост,
Ки Малеҳои осмонфарҳанг
Аз замона чӣ рев диду чӣ ранг».
Зан дарун бурдаш аз буруни сарой,
Бар канори бисот кардаш ҷой.
Хештан рӯй кард зери ниқоб,
Гуфт: «баргӯ сухан, ки ҳаст савоб».
Бушр ҳар қиссае ки буд тамом,
Гуфт бо моҳрӯи симандом.
Он ба ҳамсӯҳбатӣ расидани ӯ,
Дар ҳунарҳо сухан шунидани ӯ
В-он барошуфтанаш чу бадмастон,
Даъвӣ ангехтан ба ҳар дастон
В-он ба ҳар чиз бадгумон будан,
Хубиеро ба зиштӣ олудан
В-он чаҳ аз баҳри дигарон кандан,
Хештанро дар он чаҳ афкандан
В-он шудан чун муҳит мавҷзанаш
Оқибат мондан об дар даҳанаш.
Чун фурӯ гуфт ҳар чӣ дид ҳама
В-он чӣ з-он бевафо шунид ҳама,
Гуфт, к-«ӯ ғарка шуд, бақои ту бод,
Ҷои ӯ хок, хона ҷои ту бод!

Ҷифае к-об шуста будаш пок,
Дарсупурдам ба ганҷхонаи хок.
Рахти ӯ ҳар чӣ буд, дарбастам
В-инак-инак гирифта дар дастам».
Ҷомаю зар ниҳод ҳолӣ пеш,
Қард равшан дурусткории хеш.
Зан зане буд кордону шигарф
Он варақ бозхонд ҳарф ба ҳарф.
Соате з-он сухан парешон гашт,
Обе аз чашм рехту з-об гузашт.[25]
Посухаш дод: к-«Эй ҳумоюнрой,
Некмардӣ зи бандагони худой!
Офарин бар ҳалолзодагият,
Бар латифию рӯкушодагият.
Кӣ кунад ҳаргиз ин ҷавонмардӣ,
Ки ту дар ҳаққи бекасон кардӣ!
Некмардӣ на он бувад, ки касе
Бибарад ангубине аз магасе,
Некмард он бувад, ки дар кораш
Рахна н-орад фиреби динораш.
Шуд Малеҳову тан ба хок супурд,
Ҷон ба ҷое, ки лоиқ омад, бурд.
Он чӣ гуфтӣ, зи бадписандон буд,
Рост гуфтӣ, ҳазор чандон буд.
Буд кораш ҳама ситамкорӣ,
Бевафоию мардумозорӣ.
Қард бисёр ҷавр бар зану мард,
Бар чуноне чунин бувад дар х(в)ард.
Солҳо шуд, ки ман ба ранҷам аз ӯ,
Ҷуз бадӣ ҳеҷ барнасанҷам аз ӯ.
Ман ба болини нарми ӯ хуфта,
Ӯ ба ман-бар дурӯғҳо гуфта.
Ман зи бодаш сипарфиканда чу мeғ,
Ӯ кашида чу барқ бар ман теғ.
Чун худо дафъ кардаш аз сари ман,
Рафт ғавғои меҳнат аз дари ман.
Гар бад, ар нек буд, рӯй нуҳуфт,
Аз паси мурда бад нашояд гуфт...»
В-он гаҳе бурқаъ аз қамар бардошт,
Мӯҳри хушк аз ақиқи тар бардошт.
Бушр чун хубию ҷамолаш дид,
Фитнаи чашму сеҳри холаш дид,
Он паричеҳра буд, к-аввали рӯз
Дида будӣ чунон ҷаҳонафрӯз.

Наърае зад чунон, ки рафт аз ҳуш
Ҳалқадаргӯши ёри ҳалқабагӯш.[26]
Чун чунон дид, нӯшлаб биштофт,
Бӯи хуш карду ҷони ӯ дарёфт.[27]
Ҳушрафта чу ҳушёфта шуд,
Сараш аз тоби шарм тофта шуд.
Гуфт: «Агар шефтам зи ишқи парӣ
То бад-ингунагӣ гумон набарӣ.
В-ин ки бинӣ, на меҳри имрӯз аст.
Дер бошад, ки дар ман ин сӯз аст,
Ки фалон рӯз дар фалон раҳи танг
Бурқаъатро рабуд бод аз чанг
Ман туро дидаму зи даст шудам,
Маи васлат нахӯрда маст шудам.
Сӯхтам дар ғами ниҳонии ту,
Рафт ҷонам зи меҳрубонии ту.
Гарчи якдам нарафтӣ аз ёдам,
Бо касе рози хеш накшодам.
Чун ки сабрам дарӯфтод зи пой,
Рафтаму дарғурехтам ба худой.
Чун накардам тамаъ чу булҳавасон
Дар ҳарими ҷамолу моли касон,
Давлате, к-ӯ ҷамолу молам дод,
Н-аз ҳаром, инак аз ҳалолам дод».
Зан чу аз рағбати вай огаҳ шуд,
Рағбаташ з-он чӣ буд, яке даҳ шуд.
Бушр, к-он ҳурпайкараш бинвохт,
Рафт беруну кори хеш бисохт.[28]
Гашт бо ӯ ба шарти ковин ҷуфт,
Неъмате ёфт, шукри неъмат гуфт.
Бо паричеҳра коми дил меронд,
Бар худ афсуни чашми бад мехонд.

## АФСОНА

Гуфт, к-аз ҷумлаи вилояти Рус
Буд шаҳре ба некӯӣ чу арӯс.
Подшоҳе дар ӯ иморатсоз,
Духтаре дошт парварида ба ноз.
Дилфиребе, ба ғамза ҷодубанд,
Гулрухе, қоматаш чу сарви баланд.
Рух ба хубӣ зи моҳ дилкаштар,
Лаб ба ширинӣ аз шакар хуштар.

Зӯҳрае дил зи муштарӣ бурда,
Шаккару шамъ пеши ӯ мурда.
Тунги шаккар зи тангии шакараш,
Тангдилтар зи ҳалқаи камараш.
Мушк бо зулфи ӯ ҷигархоре,
Гул зи райҳони боғу ӯ хоре.
Қадде афрохта чу сарв ба боғ
Рӯе афрӯхта чу шамъу чароғ.
Тозарӯй-ш тозатар зи баҳор,
Хубрангӣ-ш хубтар зи нигор.
Хоби наргис хумори дидаи ӯ,
Нози насрин дирамхаридаи ӯ.
Оби гул хоки раҳпарастонаш,
Гул камарбанди зердастонаш.
Ба ҷуз аз хубию шакархандӣ
Дошт пирояи ҳунармандӣ.
Дониш омӯхта зи ҳар насақе,
Дарнабишта зи ҳар фане вароқе,
Хонда найрангномаҳои ҷаҳон,
Ҷодуиҳову чизҳои ниҳон.
Даркашида ниқоби зулф ба рӯй,
Саркашида зи барномаи шӯй.
Он ки дар даври хеш тоқ бувад,
Сӯи ҷуфташ кай иттифоқ бувад!
Чун шуд овоза дар ҷаҳон машҳур,
Қ-омадаст аз биҳишти ризвон ҳур,
Моҳу Хуршед баччае зодаст,
Зӯҳра шири Уторидаш додаст,[29]
Рағбати ҳар касе бад-ӯ шуд гарм,
Омад аз ҳар сӯе шафоати нарм.
Ин ба зӯр, он ба зар ҳамекӯшид
В-ӯ зари худ базӯр мепӯшид.
Падар аз ҷустуҷӯи номварон,
Қ-он санамро ризо надид дар он,
Гашт оҷиз, ки чора чун созад,
Нард бо сад ҳариф чун бозад?
Духтари хубрӯи хилватсоз
Дасти хоҳандагон чу дид дароз,
Ҷуст кӯҳе дар он диёр баланд,
Дур чун даври осмон зи газанд.
Дод кардан бар ӯ ҳисоре чуст,
Гуфтӣ аз магзи кӯҳ кӯҳе руст.
Пӯзиш ангехт, в-аз падар дархост,
То кунад барги роҳ рафтан рост.

Падари меҳрубон аз он дурӣ
Гарчи ранҷид, дод дастуре,
То чу шаҳдаш зи хона гардад дур,
Дарнаёяд зи бому дар занбӯр.
Низ чун дар ҳисор бошад ганҷ,
Посбонро зи дузд н-ояд ранҷ.
В-он арӯси ҳисорӣ аз сари ноз
Кард кори ҳисори хеш ба соз.
Чун бад-он маҳкамӣ ҳисоре баст,
Рафту чун ганҷ дар ҳисор нишаст.
Ганҷи ӯ чун дар устуворӣ шуд,
Номи ӯ бонуи ҳисорӣ шуд.
Дузди ганҷ аз ҳисори ӯ оҷиз,
Қ-оҳанин қалъа буд чу Рӯиндиз
Ӯ дар он диз чу бонуи Сиқлоб,
Ҳеҷ дизбону он надида ба хоб.
Роҳ барбаста роҳдоронро,
Дӯхта коми комгоронро.
Дар ҳама коре он ҳунарпеша
Чорагар буду чобукандеша.
Анҷуми чархро мизоҷшинос,
Табъҳоро ба ҳам гирифта қиёс,
Бар табоеъ тамом ёфта даст,
Рози рӯҳонӣ оварида ба шаст,[30]
Қи зи ҳар хушку тар чӣ шояд кард?
Чун шавад об гарму оташ сард?
Мардумонро чӣ мекунад мардум
В-анҷуманро чӣ медиҳанд анҷум?
Ҳар чӣ фарҳангро ба кор ояд.
В-одамизодро биёрояд,
Ҳама оварда буз зери навард
Он ба сурат зану ба маънӣ мард.
Чун шикебанда шуд дар он бора,
Дил зи мардум бурид якбора.
Қард дар роҳи он ҳисори баланд
Аз сари зиракӣ тилисме чанд.
Пайкари ҳар тилисм аз оҳану санг,
Ҳар яке дахрае гирифта ба чанг.
Ҳар кӣ рафтӣ дар он гузаргаҳи бим,
Гаштӣ аз захмӣ теғҳо ба ду ним.
Ҷуз яке, к-ӯ рақиби он диз буд,
Ҳар кӣ он роҳ рафт, оҷиз буд.
В-он рақибе, ки буд маҳрами кор,
Раҳ нарафтӣ магар ба гоми шумор.

Гар яке пай ғалат шудӣ зи садаш,
Ӯфтодӣ сараш зи колбадаш.
Аз тилисме бад-ӯ расидӣ теғ,
Моҳи умраш ниҳон шудӣ дар меғ.
Дари он бора, к-осмонӣ буд,
Чун дари осмон ниҳонӣ буд.
Гар давидӣ муҳандисе як моҳ,
Бар дараш чун фалак набурдӣ роҳ.
Он парипайкари ҳисорнишин
Буд наққоши корхонаи Чин...
Хома бардошт, пой то сари хеш
Бар паранде нигошт пайкари хеш.
Бар сари сурати парандсиришт
Ба хате ҳар чӣ хубтар бинвишт,
К-«аз ҷаҳон ҳар киро ҳавои ман аст,
Бо чунин қалъае, ки ҷои ман аст,
Гӯ: чу парвона дар назораи нур
Пой дарнеҳ, сухан магӯй аз дур!
Бар чунин қалъа мард ёбад бор,
Нест номардро дар ин диз кор.
Ҳар киро ин нигор мебояд,
На яке ҷон, ҳазор мебояд!
Ҳимматаш сӯи роҳ бояд дошт,
Чор שарташ нигоҳ бояд дошт:
Шарти аввал дар ин заношӯӣ
Некномӣ шудасту некӯӣ.
Дуйӯмин шарт он ки аз сари рой
Гардад ин роҳро тилисмкушой.
Сейӯмин шарт он ки аз пайванд,
Чун кушояд тилисмҳоро банд,
Дари ин диз нишон диҳад ки кадом,
То зи дар ҷуфти ман шавад, на зи бом.[31]
Чорӯмин шарт, агар ба ҷой орад:
Раҳ сӯи шаҳр зери пой орад,
То ман оям ба боргоҳи падар,
Пурсам аз вай ҳадисҳои ҳунар.
Гар ҷавобам диҳад чунон ки сазост,
Хоҳам ӯро, чунон ки шарти вафост.
Шӯи ман бошад он киромӣ мард,
К-он чӣ гуфтам, тамом донад кард.
В-он ки з-ин шарт бигзарад тани ӯ,
Хуни бешарти ӯ ба гардани ӯ.
Ҳар кӣ ин шартро накӯ донад,
Кимиёи саодат ӯ дорад.

В-он ки пай бар сухан надорад бурд,
Гар бузург аст, зуд гардад хурд».
Чун зи тартиби ин варақ пардохт,
Пеши он кас ки аҳл буд, андохт.
Гуфт: «Бархезу ин варақ бардор
В-ин табақпӯш аз ин табақ бардор.
Бар дари шаҳр шав, ба ҷои баланд
Ин варақро ба тоҷи дар дарбанд,
То зи шаҳрию лашкарӣ ҳар кас,
Қ-афтадаш бар чу ман арӯс ҳавас,
Ба чунин шарт роҳ баргирад,
Ё шавад мири қалъа, ё мирад».
Шуд парастанда в-он варақ бардошт,
Печ бар печ роҳро бигзошт,
Бар дари шаҳр баст пайкари моҳ,
То дар ӯ ошиқон кунанд нигоҳ.
Ҳар киро рағбат ӯфтад, хезад,
Хуни худро ба дасти худ резад.
Чун ба ҳар тахтгиру тоҷваре
З-ин ҳикоят расида шуд хабаре,
Бар таманнои он ҳадис гизоф
Сар ниҳоданд мардум аз атроф.
Ҳар кас аз гармии ҷавонии хеш
Дод барбод зиндагонии хеш.
Ҳар кӣ дар роҳи ӯ ниҳодӣ гом,
Гаштӣ аз захми теғ душманком.
Ҳеҷ кӯшандае ба чораву рой
Нашуд ин қалъаро тилисмкушой.
В-он ки лахте намуд чорагарӣ,
Ҳам фусунаш зи чора шуд сипарӣ,
Гарчи бикшод аз он тилисме чанд,
Бар дигарҳо нагашт нирӯманд.
Аз сари бехудию берой
Дар сари кор шуд ба расвой.
Бе муроде, к-аз ӯ муяссар шуд,
Чанд барнои хуб дар сар шуд.
Қас аз он раҳ халос дида набуд,
Ҳама раҳ ҷуз сари бурида набуд.
Ҳар саре, к-аз сарон буридандӣ,
Ба дари шаҳр баркашидандӣ.
То зи бас сар, ки шуд бурида ба қаҳр,
Қалла бар калла баста шуд дар шаҳр.
Гирди гетӣ чу бингарӣ ҳама ҷой,
Набувад ҷуз ба сур шаҳр орой

В-он парирух, ки шуд ситезахӯр,
Шаҳре ороста ба сар, на ба сур.[32]
Норасида ба сояи дари ӯ
Эй басо сар, ки рафт дар сари ӯ.
Аз бузургони подшозода
Буд зебо ҷавоне озода,
Зираку зӯрманду хубу далер,
Сайди шамшери ӯ чи гуру чи шер.
Рӯзе аз шаҳр шуд ба сӯи шикор,
То шукуфта шавад чу тоза баҳор.
Дид як нӯшнома[33] бар дари шаҳр,
Гирди ӯ шаш ҳазор шишаи заҳр.
Пайкаре баста бар саводи паранд,
Пайкаре дилфиребу дидаписанд.
Сурате, к-аз ҷамолу зебоӣ
Бурд аз ӯ дарзамон шикебоӣ.
Офарин гуфт бар чунон қаламе,
Қ-ояд аз нӯгашончунон рақаме.
Гирди он сурати ҷаҳонорой
Сад сар овехта зи сар то пой.
Гуфтӣ «Аз ин гавҳари наҳанговез[34]
Чун гурезам, ки нест ҷои гурез.
З-ин ҳаваснома гар бидорам даст,
Оварад дар танам шикеб шикаст.
Гар дилам з-ин ҳавас бадар нашавад,
Сар шавад в-ин ҳавас зи сар нашавад.
Бар паранд арчи сурате зебост,
Мор дар ҳалқа, хор дар дебост.
Ин ҳама сар бурида шуд боре,
Ҳеҷ касро ба сар нашуд коре.
Сари ман низ рафта гир, чӣ суд,
Хокие гашта гир хоколуд.
Гар на з-ин ришта боздорам даст,
Сар бар ин ришта боз бояд баст.
Гар далерӣ кунам ба ҷон суфтан,[35]
Чун тавонам ба тарки ҷон гуфтан?»
Боз гуфт: «Ин парандро париён
Бастаанд аз барои муштариён,
Пеши афсуни ончунон парие
Натавон рафт бе фусунгарие.
То забонбанди он парӣ накунам,
Сар дар ин кор сар-сарӣ накунам.
Ҷорае боядам на хурд, бузург,
То раҳад гӯспандам аз дами гург.

Ҳар кӣ дар кор сахтгир шавад,
Назми кораш халалпазир шавад.
Дар тасарруф мабош хурдандеш,
То зиёне бузург н-ояд пеш...
Дилам аз хотирам хароб тар аст,
Ҷигарам аз дилам кабобтар аст.
Бо чунин дил чӣ гуна бошам шод
В-аз чунин хотире чӣ орам ёд?»
Ин сухан гуфту лахте андӯҳ х(в)ард
В-аз нафас баркашид боде сард.
Об дар дида з-он назора гузашт,
Натъ бо теғ диду сар бо ташт.
Ин ҳавасро чунон ки буд нуҳуфт,
Бо кас андешае ки дошт, нагуфт.
Рӯзу шаб буд бо диле пурсӯз,
На шабаш шаб буду на рӯзаш рӯз.
Ҳар саҳаргаҳ ба орзӯи тамом
То дари шаҳр баргирифтӣ гом.
Дидӣ он пайкари навоинро,
Ғӯри Фарҳоду қасри Ширинро.
Он гиреҳро ба сад ҳазор калид
Ҷусту сарриштае нагашт падид.
Риштае дид сад ҳазор сар
В-аз сари ришта кас надод хабар.
Гарчӣ бисёр тохт аз пасу пеш,
Накушод он гиреҳ зи риштаи хеш.
Қабр аз он кор бар канора ниҳод,
Рӯй дар ҷустуҷӯи чора ниҳод.
Чорасозе ба ҳар тараф меҷуст,
Ки аз ӯ банди сахт гардад суст.
То хабар ёфт аз хирадманде,
Девбанде, фариштапайванде.
Ба ҳама тавсане кашида лагом,
Ба ҳама донише расида тамом.
Ҳама ҳамдасти ӯ фитодаи ӯ,
Ҳама дарбастае кушодаи ӯ.
Чун ҷавонмард аз он ҷаҳони ҳунар
Аз ҷаҳондидагон шунид хабар,
Пеши симурғи офтобшукӯҳ
Шуд чу мурғи паранда кӯҳ ба кӯҳ.
Ёфташ чун шукуфта гулзоре,
Дар куҷо? — Дар хароб тар ғоре.
Зад ба фитроки ӯ чу савсан даст,
Хидматашро чу гул миён дарбаст.

Аз сари фаррухию фирӯзӣ
Кард аз он Хизр донишомӯзӣ.
Чун аз он чашма баҳра ёфт басе,
Барзад аз рози хештан нафасе.
З-он парирӯю он ҳисори баланд
В-он ки з-ӯ халқро расид газанд
В-он тилисме, ки баст бар раҳи хеш
В-он фикандан ҳазор сар дар пеш.
Ҷумла дар пеши файласуфи куҳан
Гуфту пинҳон надошт ҳеҷ сухан.
Файласуф аз ҳисобҳои нуҳуфт
Ҳар чӣ дархӯрд буд, бо ӯ гуфт.
Чун шуд он чораҷӯй чорашинос,
Боз пас гашт бо ҳазор сипос.
Рӯзаке чанд чун гирифт қарор,
Қард бо хештан сиголиши кор.
З-олоти роҳи он гиреви танг
Ҳар чӣ боисташ, оварид ба чанг.
Ончунон, к-аз қиёси ӯ бархост,
Қард тартиби ҳар тилисме рост.
Аввал аз баҳри он талабгорӣ
Хост аз тезҳимматон ёрӣ
Орзӯи худ аз миён бардошт,
Бонги ташнеъ аз ҷаҳон бардошт.
Гуфт: «Ранҷ аз барои худ набарам,
Балки хунхоҳи сад ҳазор сарам!
Ё зи сарҳо кушоям ин чанбар,
Ё сари хештан кунам дар сар!»
Ҳар кӣ з-ин шуғл ёфт огоҳӣ,
К-омад он шердил ба хунхоҳӣ,
Ҳиммати коргар дар он дарбаст,
К-ӯ бад-он зуд ёбад даст.
Ҳиммати халқу рои равшани ӯ
Диръи пӯлод гашт бар тани ӯ.
Пас раҳи он ҳисор пеш гирифт,
Паи тадбири кори хеш гирифт.
Чун ба наздики он тилисм расид,
Рахнае карду руқяе бидамид.
Ҳама найранги он тилисм биканд,
Баркушод он тилисмро пайванд.
Ҳар тилисме, ки дид бар сари роҳ,
Ҳамаро чанбар ӯфканд ба чоҳ.
Чун зи кӯҳ он тилисмҳо бардошт,
Теғҳоро ба теғи кӯҳ гузошт.

Бар дари он ҳисор шуд дарҳол,
Духулеро кашид зери давол.
В-он садоро ба гирд бо рӯ ҷуст,
Қанд, чун ҷои канда буд дуруст.
Чун садо рахнаро калид омад,
Аз сари рахна дар падид омад.
З-ин ҳикоят чу ёфт огоҳӣ,
Қас фиристод моҳи хиргоҳӣ.
Гуфт, к-«эй рахнабанди роҳкушой,
Давлатат бар мурод роҳнамой,
Чун кушодӣ тилисмро зи нахуст,
Дари ганҷина ёфтӣ ба дуруст,
Сар сӯи шаҳр кун чу оби равон,
Собирӣ кун ду рӯз, агар битвон.
То ман оям ба боргоҳи падар,
Озмоиш кунам туро ба ҳунар.
Пурсам аз ту чаҳор чизи нуҳуфт,
Гар нуфуҳта ҷавоб донӣ гуфт,
Бо туам дӯстӣ ягона шавад,
Шуғлу пайванд бе баҳона шавад».
Мард чун дид комгории хеш,
Рӯй пас карду раҳ гирифт ба пеш
Чун ба шаҳр омад аз ҳисори баланд,
Аз дари шаҳр баркашид паранд.
Дарнавишту ба чокаре биспурд,
Офарин зинда гашту офат мурд.
Ҷумла сарҳо, ки буд бар дари шаҳр,
Аз расанҳо фурӯ гирифт ба қаҳр.
Дод, то бар вай офарин карданд.
Бо тани куштагон дафин карданд.
Шуд сӯи хона бо ҳазор дуруд,
Мутриб оварду баркашид суруд.
Шаҳриён бар сараш нисорафшон,
Ҳама бому дараш нигорафшон,
Ҳама хӯрданд як ба як савганд,
Ки агар шаҳ нахоҳад ин пайванд,
Шоҳро дарзамон табоҳ кунем,
Бар худ ӯро амиру шоҳ кунем,
К-он сари мо буриду сардӣ кард
В-ин сари мо раҳонду мардӣ кард.
В-аз дигар сӯ арӯси зеборӯй
Шодмон шуд ба хостории шӯй.
Дар аморӣ нишаст бо дили х(в)аш,
Моҳ дар мӯкибаш аморикаш.

Сӯи кох омад аз гиреваи кӯҳ,
Кох аз ӯ ёфт чун шукуфта шукӯҳ.
Падар аз диданаш чу гул бишукуфт,
Духтар аҳволи хеш аз ӯ нанҳуфт.
Ҳар чӣ пеш омадаш зи неку зи бад,
Кард бо ӯ ҳама ҳикояти х(в)ад.
З-он саворон, к-аз ӯ пиёда шуданд,
Чоҳ канданду дарфитода шуданд.
З-он ҳизаброн, ки номи ӯ бурданд
В-аз сари аҷз пеши ӯ мурданд.
То бад-он ҷо ки он маликзода,
Буд якбора дил бад-ӯ дода,
В-он ки омад, чу кӯҳ пой фушурд,
Кард як-як тилисмҳоро хурд.
В-он ки бар қалъа комгорӣ ёфт
В-аз сари шарти рафта рӯй натофт.
Чун се шарт аз чаҳор шарт намуд.
То чаҳорум чӣ гуна хоҳад буд.
Шоҳ гуфто, ки: «шарти чорум чист?
Шарт хубон яке кунанд, на бист!»
Нӯшлаб гуфт: «Чор мушкили сахт
Пурсам аз вай ба раҳнамунии бахт.
Гар бад-ӯ мушкилам кушода шавад,
Тоҷ бар торакаш ниҳода шавад.
В-ар дар ин раҳ хараш фурӯ монад,
Хиргаҳ он ҷо занад, ки ӯ донад.
Воҷиб он шуд, ки бомдоди пагоҳ
Бар сари тахти худ нишинад шоҳ.
Хонад ӯро ба шарти меҳмонӣ,
Ман шавам зер парда пинҳонӣ.
Пурсам ӯро суоли сарбаста,
То ҷавобам фиристад оҳиста».
Шоҳ гуфто: «чунин кунем равост,
Ҳар чӣ он кардаи ту, кардаи мост».
Бештар з-ин сухан наяфзуданд,
Дар шабистон шуданду осуданд.
Бомдодон, ки чархи миноранг
Гарди ёқут бардамид ба санг,
Маҷлис орост шаҳ ба расми каён,
Баст бар бандагияш бахт миён.
Анҷуман сохт номдоронро,
Ростгӯёну росткоронро.
Хонд шаҳзодаро ба меҳмонӣ,
Бар сараш кард гавҳарафшонӣ.

Хони заррин ниҳода шуд дар коҳ,
Танг шуд боргаҳ зи барги фарох.
Аз басе орзу, ки бар хон буд,
Он на хон буд, к-орзудон буд.[36]
Аз хӯришҳо, ки буд бар чапу рост,
Ҳар кас он хӯрд, к-орзу дархост.
Чун хӯриш хӯрда шуд ба андоза,
Шуд табиат ба парвариш тоза,
Шоҳ фармуд, то ба маҷлиси хос
Бар маҳакҳо зананд зарри халос.[37]
Худ дарун рафту ҷои хеш бимонд,
Меҳмонро ба ҷои хеш нишонд.
Пеши духтар нишаст рӯй ба рӯй,
То чӣ бозигарӣ кунад бо шӯй.
Бозиомӯзи лӯъбатони Тироз
Аз паси парда гашт лӯъбатбоз:
Аз баногӯши худ ду лӯълӯи хурд
Баркушоду ба хозине биспурд,
Қ-ин ба меҳмони мо расон ба шитоб,
Чун расонида шуд, биёр ҷавоб.
Шуд фиристода пеши меҳмон зуд
В-он чӣ оварда буд, бад-ӯ бинмуд,
Мард лӯълӯи хурд барсанҷид,
Убр кардаш чунон ки даргунҷид.
З-он ҷавоҳир, ки буд дар х(в)ари он
Се дигар ниҳод бар сари он.[38]
Ҳам бад-он пайки номабар додаш,
Сӯи он номвар фиристодаш.
Сангдил чун ки дид лӯълӯ панҷ,
Санг бардошт, гашт лӯълӯъсанҷ,
Чун каму беш дидашон ба иёр,
Ҳар бар он санг судашон чу ғубор.[39]
Қабзаворе шакар бар он афзуд,
Он дуру он шакар ба як ҷо суд.
Дод, то назди меҳмон биштофт,
Меҳмон боз нуктаро дарёфт.
Аз парастанда хост ҷоме шир,
Ҳар ду дар вай фишонду гуфт: «Бигир!»
Шуд парастанда сӯи бонуи хеш
В-он раҳовардро ниҳод ба пеш.
Бону он шир баргирифту бих(в)ард
В-он чӣ з-ӯ монда буд, хамир бикард.
Баркашидаш ба вазни аввал бор,
Як сари мӯ кам накард иёр.[40]

Ҳолӣ ангуштарӣ кушод зи даст,
Дод, то бурд пайки роҳпараст.
Марди бихрад ситод зи дасти каниз,
Пас дар ангушт карду дошт азиз.
Дод якто дуре ҷаҳонафрӯз,
Шабчароғе ба рӯшноии рӯз.
Боз пас шуд канизи ҳурнажод
Дурри якто ба лаъли якто дод.
Бону он дур ниҳод бар кафи даст,
Иқди худро зи якдигар бигсаст,
То дуре ёфт ҳамтавилаи он,
Шабчароғе ҳам аз қабилаи он.
Ҳар ду дар риштае кашид ба ҳам,
Ину он чун? Яке на бешу на кам.[41]
Шуд парастанда, дур(р) ба дарё дод,
Балки хуршедбар сурайё дод.
Чун ки бихрад назар бар он андохт,
Он ду ҳамиқдро зи ҳам нашнохт.
Ҷуз дуӣ дар миёни он ду хушоб
Ҳеҷ фарқе набуд ба равнақу об.
Мӯҳрае азрақ аз ғуломон хост,
Қ-он дуйумро сейум наёмад рост.[42]
Бар сари дур(р) ниҳод мӯҳраи хурд,
Дод, то он кӣ оварид, бибурд.
Меҳрубонаш чу мӯҳра бо дур дид,
Мӯҳр бар лаб ниҳоду хуш хандид.
Ситад он мӯҳраву дур аз сари хуш,
Мӯҳра дар даст басту дур дар гӯш.
Бо падар гуфт: «хезу кор бисоз!
Баски бар бахти хеш кардам ноз,
Бахти ман бин, чӣ гуна ёри ман аст,
Қ-ин чунин ёре ихтиёри ман аст.
Ҳамсаре ёфтам, ки ҳамсари ӯ
Нест кас дар диёру кишвари ӯ.
Мо ки доно шудему нодӯст,
Падар аз лутфи он ҳикояти х(в)аш
Бо парӣ ғуфт, к-«Эй фариштаваш,
Он чӣ ман дидам аз суолу ҷавоб
Рӯй пӯшида буд зери ниқоб.
Ҳар чӣ рафт аз ҳадисҳои нуҳуфт
Як ба як бо манат бибояд гуфт».
Нозпарвардаи ҳазор ниёз
Пардаи рамз баргирифт зи роз.,

Гуфт: «аввал, ки тез кардам ҳуш,
Икди лӯълӯъ кушодам аз буни гӯш,
Дар намудори он ду лӯълӯи ноб
Умр,— гуфтам,— дурӯза шуд, дарёб!
Ӯ, ки бар ду се дигар бифзуд,
Гуфт: агар панҷ бигзарад ҳам, зуд!
Ман, ки шаккар ба дур дарафзудам,
В-он дуру он шакар ба ҳам судам,
Гуфтам: ин умри шаҳватолуда,
Чун дуру чун шакар ба ҳам суда,
Ба фусуне ба кимиё кардан
Кӣ тавонад зи ҳам ҷудо кардан?
Ӯ, ки шире дар он миён андохт,
То яке монду дигаре бигдохт,
Гуфт: шаккар, ки бо дур омезад,
Ба яке қатра шир бархезад.
Ман, ки хӯрдам шакар зи соғари ӯ,
Ширхоре будам баробари ӯ.[43]
В-он ки ангуштарӣ фиристодам,
Ба никоҳи худаш ризо додам.
Ӯ ки дод он гуҳар, ниҳонӣ гуфт,
Ки чу гавҳар маро наёбӣ ҷуфт?
Ман, ки ҳамиқди гавҳараш бастам,
Вонамудам, ки ҷуфти ӯ ҳастам.[44]
Ӯ, ки дар ҷустуҷӯи он ду гуҳар
Сейӯмӣ дар ҷаҳон надид дигар,
Мӯҳрае азрақ оварид ба даст,
В-аз паи чашми бад дар эшон баст.
Ман, ки мӯҳра ба худ баромудам,
Сар ба мӯҳри ризои ӯ будам.
Мӯҳраи меҳри ӯ ба синаи ман
Мӯҳраи ганҷ аст бар хазинаи ман.
Бар вай аз панҷ рози пинҳонӣ
Панҷ навбат задам ба султонӣ».
Шоҳ чун дид тавсанеро ром,
Рафта хомӣ ба тозиёнаи хом,[45]
Қард бар суннати заношӯӣ
Ҳар чӣ бояд зи шарти некӯӣ.
Дар шакаррези сури ӯ биншаст,
Зӯҳраро бо Суҳайл қобин баст.
Қард пирояи арӯсӣ рост,
Сарву гулро нишонду худ бархост.
Ду сабукрӯҳро ба ҳам биспурд,
Хештан з-он миён гаронӣ бурд.

Гуфт вақте зи шаҳри худ ду ҷавон
Сӯи шаҳре дигар шуданд равон.
Ҳар яке дар ҷуволгӯшаи хеш
Карда тартиби роҳтӯшаи хеш.
Номи ин Хайру номи он Шар буд,
Феъли ҳар як ба ном дарх(в)ар буд
Чун буриданд рӯзаке ду-се роҳ,
Тӯшаеро, ки доштанд нигоҳ.
Хайр мехӯрду Шар нигаҳ медошт,
Ин ғала медуруду он мекошт.
То расиданд ҳар ду дӯшодӯш
Ба биёбоне аз бухор ба ҷӯш.
Кӯрае чун танур аз оташи гарм,
К-оҳан аз вай чу мум гаштӣ нарм.
Гармсере зи хушксории бум
Карда боди шамолро ба самум.
Шар хабар дошт, к-он замини хароб
Дурие дораду надорад об.
Машке аз об карда пинҳон пур
Дар харита нигоҳ дошт чу дурр.
Хайр фориғ, ки об дар роҳ аст,
Бехабар, к-об нест, он ҷоҳ аст.
Дар биёбони гарму роҳи дароз
Ҳар ду метохтанд бо таку тоз.
Чун ба гармӣ шуданд рӯзе ҳафт,
Оби Шар монду оби Хайр бирафт.
Шар, ки он обро зи Хайр нуҳуфт,
Бо вай аз хайру шар ҳадис нагуфт.
Хайр чун дид, к-ӯ зи гавҳари бад
Дорад обе дар обгинаи х(в)ад,
Вақт-вақт аз рафиқ пинҳонӣ
Мехӯрад чун раҳиқи райҳонӣ
Гарчи дар тобн ташнагӣ месӯхт,
Лаб ба дандон зи лоба бармедӯхт
Ташна дар оби ӯ назар мекард,
Оби дандоне аз ҷигар мех(в)ард.
То ба ҳадде, ки хушк шуд ҷигараш,
Боз монд аз кушодагӣ назараш.[46]
Дошт бо худ ду лаъли оташранг,
Обдорандаю обашон дар санг.[47]
Мечакид об аз он ду лаъл ниҳон,
Оби дида, вале на оби даҳон.[48]

Ҳолӣ он лаъли обдор кушод,
Пеши он реги обдор ниҳод.
Гуфт: «Мурдам зи ташнагӣ, дарёб!
Оташамро бикуш ба лахте об.
Шарбате об аз он зулоле чу нӯш
Ё ба ҳиммат бибахш ё бифрӯш!
Ин ду гавҳар дар оби хеш андоз,
Гавҳарамро ба оби худ бинвоз.
Шар, ки хашми худой бод бар ӯ,
Номи худро варақ кушод бар ӯ.
Гуфт, к-«Аз санг чашма барматарош,
Фориғам з-ин фиреб, фориғ бош!
Медиҳӣ гавҳарам ба вайроне,
То ба ободшаҳр бистонӣ!?
Чӣ ҳарифам, ки ин фиреб хӯрам?
Ман зи дев одамфиребтарам!
Нарасад вақти чорасозии ман
Мӯҳраи ту ба ҳуқуқбозии ман.
Сад ҳазорон чунин фусуну фиреб
Кардаам, аз муқомарӣ бишкеб!
Нагузорам, ки оби ман бихӯрӣ,
Чун ба шаҳр ой, оби ман бибарӣ.
Он гуҳар чун ситонам аз ту ба роз
К-аз манаш оқибат ситонӣ боз!?
Гуҳаре боядам, ки натвонӣ
К-аз манаш ҳеҷ гуна бистонӣ.
Хайр гуфт: «Он чӣ гавҳар аст, бигӯй,
То супорам ба дасти гавҳарҷӯй».
Гуфт Шар: «он ду гавҳар басар аст,
К-ин аз он, он аз ин азизтар аст.
Чашмҳоро ба ман фурӯш ба об,
В-ар на, з-ин обхӯрд рӯй битоб».
Хайр гуфт: «аз худо надорӣ шарм,
К-оби сардам диҳӣ ба оташи гарм?
Чашма, гирам ки хушгувор бувад,
Чашм кандан, бигӯ, кӣ бор бувад?
Чун ман аз чашми худ шавам дарвеш,
Чашма гар сад шавад, чӣ суд аз беш?
Чашм додан зи бахри чашмаи нӯш
Чун тавон? Обро ба зар бифрӯш!
Лаъл бистону он чӣ дорам чиз,
Бидиҳам хат бад-он чӣ дорам низ.
Ба худои ҷаҳон хӯрам савганд,
Ки бад-ин доварӣ шавам хурсанд.

Чашм бигзор бар ман, эй сара мард,
Сардмеҳрӣ макун ба обе сард».
Гуфт Шар: «к-ин сухан фасона бувад,
Ташнаро з-ин басе баҳона бувад.
Чашм бояд, гуҳар надорад суд,
Қ-ин гуҳар беш аз ин тавонад буд».
Хайр дар кори хеш хира бимонд,
Оби чашме бар оби чашма фишонд.
Дид, к-аз ташнагӣ бихоҳад мурд,
Ҷон аз он ҷойгаҳ нахоҳад бурд,
Дили гармаш ба оби сард фирефт,
Ташнае ку, к-аз оби сард шикефт?
Гуфт: «бархез, теғу дашна биёр,
Шарбате об сӯи ташна биёр,
Дидаи оташини ман баркаш,
В-оташамро бикуш ба обе х(в)аш».
Занн чунин бурд, к-аз чунон таслим
Ёбад уммедворӣ аз паси бим.
Шар, ки он дид, дашна бозкушод,
Пеши он хоки ташна рафт чу бод.
Дар чароғи ду чашми ӯ зад теғ,
Н-омадаш куштани чароғ дареғ.
Наргисеро ба теғ гулгун кард,
Гавҳареро зи тоҷ берун кард.
Чашми ташна чу карда буд табоҳ,
Об нодода кард ҳиммати роҳ.
Ҷомаю рахту гавҳараш бардошт,
Марди бедидаро тиҳӣ бигзошт.
Хайр чун рафта дид Шар зи бараш,
Набуд огоҳие зи хайру шараш.
Бар сари хуну хок меғалтид,
Беҳ ки чашмаш набуд, ки худро дид.

* * *

Буд курде зи меҳтарони бузург,
Галае дошт дур аз офати гург.
Чорпоёни хуб низ басе,
Қ-ончунон чорпо надошт касе.
Хонае ҳафту ҳашт бо ӯ хеш,
Ӯ тавонгар буд,
он дигар дарвеш
Курди саҳронишини кӯҳнаванд
Чун биёбониёни биёбонгард

Аз барои алаф ба саҳро гашт,
Галаро мечаронд дашт ба дашт.
Ҳар куҷо диди обхӯрду гиёҳ,
Карди он ҷо ду ҳафта манзилгоҳ.
Чун алаф хӯрд, ҷойро мемонд,
Гала бар ҷониби дигар меронд.
Аз қазоро дар он ду рӯз, на дер,
Панҷа он ҷо кушода буд чу шер.
Курдро буд духтаре баҷамол,
Лӯъбате туркчашму ҳиндухол,
Сарве об аз раги ҷигар хӯрда,
Нозанине ба ноз парварда.
Расани зулф то ба доман беш,
Карда маҳро расан ба гардани хеш.
Ҷаъд бар ҷаъд чун бунафшаи боғ,
Ба сиёҳӣ сияҳтар аз пари зоғ,
Сеҳри ғамзаш, ки буд аз афсун маст,
Бар фиреби замона ёфта даст.
Халқ аз он сеҳри бобулӣ кардан
Дил ниҳода ба бобулӣ хӯрдан.
Шаб зи холаш савод ёфта буд,
Маҳ зи тобандагиш тофта буд.
Тангии пистаи шакаршиканаш
Бӯсаро роҳ баста бар даҳанаш.
Он хироманда моҳи хиргоҳӣ
Шуд талабгори об чун моҳӣ.
Хонии об буд дур аз роҳ,
Буд аз он хонии об он ба нигоҳ (?)
Кӯза пур кард аз оби хонӣ,
То барад сӯи хона пинҳонӣ,
Ногаҳон нолае шунид аз дур,
К-омад аз захмхӯрдае ранҷур,
Бар паи нола шуд, чу нола шунид,
Хаста дар хоку хун ҷавоне дид.
Дасту пое зи дард меафшонд,
Дар тазарруъ худойро мехонд.
Нозанинро зи сар бурун шуд ноз,
Пеши он захмхӯрда рафт фароз.
Гуфт: «вайҳак, чӣ кас тавонӣ буд,
Ин чунин хоксору хунолуд?
Ин ситам бар ҷавонии ту кӣ кард
В-ин чунин зинҳор бар ту кӣ х(в)ард?
Хайр гуфт: «Эй фариштаи фалакӣ,
Гар паризодаиву гар малакӣ,

Қори ман турфа бозие дорад,
Қиссаи ман дарозие дорад,
Мурдам аз ташнагию беобӣ,
Ташнаро, ҷаҳд кун, ки дарёбӣ!
Об агар нест, рав, ки ман мурдам
В-ар яке қатра ҳаст, ҷон бурдам.
Соқии нӯшлаб — калиди наҷот
Додаш обе ба лутфи оби ҳаёт.
Ташнаи гармдил зи шарбати сард
Хӯрд бар қадри он ки шояд х(в)ард.
Зинда шуд ҷони пажмурдаи ӯ,
Шод гашт он чароғи дидаи ӯ.
Дидаеро, ки канда буд зи ҷой,
Дарҳам афканду бурд номи худой,
Гар харошиду шуд сапедии тӯз,
Муқла дар пеҳ монда буд ҳанӯз.
Он қадар зӯр дид дар пояш,
Ки барангехт шояд аз ҷояш.
Пеҳ дар чашми ӯ ниҳоду бибаст
В-аз сари мардумӣ гирифташ даст.
Қард чаҳде тамом, то бархост,
Қоидаш гашту бурд дар раҳи рост
То бад-он ҷо, ки буд бунгаҳи ӯ,
Марди бедида буд ҳамраҳи ӯ.
Чокареро, ки аҳли хона шумурд,
Дасти ӯро ба дасти ӯ биспурд.
Гуфт: «оҳиста, то наранҷонӣ,
Бар дари мо бараш ба осонӣ».
Хештан рафт пеши модар зуд,
Саргузаште, ки дид, боз намуд.
Гуфт модар: «чаро раҳо кардӣ,
К-омадӣ, бо худаш наёвардӣ?
То магар чорае намуда шудӣ,
К-андаке роҳаташ фузуда шудӣ».
Гуфт, к-«Овардам, ар ба ҷон бирасад,
Чашм дорам, ки ин замон бирасад».
Чокаре, к-ӯ ба хона роҳ овард,
Хастаро сӯи хобгоҳ овард.
Ҷой карданду хон ниҳодандаш,
Шӯрбою кабоб додандаш.
Марди гармирасида бо дами сард
Хӯрд лахтеву сар ниҳод ба дард.
Курд, к-омад шабонгаҳ аз саҳро,
То хӯрад он чӣ бишканад сафро,

Дид чизе, ки он на одат буд,
Ҷӯши сафрош аз он зиёдат буд.
Беҳуше хаста дид афтода
Чун касе захмхӯрда, ҷон дода,
Гуфт, к-«ин шахси нотавон зи куҷост
В-ин чунин нотавону хаста чарост?»
Он чӣ бар вай гузашта буд нахуст,
Кас надонист шарҳи он ба дуруст.
Қиссаи чашм канданаш гуфтанд,
Ки ба алмос ҷазъи ӯ суфтанд.
Курд чун дид, к-он ҷигархаста
Шуд зи бедидаӣ назарбаста,
Гуфт, к-«Аз шохи он дарахти баланд
Боз боист кард барге чанд.
Кӯфтан баргу об аз ӯ ситадан,
Судан ин ҷову тоб аз ӯ ситадан.
Гар чунин марҳаме гирифтӣ соз,
Ёфтӣ дида рӯшноӣ боз.
Рахнаи дида гарчи бошад сахт,
Беҳ шавад з-оби он ду барги дарахт».
Пас нишон дод, к-он дарахт куҷост,
Гуфт: «аз он обхӯр, ки хонии мост,
Ҳаст раста куҳан дарахте нағз,
К-аз насимаш кушода гардад мағз.
Соқаш аз бех баркашида ду шох,
Дурие дар миёни ҳар ду фарох.
Барги як шох аз ӯ чу ҳуллаи ҳур,
Дидаи рафтаро дарорад нур.
Барги шохи дигар чу оби ҳаёт
Сариёнро диҳад зи саръ наҷот».
Чун зи курд он шунид духтари курд,
Дил ба тадбири он илоҷ супурд.
Лобаҳо карду аз падар дархост,
То кунад барги бенавое рост
Курд чун дид лоба кардани сахт,
Роҳ бардошт, рафт сӯи дарахт.
Боз кард аз дарахт муште барг —
Нӯшдоруи хастагон аз марг.
Омад, овард, нозанин бардошт,
Кӯфт чандон, ки мағз боз гузошт.
Кард софӣ чунон ки дурд намонд,
Дар назаргоҳи дардманд фишонд.
Дорую дидаро ба ҳам дарбаст,
Хаста аз дард соате биншаст.

Дида бар бахти кор соз ниҳод,
Сар ба болини тахт боз ниҳод.
Буд то панҷ рӯз баста сараш
В-он тилоҳо ниҳода бар назараш.
Рӯзи панҷум халос додандаш,
Дору аз дида баркушодандаш.
Чашми аз даст рафта гашт дуруст,
Шуд биайниҳ чунон ки буд нахуст.
Марди бедида баркушод назар
Чун ду наргис, ки бишкуфад ба саҳар.
Хайр, к-он хайр дид, бурд сипос,
Қ-аз рамад раста шуд чу гови харос.
Аҳли хона зи ранҷи дил растанд,
Дил кушоданду рӯй барбастанд.
Аз басе ранҷҳо, ки бар вай бурд,
Меҳрубон гашта буд духтари курд.
Чун ду наргис кушод сарви баланд,
Дурҷи гавҳар кушода гашт зи банд,
Меҳрубонтар шуд он паризода
Бар ҷамоли ҷавони озода.
Хайр низ аз лутфрасонии ӯ
Меҳрубон шуд зи меҳрубонии ӯ.
Гарчи рӯяш надида буд тамом,
Дида будаш ба вақти хезу хиром,
Лафзи ширини ӯ шунида басе,
Лутфи дасташ бад-ӯ расида басе.
Дил дар ӯ баста буду он дилбанд
Ҳам дар ӯ баста дил, зиҳӣ пайванд!
Хайр бо курди пир ҳар саҳаре
Бастӣ аз роҳи чокарӣ камаре.
Ба шутурбонию галадорӣ
Кардӣ оҳистагию ҳушёрӣ.
Аз гала дур кардӣ офати гург,
Доштӣ поси ҷумла хурду бузург.
Курди саҳрорави биёбонӣ
Чун аз ӯ ёфт он таносонӣ,
Ба таваллои худ азизаш кард,
Ҳокими хонумону чизаш кард.
Хайр чун шуд ба хона — дар густох,
Қиссаи ҷустуҷӯй гашт фарох.
Бозҷустанд ҳоли дидаи ӯ,
Қ-аз кӣ буд он ситам расидаи ӯ?
Хайр аз эшон ҳадиси Шар нанҳуфт,
Ҳар чӣ будаш зи хайру шар ҳама гуфт.

Қиссаи гавҳару харидани об,
К-оташи ташнагиш кард кабоб
В-он ки аз дида гавҳараш барканд,
Ба дигар гавҳараш расонд газанд.
Ин гуҳар сафту он гуҳар бардошт
В-об нодода ташнаро бигзошт.
Курд, к-он достон шунид зи Хайр,
Рӯй бар хок зад чу роҳиби[49] дайр,[50]
К-ончунон тундбод бе аҷале
Нарасонд ин шукуфаро халале.
Чун шуниданд, к-он фариштасиришт
Чӣ бало дид аз он забонзишт,
Хайр аз ном гашт номитар,
Шуд бар эшон зи ҷон гиромитар.
Доштандаш чунон ки бояд дошт,
Нозанин хидматаш ба кас нагзошт,
Рӯй баст парастише мекард,
Об медоду оташе мех(в)ард.
Хайр якбора дил бад-ӯ биспурд,
Аз вай он ҷон, ки бозёфт, набурд.
Кард бар ёди он гиромӣ дур(р)
Хидмати гову гӯспанду шутур.
Гуфт: «Мумкин нашуд, ки ин дилбанд
Бо чу ман муфлисе кунад пайванд.
Духтареро бад-ин ҷамолу камол
Натавон ёфт бе хазинаю мол.
Ман, ки ноншон хӯрам ба дарвешӣ,
Кай ниҳам чашми хеш бар хешӣ?
Беҳ аз он нест, к-аз чунин хатаре
Зиракона бароварам сафаре».
Чун бар ин қисса ҳафтае бигзашт,
Шомгоҳӣ ба хона рафт аз дашт.
Дил зи тимори он арӯс ба ранҷ,
Чун гадое нишаста бар сари ганҷ.
Ташнаю дар баробар оби зулол,
Ташнатар з-он ки буд аввали ҳол.
Он шаб аз рахнае, ки дошт дилаш
З-оби дида шукуфта кард гилаш.
Гуфт бо курд, к-«эй ғарибнавоз,
Аз ғарибон басе кашидӣ ноз!
Нури чашмам бинониҳодаи туст,
Дилу ҷон ҳар ду боздодаи туст.
Чун ба нонрезаи ту парвардам,
Неъмат аз хони ту басе х(в)ардам,

Доғу ту бартар аз ҷабини ман аст,
Шукри ту беш аз офарини ман аст.
Гар биҷӯӣ даруну берунам,
Бӯи хони ту ояд аз хунам...
Беш аз ин меҳмон нашояд буд,
Намаке бар ҷигар нашояд суд.
Бар қиёси наволахории ту
Н-ояд аз ман сипосдории ту.
Магарам ҳам ба фазли хеш худой
Диҳад он ч-оварам ҳақи ту ба ҷой.
Гарчи тимор ёбам аз дурӣ,
Хоҳам аз хидмати ту дастурӣ.
Дергоҳ аст, к-аз вилояти хеш
Дурам аз кору аз кифояти хеш.
Азм дорам, ки бомдоди пагоҳ
Сӯи хона кунам азимати роҳ.
Гар ба сурат ҷудо шавам зи барат,
Набурад ҳимматам зи хоки дарат.
Чашм дорам ба чун ту чашмаи нур,
Ки зи дурӣ дилам надорӣ дур.
Ҳимматамро кушодабол кунӣ
В-он чӣ хӯрдам, маро ҳалол кунӣ».
Чун сухангӯ сухан ба охир бурд,
Дарзад оташ ба хайли хонаи курд.
Гирьякарде аз миён бархост,
Ҳой-ҳое фитод дар чапу рост.
Курд ғирёну курдзода батар,
Мағзҳо хушку дидаҳо шуд тар.
Аз паси гирья сар фурӯ бурданд,
Гӯӣ обе буданд, к-афсурданд.
Сар баровард курди равшанрой,
Кард холӣ зи пешкорон ҷой.
Гуфт бо Хайр, к-«эй ҷавони баҳуш,
Зираку хубу меҳрубону хамӯш,
Рафта гират ба шаҳри худ боре,
Хӯрда аз ҳамраҳе дигар хоре.
Неъмату нозу комгорӣ ҳаст,
Бар ҳама неку бад ту дорӣ даст.
Некмардон ба бад инон надиҳанд,
Дӯстонро ба душманон надиҳанд.
Ҷуз яке духтари азиз маро
Несту бисёр ҳаст чиз маро.
Духтари меҳрубони хидматдӯст,
Зишт бошад, ки гӯямаш на накӯст.

Гарчи дар нофа аст мушк ниҳон,
Ошкорост бӯи ӯ ба ҷаҳон.
Гар ниҳӣ дил ба мою духтари мо,
Ҳастӣ аз ҷон азизтар бари мо.
Бар чунин духтаре ба озодӣ
Ихтиёрат кунам ба домодӣ.
В-он чӣ дорам зи гӯсфанду шутур,
Диҳамат, то зи моя гардӣ пур.
Ман миёни шумо ба неъмату ноз
Мезиям, то расад раҳил фароз».
Хайр, к-ин хушдилӣ шунид зи курд,
Саҷдае, ончунон ки шояд, бурд.
Чун бад-ин хуррамӣ сухан гуфтанд,
Аз сари нозу дилхушӣ хуфтанд.
Субҳ ҳуррунсифат чу баст камар,
Мурғ нолид чун ҷалоҷили зар.
Аз сари толеъи ҳумоюнбахт
Рафт султони машриқӣ[51] бар тахт.
Қурд хушдил зи хобгаҳ бархост,
Қард кори никоҳ кардан рост.
Ба никоҳе, ки асли пайванд аст,
Тухми авлод аз ӯ барӯманд аст.
Духтари хешро супурд ба Хайр,
Зӯҳраро дод бо Уторидсияр.[52]
Ташнамурда оби ҳайвон ёфт,
Нури хуршед бар шукуфта битофт.
Соқии нӯшлаб ба ташнаи хеш
Шарбате дод аз оби кавсар беш.
Аввалаш гарчи оби хонӣ дод,
Охираш оби зиндагонӣ дод.
Шодмон зистанд ҳар ду ба ҳам,
З-он чӣ бояд, набуд чизе кам.
Аҳди пешина ёд мекарданд,
В-он чишон буд, шод мех(в)арданд.
Қурд ҳар мояе, ки бо худ дошт,
Бар гаронмоягони худ бигзошт.
То чунон шуд,
ки хонумону рама
Ба сӯи Хайр бозгашт ҳама...

* * *

Аз қазо сӯи боғ шуд рӯзе,
То кунад айш бо дилафрӯзе.

Шар, ки ҳамроҳ буд дар сафараш,
Гашт сирри дилаш қазои сараш.
Гуфт, к-«ин шахсро ба вақти фароғ
Аз паси ман биёваред ба боғ».
Ӯ сӯи боғ рафту хуш бинишаст,
Курд пеш истода теғ ба даст.
Шар даромад фарох карда ҷабин,
Фориғ аз Хайр бӯса дод замин.
Гуфт Хайраш: «бигӯ, ки номи ту чист?
Эй ки хоҳад сари ту бар ту гирист!»
Гуфт: «Номам Мубашшири сафарӣ,
Дар ҳама корномае ҳунарӣ».
Хайр гуфто ки: «номи хеш бигӯй,
Рӯи худро ба хуни хеш бишӯй».
Гуфт: «берун аз ин надорам ном,
Хоҳ теғам намою хоҳӣ ҷом».
Гуфт Хайр: «Эй ҳаромзодаи хас,
Ҳаст хунат ҳалол бар ҳама кас,
Шаррхулқӣ, ки номи Шар дорӣ,
Сират аз номи худ батар дорӣ.
Ту на онӣ ки бо ҳазор азоб
Чашми он ташна кандӣ аз паи об?
В-он батар шуд, ки дар чунон тобе
Бурдӣ обу надодияш обе.
Гавҳари чашму гавҳари камараш,—
Ҳар ду бурдию сӯхтӣ ҷигараш.
Манам он ташнаи гуҳарбурда,
Бахти ман зинда, бахти ту мурда!»
Шар, ки дар рӯи Хайр дид, шинохт,
Хештан зуд бар замин андохт.
Гуфт: «Зинҳор, агарчи бад кардам,
Дар бади ман мабин, ки х(в)ад кардам.
Гар ман он бо ту кардаам зи нахуст,
К-ояд аз номи чун мане ба дуруст.
Бо ман он кун ту дар чунин хатаре,
К-ояд аз номи чун ту номваре».
Хайр, к-он нукта рафт бар ёдаш,
Кард ҳолӣ зи куштан озодаш.
Шар чу аз теғ ёфт озодӣ,
Мешуду мепарид аз шодӣ.
Курди хунхора рафт бар асараш,
Теғ зад в-аз қафо бурид сараш.
Гуфт: «агар Хайр ҳаст хайрандеш,
Ту Шарӣ, ҷуз шарат наёяд пеш»,

Дар танаш ҷусту ёфт он ду гуҳар,
Таъбия карда дар миёни камар.
Омад, овард пеши Хайр фароз,
Гуфт: «гавҳар ба гавҳар омад боз».

## ОГОҲӢ ЁФТАНИ БАҲРОМ АЗ ЛАШКАРКАШИИ ХОҚОНИ ЧИН

Чорабанде расид пайке чуст,
Роҳи шаштоқи ҳафтгунбад ҷуст.
Чун даромад дар он биҳиштӣ кох,
Шуд дилаш чун дари биҳишт фарох.
Қард бар хусрав офарини дароз,
Қ-офарин карда буд, бурд намоз.
Гуфт: «боз аз нигорхонаи Чин
Ҷӯши лашкар гирифт рӯи замин.
Монд паймони шоҳро фағрур,
Шуд дигар раҳ зи некаҳдӣ дур.
Лашкаре теғ баркашида ба авҷ,
То ба Ҷайҳун расида мавҷ ба мавҷ.
Селе омад, гирифт саҳрое,
Ҳар наҳанге дар ӯ чу дарёе.
Гар шаҳ ин шуғлро бидорад пос,
Чиниён хуни мо хӯранд ба тос».
Шаҳ чу аз фитна ёфт огоҳӣ,
Дар бало дид офиятхоҳӣ.
Пештар з-он ки дар сар ояд дом,
Доман аз май кашиду даст аз ҷом.
Рои он зад, ки аз кифояту рой
Хасмро чун ба сар дарорад пой?
Ҷуз ба ганҷу сипаҳ надид паноҳ,
Қ-олати нусрат аст ганҷу сипоҳ.
Чун сипаҳ бозҷуст, панҷ надид,
Чун ба ганҷина рафт, ганҷ надид.
Ҳам тиҳӣ дид ганҷи оганда,
Ҳам силеҳу сипаҳ пароканда.
Монд оҷиз чу шери бедандон,
Тавқ занҷиру мамлакат зиндон.
Шаҳ, шунидам, ки дошт дастуре,
Нохудотарсе,
аз худо дуре,
Номи худ карда з-он ҷарида ки хост —
Ростравшан, вале на равшану рост.

Равшану ростиш бас борик,
Ростӣ-кужу равшанӣ-торик.
Дода шаҳро ба номи нек ғурур
В-ӯ зи таълиқи некномӣ дур.
То вазорат ба ҳукми Нарсӣ буд,
Дар вазорат худойтарсӣ буд,
Ростравшан чу з-ӯ вазорат бурд,
Ростиҳову равшаниҳо мурд.
Шаҳ чу машғул шуд ба нӯшу ба ноз,
Ӯ ба бедод кард даст дароз.
Фитна месохт, маслиҳат месӯхт,
Мулк мечуст мол меандӯхт.
Ноиби шоҳро ба зарру ба зеб
Дод бар кимиёи фитна фиреб.
Гуфт: «Халқ орзӯталаб шудаанд,
Шӯху густоху беадаб шудаанд.
Неъмати мо зи роҳи серишон
Дода дар кори мо далер нишон.
Гар намолемашон ба рою ба ҳуш,
Мулкро чашми бад бимолад гӯш.
Мардумоне буданду бадгуҳаранд,
Юсуфоне зи гургу саг батаранд.
Гургро гургбанд бояд кард,
Рақси рӯбоҳ чанд бояд кард?
Хокиёне, ки зодаи замиянд,
Дадгоне, ба сурат одамиянд.
Дадгон бар вафо назар нанизанд.
Ҳукмро чуз ба теғ сар наниҳанд.
Молашон ҳавза асту эшон сер,
Гандад об, ар ба ҳавз монад дер.
Об, к-аз хок тирафаш гардад,
Ҳам ба тадбири хок х(в)аш гардад.
Шоҳ агар маст, хасм ҳушьёр аст,
Шаҳна гар хуфта, дузд бедор аст.
Чун сиёсат зи ёди шоҳ шавад,
Подшоҳӣ бар ӯ табоҳ шавад.
Аз шаҳе, к-ӯ сиёсат ангезад,
Душману дев ҳар ду бигрезад.
Дев бошад раийяти густох,
Чун гузорӣ, ниҳанд пой фарох.
Чаҳд он кун, ки аз сиёсати хеш
Нашканӣ равнақи раёсати хеш.
Нафиребӣ ба ошнои кас,
Каси худ теғи худ шиносию бас.

Шаҳ ба уммеди мост бодапараст,
Ман қалам дораму ту теғ ба даст,
Аз ту қаҳр ояду зи ман тадбир,
Ҳар кӣ гӯям: гирифтанист, — бигир.
Мӯҳташамро ба мол молиш кун,
Бедирамро ба хун сиголиш кун.
Неку бад ҳар ду ҳаст бар ту ҳалол,
Аз бадон ҷон ситон, зи некон мол.
Хор кун халқро ба ҷоҳу ба чиз,
То бимонӣ ба чашми халқ азиз.
Чун раийят забуну хор бувад,
Мулк пайваста барқарор бувад».
Ноиби шаҳ зи рӯи сармастӣ
Қард бо ӯ ба ҷавр ҳамдастӣ.
Ба ҷафое, ки ӯ намудаш роҳ,
Ҷавр мекард бар раийяти шоҳ.
То ба ҳадде, ки хорӣ аз ҳад бурд
Ҳеҷ касро ба ҳеҷ кас нашмурд.
Дар ситамкорагӣ пай афшурданд
Мегирифтанду хона мебурданд.
Дар деҳу шаҳр ҷуз нафир набуд,
Сухане ҷуз «гирифт»-у «гир» набуд
То дар он мамлакат ба андак сол
Ҳеҷ касро на мулк монду на мол.
Ҳамаро Ростравшан аз каму беш
Росту равшан ситад ба ришвати хеш.
Аз зару гавҳару ғуломy каниз
Дар вилоят намонд касро чиз.
Хонадорон зи ҷаври хонаборон
Хонаи хеш монда бар дигарон.
Шаҳрию лашкарӣ зи ҷон ба сутӯҳ
Ҳама овора гашта кӯҳ ба кӯҳ.
Дар навоҳӣ на гов монду на кишт,
Дахлро кас фазолаке нанвишт.
Чун вилоят хароб шуд, ҳолӣ
Дахли шоҳ аз хазона шуд холӣ.
Ҷуз вазире, ки хона будашу ганҷ
Ҳосили кас набуд ҷуз ғаму ранҷ.
Шоҳро чун ба соз кардани ҷанг
Ганҷу лашкар набуд, шуд дилтанг.
Мунҳиёнро ягон-ягон ба дуруст
Як ба як ҳоли он харобӣ ҷуст.
Қас зи бими вазири оламсӯз
Он чӣ шаб рафт, вонагуфт ба рӯз.

Ҳар касе узре аз дурӯғ ангехт,
Қ-ин тиҳидаст гашту он бигрехт.

### АНДАРЗ ГИРИФТАНИ БАҲРОМ АЗ ШУБОН

Шаҳ чу танг омадӣ зи тангии кор
Яксавора бурун шудӣ ба шикор,
Сайд кардию шодмона шудӣ,
Чун шудӣ шод сӯи хона шудӣ.
Чун шуд он рӯз ғам инонгираш,
Рағбат омад ба сӯи нахчираш.
Яктана сӯи сайд рафт бурун,
То зи дил ҳам ба худ бишӯяд хун.
Қард сайде чунон ки будаш рой,
Ғуссаро даст басту ғамро пой.
Чун зи сайди палангу шеру гуроз
Хост то сӯи хона гардад боз.
Дар таку тоб з-он ки тохта буд,
Мағзаш аз ташнагӣ гудохта буд.
Гирд бар гирди он замин бишитофт,
Об то беш ҷуст, камтар ёфт.
Дид дуде чу аждаҳои сиёҳ
Сар бароварда дар гирифтани моҳ.
Гуфт: «Он дуд гарчи з-оташ хост,
Аз фурӯзандааш об бояд хост».
Чун бар он дуд рафт гоме чанд,
Хиргаҳе дид баркашида баланд.
Ғалаи гӯсфанд сум то гӯш
Гашта дар офтоб яхниҷӯш.
Саге овехта зи шохи дарахт,
Баста чун санг дасту пояш сахт.
Сӯи хиргоҳ ронд маркаб тез,
Дид пире чу субҳ меҳрангез.
Пир чун дид меҳмон, барҷаст,
Ба парастишгарӣ миён дарбаст.
Аввалаш пешкаш дуруд овард
В-он гаҳ аз маркабаш фуруд-овард.
Ҳар чӣ дар хона дошт моҳазарӣ
Пешаш оварду кард лобагарӣ.
Гуфт: «Шак нест,
к-инчунин хонае
Нест дархӯрди чун ту меҳмоне.

Лек аз ободӣ ин тараф дур аст,
Хон агар бенавост, маъзур аст».
Шаҳ чу нонпораи шубонро дид,
Шарбате об хӯрду даст кашид.
Гуфт: «Нон он гаҳе хӯрам, ки нахуст
З-он чӣ пурсам, хабар диҳӣ ба дуруст,
Қ-ин саги баста мустаманд чарост?
Шери хона-ст, гургбанд чарост?»
Пир гуфт: «эй ҷавони зеборӯй,
Гӯямат он чӣ рафт мӯй ба мӯй.
Ин саге буд посбони гала,
Ман бад-ӯ карда кори хеш яла.
Аз вафодорию аминии ӯ
Шод будам ба ҳамнишинии ӯ.
Қ-аз гала дур доштӣ ҳама сол
Дуздро чангу гургро чангол.
Ман бад-ӯ дода ҳирз хонаи хеш,
Хонда ӯро на саг, шубонаи хеш.
В-ӯ ба дандону чанг душмансӯз,
Бозуи оҳанини ман шабу рӯз.
Гар ман аз дашт рафтаме суи шаҳр,
Гала аз поси ӯ гирифтӣ баҳр.
В-ар шудӣ шуғли ман ба шаҳр дароз,
Галаро ӯ ба хона бурдӣ боз.
Чанд солам ятокдорӣ кард,
Ростбозию росткорӣ кард.
То яке рӯз бар саҳифаи кор,
Галаро накш барзадам ба шумор.
Ҳафт сар гӯсфанд кам дидам,
Ғалатам дар ҳисоб нарасидам.
Баъди як ҳафта чун шумурдам боз,
Ҳам кам омад, ба кас нагуфтам роз.
Пос медоштам ба рою ба ҳуш,
Дар хатои касам наёмад гӯш.
Гарчи медоштам ба шабҳо пос,
Нашудам ҳеҷ шаб ҳарифшинос.
В-он саг огоҳтар ба кор аз ман,
Посбонтар ҳазор бор аз ман.
Боз чун кардам он шумор дуруст,
Ҳам кам омад, чунон ки рӯзи нахуст.
Ҳама шаб хотирам ба ғам мебуд,
Қ-аз гала гӯсфанд кам мебуд.
Даҳ-даҳу панҷ-панҷ мепардохт,
Чун яхе к-ӯ ба офтоб гудохт.

То ба ҳадде, ки омили садақот
Он чӣ монд, аз манаш ситад ба закот.
Ӯфтодам мани биёбонӣ,
Аз галасоҳиби ба чӯпонӣ.
Нарм кард он ғами дурушт маро,
Дар ҷигар кор карду кушт маро.
Гуфтам: ин рахна гар зи чашми бад аст,
Дасткори кадом дому дад аст?
Бо саге инчунин, ки шерӣ кард,
Қист, к-ин ошнодалерӣ кард?
То яке рӯз бар канораи об
Хуфта будам, даромадам аз хоб
Ҳамчунон сар ниҳода бар сари чӯб,
Дасту пое кашида беошӯб.
Модагурге зи дур дидам чуст,
Қ-омаду шуд сагаш баробар суст,
Хонд сагро ба сагзабонии хеш,
Саг давидаш ба меҳрубонӣ пеш...
Гӯсфанде қавӣ, ки саргала буд,
Пояш аз бори дунба обила буд,
Бурду хӯрдаш ба камтарин нафасе
В-ин чунин ришва хӯрда буд басе...
Чанд навбат маъоф доштамаш,
Ӯ хато карду ман гузоштамаш.
То ҳам охир гирифтамаш бо гург,
Бастамаш бар чунин хатои бузург.
Қардамаш дар шиканҷа зиндонӣ,
То кунад банда бандафармонӣ.
Саги ман гурги роҳбанди ман аст,
Балки қассоби гӯсфанди ман аст.
Бар амонат хиёнате бардӯхт,
В-он аминӣ ба хоинӣ бифрӯхт.
Рухсат он шуд, ки то нахоҳад мурд,
Аз чунин банд ҷон нахоҳад бурд.
Ҳар кӣ бо муҷримон чунин накунад,
Ҳеҷ кас бар вай офарин накунад».
Шоҳ Баҳром аз он сухандонӣ
Ибрате баргирифт пинҳонӣ.
Ин сухан рамз буд, чун дарёфт,
Хӯрд чизею сӯи шаҳр шитофт.
Гуфт бо худ к-«аз ин шубонаи пир
Шоҳӣ омӯхтам, зиҳӣ тадбир!
Дар намудори одамияти ман
Ман шубонам, гала раийяти ман.

Ин ки дастури тезбини ман аст,
Дар ҳифози гала амини ман аст.
Чун намонад асоси кор дуруст,
Аз амин рахна боз бояд ҷуст,
То бигӯяд, ки ин харобӣ чист,
Аслу бунёди ин харобӣ кист?»
Чун ба шаҳр омад,
аз гумоштагон
Хост машрӯҳи боздоштагон.
Чун дар он рӯзнома кард нигоҳ,
Рӯз бар вай чу нома гашт сиёҳ,
Дид саргашта як ҷаҳон маҷрӯҳ,
Номи ҳар як набишта дар машрӯҳ
Гуфта дар шарҳҳои мотаму сур:
«Куштан аз шаҳ, шафоат аз дастур»,
Номи шаҳро ба ҷавр бад карда,
Некномӣ ба номи х(в)ад карда.
Шоҳ донист, к-он чӣ шевагарист,
Дузди хона ба қасди хонабарист,
Чун саге, к-ӯ гала ба гург супурд,
Шеван ангехт бо шубонаи курд.
Маслиҳат дид боздоштанаш,
Рӯзаке даҳ фурӯ гузоштанаш.
Гуфт: «агар монамаш ба мансаби хеш,
Кас ба рафъаш қалам наёрад пеш.
Чун зи ҳашмат кунам дарашро дур
Дар шаби тира беҳ намояд нур.

## БОЗХОСТАНИ БАҲРОМ АЗ ВАЗИРИ СИТАМКОР

Боргаҳ бар сипеҳр зад Баҳром,
Бори худ кард бар халоиқи ом.
Меҳтарон омаданд аз пасу пеш,
Саф кашиданд бар маротиби хеш.
Ростравшан даромад аз дари кох,
Рафт бар садргоҳи худ густох.
Шаҳ дар ӯ дид хашмноку дурушт,
Бонг барзад чунон ки ӯро кушт,
К-«эй ҳама мулки ман хароб аз ту,
Рафта равнақ зи мулку об аз ту!
Ганҷи худро ба гавҳар огандӣ,
Гавҳару ганги ман парокандӣ.

Сӯзу барг аз сипаҳ гирифтӣ боз,
То сипаҳро на барг монду на соз.
Хонаи бандагони ман бурдӣ,
Пой дар хуни ҳар кас афшурдӣ.
Аз раийят ба ҷои расму хироҷ
Гаҳ камар хостию гоҳе тоҷ.
Аз ту бар ман чӣ ростравшан гашт?
Ростӣ рафту равшанӣ бигзашт.
Лашкару ганҷро расондӣ ранҷ,
То на лашкар ба ҷой монду на ганҷ».
З-ин сухан сад ҳазор чанбар сохт,
Ҳама дар гардани вазир андохт.
Пас бифармуд, то забонии зишт
Сӯи дӯзах давондаш зи биҳишт.
Аз амома каманд кардандаш,
Даркашиданду банд кардандаш.
Пой дар кунда, даст дар занҷир,
Инчунин кас вазар бувад, на вазир.
Чун бад-он қаҳрамон даромад қаҳр,
Шаҳ мунодӣ равона кард ба шаҳр,
То ситамдидагон дар он фарьёд
Дод хоҳанду шаҳ диҳадшон дод.
Чун шуниданд ҷумла хайлу сипоҳ,
Сар ниҳоданд сӯи ҳазрати шоҳ.
Шаҳ ба зиндониён чунин фармуд,
Қ-аз дили дардноки хунолуд
Ҳар касе ҷурми худ падид кунад,
Банди худро бад-он калид кунад.
Бандиёни зи банд ҷаста бурун
Омаданд аз ҳазор шахс фузун.
Шоҳ аз ҷумла ҳафт шахс гузид,
Ҳар якеро зи ҳоли худ пурсид.
Гуфт бо ҳар яке: «гуноҳи ту чист,
Аз куҷоию дудмони ту кист?»

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ ЯКУМ

Аввалин шахс гуфт бо Баҳром,
Қ-«эй шуда душмани ту душманком,
Ростравшан ба захмҳои дурушт
Дар шиканҷа бародарамро кушт.
В-он чӣ буд аз маошу маркабу чиз,—
Ҳама бистад, ҳаёту ҳашмат низ.

Ҳар кас аз хубию ҷавонии ӯ
Сӯхт бар ғабни зиндагонии ӯ.
Чун ман ангехтам хурӯшу нафир,
З-он ҷиноят маро гирифт вазир,
Қ-ӯ ҳавохоҳи душманон будаст,
Ту чунинию ӯ чунон будаст.
Ғӯрие тундро ишорат кард,
То маро низ хона ғорат кард.
Банд ба пои ман ниҳод ба зӯр,
Қард бар ман саройро чун гӯр.
Он бародар ба ҷавр ҷон бурда
В-ин барододар ба дасту по мурда».
Шоҳро чун зи гуфти он мазлум
Он чӣ дастур кард, шуд маълум.
Ҳар чӣ дастур аз ӯ ба ғорат бурд,
Ҷумла бо хунбаҳо бад-ӯ биспурд.
Қардаш озоду дилхушӣ додаш,
Бар сари шуғли худ фиристодаш.

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ ДУЮМ

Қард шахси дуюм дуои дароз
Дар заминбӯси шоҳи банданавоз.
Гуфт: «боғем дар каёӣ буд,
Қ-ошноиш рӯшноӣ буд.
Чун бисоти биҳишт сабзу фарох,
Қалла бар калла меваҳо бар шох.
Дар хазон дода навбаҳор маро
В-аз падар монда ёдгор маро.
Рӯзе аз роҳи оташиндоғӣ
Сӯи боғи ман омад он боғӣ
Меҳмон кардамаш ба меваю май,
Меҳмонӣ сазои хидмати вай.
Ҳар чӣ дар боғ буду дар хона
Пеши ӯ рехтам ба шукрона.
Хӯрду хандиду хуфту оромид
В-аз шароб он чӣ хост ошомид.
Чун замоне ба гирди боғ бигашт,
Хост- к-аз ишқи боғ гирад дашт.
Гуфт: «бар ман фурӯш боғатро,
То диҳам равшанӣ чароғатро».
Гуфтам: «ин боғро, ки ҷони ман аст.
Чун фурӯшам, ки айшдони ман аст?

Ҳар касеро дар оташе доғест,
Мани бечораро ҳамин боғест,
Боғ, пиндор, к-они туст мудом,
Ман туро боғбон на, балки ғулом.
Ҳар гаҳе к-афтадат ба боғ шитоб,
Мева хӯр, бода нӯш бар лаби об».
Гуфт: «аз ин даргузар, баҳона масоз,
Боғ бифрӯшу рахт вопардоз!
Ҷаҳд бисёр шуд ба шӯру ба шар,
Боғ бифрӯхтам ба зӯру ба зар.
Оқибат чун зи кина шуд сармаст,
Тӯҳмате аз дурӯғ бар ман баст,
То бад-он ҷурм аз ҷинояти хеш
Боғро бистад аз мани дарвеш
В-аз паи он ки дар тазаллумгоҳ
Ин тазаллум наёварам бар шоҳ,
Қард зиндониям ба ранҷу вубол
В-ин суханро камина рафт ду сол».
Шаҳ бад-ӯ боғ доду гашт обод
Хонаю боғи дод чун Бағдод.

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ СЕЮМ

Гуфт зиндонии сеюм бо шоҳ,
Қ-«эй туро сӯи ҳар чӣ хоҳӣ роҳ,
Банда бозоргони дарӣ буд,
Рӯзиям з-он сафар муҳайё буд.
Рафтаме гаҳ-гаҳе ба дарё бор,
Судҳо дидаме дар он бисёр.
Чун шиносо шудам ба доноӣ
Дар баду неки дурри дарёӣ,
Лӯълӯе чандам уфтод ба чанг,
Шабчароғи саҳар ба равнақу ранг.
Омадам сӯи шаҳр ҳавсалапур,
Чашм равшан бад-он алоқаи дурр.
Хостам, к-он алоқа бифрӯшам
В-аз баҳо гаҳ хӯрам, гаҳе нӯшам.
Чун вазири мулк хабар бишнид,
Қ-они ман бувад иқди марворид,
Хонду аз ман харид бо сад шарм,
Дар баҳо доштам басе озарм.
Чун ки вақти баҳо расид фароз,
Гуна-гуна баҳона кард оғоз.

Ман баҳо хостам ба ғуссаю дард,
Ӯ наёвард ҷуз баҳонаи сард.
Рӯзаке чандам аз сиёҳу сапед
Ишва бар ишва доду ман ба умед.
В-охируламр хонд пинҳонам,
Қард бо хуниён ба зиндонам.
Бар гуноҳам яке баҳона шумурд,
Қ-он баҳоро бад-он баҳона бибурд.
Ивази иқди ман, ки бурд аз даст,
Дасту поям ба уқдаҳо дарбаст.
Ӯ зи ман гавҳар оварида ба чанг,
Ман аз ӯ дар шиканҷа монда чу санг.
Ӯ дур (р) оварда дар шиканҷи кулоҳ,
Ман садафвор монда дар буни чоҳ.
Шуд се сол ин замон ки дар бандам
Рӯи шаҳ дида диду хурсандам».
Шаҳ зи ганҷи вазири бадгавҳар
Гавҳараш бозводу зар ба сар.

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ ЧОРУМ

Чорумин шахс бо ҳазор ҳарос
Гуфт: к-«эй дархӯрди ҳазор сипос,
Мутрибе ошиқам, қарибу ҷавон,
Барбате хуш занам чу оби равон.
Меҳрубон доштам навоине,
Чиние, балки дард бар чине.
Меҳраш аз моҳ равшанӣ бурда,
Рӯз чун шаб баробараш мурда.
Хубияш аз баҳори зеборӯй
Хонаю боғ бурда рӯёрӯй.
Гуллеҳи гелӣ кашон ба домонаш,
Сарвро лавҳ дар дабистонаш.
Аз ман омӯхта тараннуми соз,
Заданаш дилфиребу рӯҳнавоз.
Ҳар ду бо якдигар ба як хона
Гарми сӯҳбат чу шамъу парвона.
Ман бад-ӯ зиндадил чу шаб ба чароғ,
Ӯ зи ман шодмон чу сабза ба боғ.
Равшану рост ҳамчу шамъ аз нур
Ростравшан зи банда кардаш дур.
Шамъро дар сарои хеш афрӯхт,
Дили парвонаро ба оташ сӯхт.

Чун барошуфтам аз чудоии ӯ,
Роҳ ҷустам ба рӯшноии ӯ,
Банд бар ман ниҳод хандоханд,
Яъне ошуфтаро бибояд банд.
Ӯ арӯси маро гирифта ба ноз,
Ман ба зиндон ба сад ҳазор ниёз.
Чор сол аст, к-аз ситамкорӣ
Дорадам бегунаҳ бад-ин хорӣ».
Бар арӯсӣ-ш дод ширбаҳо,
Бо арӯсаш зи банд кард раҳо.

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ ПАНҶУМ

Шахси панҷум ба шоҳи анҷум гуфт,
К-«Эй фалак бо чаҳортоқи ту ҷуфт,
Ман раиси фалон расадгоҳам,
К-аз мутеони давлати шоҳам.
Дода буд эзидам ба давлати шоҳ
Неъмату ҳашмате зи молу зи ҷоҳ.
Аз паи ҷондарозии шаҳди шарқ
Кардам офоқро ба шодӣ ғарқ.
Хурраму тоза шаҳру кӯй ба ман,
Аҳли دониш ниҳода рӯй ба ман.
Додам аз мамлакатфурӯзии хеш
Ҳар касеро бароти рӯзии хеш.
Тангдастон зи ман фарохдирам,
Бевагон серу бевазодон ҳам.
Ҳар кӣ зар хост, зарпазир шудам.
В-он ки афтод, дастгир шудам.
Ҳеч дармонда дарнамонд ба банд,
То раҳоӣ надодамаш зи газанд.
Ҳар чӣ омад зи дахли деҳқонон,
Сарф мешуд ба харҷи меҳмонон.
Дахлу харҷе чунон ки бояд буд,
Халқ розӣ зи ман, худо хушнуд.
Чун вазир ин сухан ба гӯш овард,
Деги бедодро ба ҷӯш овард.
Кадхудоимро зи даст кушод,
Даст бар молу мулки банда ниҳод.
Гуфт: «к-ин мол дастранҷи ту нест,
Бахшиши ту ба қадри ганҷи ту нест.
Ё ба иксир кӯра тофтаӣ,
Ё ба хирвор ганҷ ёфтаӣ.

Қисмати ман, чунон ки бояд дод,
Бидеҳ, ар на, сарат диҳам барбод!
Ҳар маишат, ки банда дошт тамом,
Ҳама бистад бад-ин баҳонаи хом.
В-охири кор дармандам кард,
Бандае худ будам, ба бандам кард.
Панҷ сол аст, то дар ин зиндон
Дурам аз хонумону фарзандон».
Шоҳ фармуд, то ба неъмату ноз
Бар сари мулки хештан шуд боз.

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ ШАШУМ

Чун ба шахси шашум расид шумор,
Дар сари бахти худ шикаст хумор.
Кард бар шаҳ дуои пирӯзӣ,
К-«эй зи хулки ту халкро рӯзӣ,
Ман яке курдзода лашкариям,
К-аз ниёкони хеш гавҳариям.
Банда ҳаст аз сипоҳиёни сипоҳ
Падарам буд низ бандаи шоҳ.
Шоҳ нонпорае ба миннати хеш
Бандаро дода буд зи неъмати хеш.
Банда он нон ба офият мех(в)ард,
Бар дари шоҳ бандагӣ мекард,
Хос кардаш вазири ҷофирой,
Бо ҷафо ҳеҷ кас надорад пой.
Банда соҳибаёлу мол надошт,
Ба ҷуз он мазраа манол надошт.
Чанд раҳ пеши ӯ шудам ба нафир,
К-аз барои худой, дастам гир!
То иёре ба адл бинмояд,
Бар аёлони ман бубахшояд.
Ё чу итлоқиёни бенонам
Рӯзие нав кунад зи девонам.
Бонг барзад ба ман, ки «хомӯш бош!
Ранги хеш аз хаданги хеш тарош.
Шоҳро нест бо кас озоре,
То кунад ваҳшатею пайкоре,
Душмане бар дараш наёмад танг,
То ба лашкар ниёз бошаду ҷанг.
Тӯша гар нест, бар зиёда макӯш,
Асбу зину силоҳро бифрӯш».

Гуфтам: «аз табъи деврой битарс,
Аҷзи ман бину аз худой битарс.
Манамой аз камию камрахтӣ
Мани сахтирасидаро сахтӣ.
Ту ҳама шаб кашида пой ба ноз,
Ман ба шамшер карда даст дароз.
Гар ту дар мулк мезанӣ қаламе,
Ман ба шамшер мезанам қадаме,
Ту қаламе мезанӣ ба хуни сипоҳ,
Ман занам теғ бо мухолифи шоҳ.
Маситон аз ман он чӣ шаҳ фармуд,
Гар на, фитроки шаҳ бигирам зуд.
Гарм шуд, к-аз ман ин хитоб шунид,
Бар мани беқалам давот кашид.
Гуфт, к-аз аблаҳию нодонӣ
Чун кулӯхам ба об тарсонӣ.
Гаҳ ба заркам ҳамекунӣ тақлид,
Гаҳ ба шоҳам ҳамедиҳӣ таҳдид.
Шоҳро ман нишондаам бар гоҳ,
Нест бе хатти ман сапеду сиёҳ.
Сари шоҳона ба зери пои ман аст,
Ҳамаро зиндагӣ барои ман аст».
Ин бигуфту давот бар ман зад,
Асбу созу силеҳи ман бистад.
Пас ба дижхим хуниён додам,
Сӯи зиндони худ фиристодам.
Қурби шаш сол ҳаст балки фузун,
То дилам пурғамасту ҷон пурхун».
Шоҳ бинвохташ ба хилъату соз,
Ҷовидон бод шоҳи банданавоз.
Чун лабашро ба лутф хандон кард,
Расми иқтои у дучандон кард.

## ШИКОЯТИ МАЗЛУМИ ҲАФТУМ

Ҳафтумин шахс чун расид фароз,
Бар лаб аз шукри шаҳ кашид тироз.
Гуфт: «ман, к-аз ҷаҳон кашидам даст,
Зоҳиде раҳравам, худойпараст.
Тангдасте, фароҳдида чу шамъ,
Хештан сӯхта баробари ҷамъ.
Аз ҳама хӯрду хоб бебаҳрам,
Қоимуллайлу соимуддаҳрам.

Рӯз нахӯрда, к-обу нонам нест,
Шаб нахуфта, ки хонумонам нест.
Дар парастишгаҳе гирифта қарор,
Нестам ҷуз худопарастӣ кор.
Ҳар киро бингарам, ризо ҷӯям,
Ҳар ки ёд орамаш, дуо гӯям.
Қас фиристод сӯи ман дастур,
Хонду рафтам, маро нишонд аз дур.
Гуфт: «бар ту маро гумони бад аст,
Гар азобат кунам, ба ҷои х (в) ад аст».
Гуфтам: «эй сайидӣ, гумони ту чист?
То ба тартиби ту тавонам зист».
Гуфт: «метарсам аз дуои бадат,
Марг мехоҳам аз худои х(в)адат,
Қ-аз сари кинварию бадхӯӣ
Дар ҳақи ман дуои бад гӯӣ.
Пештар з-он, к-аз оташи кинат
Дар ман афтад шарори нафринат,
Дасти ту бандам аз дуо кардан,
Даст танҳо на, даст бо гардан».
Зери бандам кашиду бок надошт,
Ғами ин ҷони дарднок надошт.
Ҳафт соле дар ин харос афканд,
Дар ду поям калиду дос афканд»...
Шоҳ дар бар гирифт зоҳидро,
Шери кофиркуши муҷоҳидро
Аз тару хушк ҳар чӣ дошт вазир,
Гуфт бо зоҳид: «они туст, бигир».

## КУШТАНИ БАҲРОМ ВАЗИРИ ЗОЛИМРО

...То саҳаргаҳ нахуфт аз он хиҷилӣ,
Дида бар ҳам назад зи тангдилӣ.
Чун дар ин кӯзаи сафолсиришт
Чашмаи офтоб райҳон кишт,
Шаҳ чу боронрасида райҳонӣ
Қард бар ташнагон гулафшонӣ.
Дод фармон,
ки тахти бор зананд,
Бар дари боргоҳ дор зананд.
Омро бор доду худ биншаст,
Хосагон истода теғ ба даст.

Сарбаландони мулкро биншонд,
Адлро ноқа бар баландӣ ронд.
Ҷамъ кард аз халоиқ анбӯҳе,
Баркашид аз назорагон кӯҳе.
Он ҷафопешаро, ки буд вазир,
Пой то сар кашида дар занҷир,
Зинда бар дор карду бок набурд,
То чуduздон ба шармсорӣ мурд.
Гуфт: «ҳар к-он чунон сар афрозад,
Рӯзгораш чунин сар андозад.
Аз хиёнатгарист бадномӣ
В-аз бадӣ ҳаст бадсаранҷомӣ.
Золиме,
к-ончунон намояд шӯр,
Одилонаш чунин кунад ба гӯр.
Ҳар кӣ меху кадина пеш ниҳод,
Кунда бар дасту пои хеш ниҳод».
Пас аз ин доваринамои бузург
Ёд кард аз сагу шубонаю гург
В-он шубонро бихонду шоҳӣ дод,
Некбахтию некхоҳӣ дод.
Сахтӣ аз кори мамлакат бардошт,
Бар касе зӯри дасти кас нагзошт.
То на бас дер аз чунон тадбир
Оҳанаш зар шуду палос ҳарир.
Лашкару ганҷ шуд бар анбӯҳ,
Ин зи дарё гузашту он аз кӯҳ.

## ПУЗИШ ХОСТАНИ ҲОҚОНИ ЧИН АЗ БАҲРОМ

Чун ба ҳоқон расида шуд хабараш,
Боз пас шуд, надод дарди сараш.
Қас фиристоду узр хост басе,
Барназад бе ризои ӯ нафасе.
Гуфт: к-он куштанӣ, ки шоҳаш кушт,
Офате буд, фитнаро ҳампушт,
Сӯи мо нома карду моро хонд,
Фаслҳое ба дилфиребӣ ронд,
То бад-он ишваҳои табъфиреб
Аз мани содатабъ бурд шикеб.
Гуфт: «кон пурзар асту раҳ холӣ.
К-ин бихонӣ шитоб кун холӣ.

Ман камар бастаам ба дамсозӣ,
Аз ту теғу зи ман сарандозӣ».
Чун хабарҳои шоҳ бишнидам,
Қорҳо бар хилофи он дидам.
Ман ҳамон сафтагӯши халқакашам.
Бо худ аз Чину бо ту аз Ҳабашам».
В-он чӣ он хоини харобихоҳ
Ба шикоят набишта буд зи шоҳ.
Ҳама тӯморҳо ба ҳам дарпехт,
Дод, то пайк пеши хусрав рехт.
Шаҳ чу бархонд номаҳои вазир,
Тез шуд чун қалам ба дасти дабир.
Бар ҳалокаш сипосдорӣ кард,
Қор аз ' н пас ба устуворӣ кард.

## АЗ «ИСКАНДАРНОМА»

### ХИРАДНОМАИ АРАСТУ[1]

Чунин буд дар номаи раҳнамой,
Аз он пас ки буд офарини худой,
Ки — Шоҳо ба дониш дил обод дор,
Зи бедонишон дур шав, ёд дор,
Дареро, ки бандаш бувад нопадид,
Зи доно тавон боз ҷустан калид.
Ба ҳар давлате,
к-оварӣ дар шумор,
Суҷуде бикун пеши парвардигор.
Ба пирӯзии худ қавидил мабош,
Зи тарси худо ҳеҷ ғофил мабош!
Худотарсро созгор аст бахт,
Бувад нохудотарсро кор сахт.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ тануманду шод,
Сипанде баоташ фикан бомдод.
Мабош эмин аз дидани чашми бад,
На аз чашми бад, балки аз чашми х (в) ад.
Чунин зад масал марди гавҳаршинос,
Ки — ғар хубӣ, аз хештан дарҳарос!
Зи бод он дарахте наёбад газанд,
Ки аз хок сар барнаёрад баланд.
Душохакушоёни нахчиргоҳ
Ба фаҳлони нахчир ёбанд роҳ.

Сабақбурди худро так охиста дор,
Ҳасадро ба худ роҳ барбаста дор.
Ҳасад мардро дил ба дард оварад,
Миёни ду озод гард оварад.
Ба кина мабар ҳеҷ касро зи ҷой,
Чу аз ҷой бурдӣ, дарораш зи пой.
Гарат ба касе ҳаст кини куҳун,
Нажодаш макан яксар аз беху бун.
Махоҳ аз касе кини обои ӯ,
Назар беш кун дар муҳобои ӯ,
Зи хуршед то соя мӯе бувад,
Ки ин равшан он тирарӯе бувад.
Зи хурмо ба дасте бувад то ба хор,
Ки ин гулшакар бошад он ногувор.
Садаф гарчи ҳамсоя шуд бо наҳанг,
Дури тоҷ дорад на шамшери ҷанг.
Бародар ба ҷурми бародар магир,
Ки бас фарқ бошад зи хун то ба шир.
Мазан дар кас аз баҳри кас нешро.
Ба пои худ овез ҳар мешро.
Чу омурзиши эзадӣ боядат,
Набояд, ки расми бадӣ оядат.
Бадонро бад ояд зи чархи кабуд,
Ба некон ҳама некӣ ояд фурӯд.
Макун ҷуз ба некӣ гироядагӣ,
Ки дар некномист,
пояндагӣ.
Манеҳ бар дили некномон ғубор,
Ки бадномӣ орад саранҷоми кор.
Макун кори бадгавҳаронро баланд,
Ки парвардани гургат орад газанд.
Маёмез дар ҳеҷ бадгавҳаре,
Мадеҳ кимиёе ба хокистаре.
Чу бадгавҳарӣ сар барорад зи мард,
Кунад гавҳари сурхро рӯйзард.
Задан бо худованди фарҳанг рой,
Ба фарҳанг бошад туро раҳнамой.
Чу суди дирам беш хоҳӣ,
на кам,
Мазан рой бо мардуми бедирам.
Кушиш ҷустан аз мардуми сусткӯш,
Ҷавоҳирхарӣ бошад аз ҷавфурӯш?
Ҳама ҷинсе аз гӯру гову паланг,
Ба ҷинсият оранд шодӣ ба чанг.

Чу дар парда ноҷинс бошад ҳамол,
Зи туҳмат басе нақш бандад хаёл.
Ду оинаро чун ба ҳам барниҳӣ,
Шавад ҳар ду аз ориятҳо тиҳӣ.
Машав бо забунафканон говдил,
Ки монӣ дар андуҳ чун хар ба гил.
Ҷавонмардии шер бо одамӣ,
Зи мардумрамӣ дон на аз мардумӣ.
Барон кас, ки бо сахтрӯӣ бувад.
Дуруштӣ беҳ аз нармхӯӣ бувад.
Ситезандаро чун бувад сахт кор,
Ба нармӣ талаб кун ба сахтӣ бидор.
Сари хасм чун гардад аз фитна пур,
Ба чарбӣ биёвар, ба тезӣ бибур.
Чу афтӣ миёни ду бадхоҳи хом
Парокандашон кун лагом аз лагом,
Дарафкан ба ҳам гургро бо паланг,
Ту бар ордро аз миёни ду санг.
Қасеро, ки бошад зи деҳқону шоҳ,
Ба андозаи поя неҳ пойгоҳ.
Ба сӯи тавоно,
тавоно фирист,
Ба доно ҳам аз ҷинси доно фирист.
Фиристодаро чун бувад чорасоз,
Ба андарз кардан набошад ниёз.
Ба ҷое, ки оҳан дарояд ба занг,
Ба зар додан оҳан баровар зи санг.
Хазина зи бахри зар огандан аст,
Зар аз бахри душман парокандан аст.
Ба чарбӣ тавон пои рубоҳ баст,
Ба ҳалво диҳад тифл чизе зи даст.
Чу мутриб ба сури касон шод бош,
Зи банди худ ар сарвӣ, озод бош.
Ҷаҳонро чу субҳи саҳархоста
Биёрой, то гардӣ ороста.
Маорой худро чу райҳони боғ,
Ба дасти касон хубтар шуд чароғ.
Хазина, ки бо туст бар туст бор,
Чу додӣ ба додан шавӣ растагор.
Зар он оташе нест,
ки огандаист,
Шарорест, к-аз худ парокандаист.
Магӯ, к-аз зару соҳиби зар, ки беҳ,
Гиреҳ бадтар аз банду банд аз гиреҳ.

Чунин гуфт бо оташ, оташпараст,
Ки — Аз мо кӣ беҳтар ба ҷое ки ҳаст?
Бигуфт оташ ар хоҳӣ омӯхтан,
Туро кушт бояд, маро сӯхтан.
Фарохостин шав, к-аз ин сабзшох
Фитад мева дар остини фарох.
Зи серӣ мабош он чунон шодком,
Ки аз ҳеза заҳре дарафтад ба ҷом.
Ба ганҷинае муфлисе роҳ бурд,
Бияфтоду аз шодмонӣ бимурд.
Ҳамон ташнаи гармро оби сард,
Паёпай нашояд ба якбора х(в)ард.
Ба ҳар манзиле, к-оварӣ тохтан,
Нашояд дар ӯ хобгаҳ сохтан.
Махӯр оби ноозмуда нахуст,
Ба дигар даҳоне кун он бозҷуст.
На он мевае,
к-ӯ ғариб оядат,
К-аз ӯ нотавонӣ насиб оядат.
Ба вақти хӯриш ҳар кӣ бошад табиб
Бипарҳезад аз хӯрдҳои ғариб.
Бар он раҳ, ки норафта бошад касе,
Марав гарчи ҳамроҳ дорӣ басе.
Раҳе, к-ӯ бувад дур аз андеша пок,
Беҳ аз роҳи наздики андешанок.
Гаронбории мол чандон маҷӯй,
Ки афтад ба лашкаргаҳат гуфтугӯй.
Зи ҳар ғорату мол, к-орӣ ба даст,
Ба дарвеш деҳ ҳар як аз ҳар чӣ ҳаст.
Ниҳонӣ ба ҳоҳандагон чиз деҳ.
Ки хушнудии эзид аз чиз беҳ.
Диҳиш, к-аз назарҳо ниҳонӣ бувад,
Ҳисори бади осмонӣ бувад.
Сипаҳро ба андоза деҳ пойгоҳ
Мадеҳ бештар моле аз харҷи роҳ.
Шикамбандаро чун шикам гашт сер,
Кунад баддилӣ, гарчи бошад далер.
На серӣ чунон деҳ,
ки гарданд маст,
На бигзорашон аз хӯриш тангдаст.
Чунон зӣ, ҳангоми сахтиву ноз,
Бувад лашкар аз ҷуз туӣ бениёз.
Ба рӯзе ду навбат баророй хон,
Сарони сипаҳро якояк бихон.

Махӯр бода дар ҳеҷ бегонабум,
Таносон машав то набошӣ ба Рум.
Ба равшантарин кас вадиат супор,
Ки аз оби равшан наёяд ғубор.
Чу равшантар аст офтоб аз гурӯҳ,
Амонат бад-ӯ дод дарёву кӯҳ.
Агар муқбилӣ муқбилонро шинос,
Ки иқболро дорад иқбол пос.
Мадеҳ мудбиронро сӯи хеш роҳ,
Ки ангур аз ангур гардад сиёҳ.
Вафо хислати модароварди туст,
Магар аз сириште,
ки буд аз нахуст
Чу мардум бигардонад оину ҳол,
Бигардад бар ӯ сиккаи мулку мол.
Зи хӯи қадимӣ нашояд гузашт,
Ки натвон ба хӯи дигар боз гашт.
Манеҳ хӯи аслӣ чу фарзонагон,
Машав пайрави хӯи бегонагон.
Пиёда, ки ӯ ростоин шавад,
Нагунсор гардад чу фарзин шавад.
Агар соҳибиқбол бинӣ касе,
Набинам, ки бо ӯ бикӯшӣ басе!
Ба ҳар гардише бо сипеҳри баланд,
Ситеза мабар,
то наёбӣ газанд.
Бинеҳ дил ба ҳар-ч оварад рӯзгор,
Магардон сар аз панди омӯзгор.
Агар нозе аз давлат ояд падид,
Сар аз нози давлат набояд кашид.
Ба нозе, ки давлат намояд, маранҷ,
Ки дар нози давлат бувад кони ганҷ.
Чу ҳангоми нози ту ояд фароз,
Кашад давлат он рӯз низ аз ту ноз.
Садаф з-он ҳама тан шудаст устухон,
Ки мағзе чу дур дорад андар миён.
Аз он сахт шуд кони гавҳар чу санг,
Ки н-ояд гуҳар ҷуз ба сахтӣ ба чанг.
Ба сахтӣ дар ахтар машав бадгумон,
Ки фаррухтар ояд замон то замон.
Зи пирӯзагун гунбад андӯҳ мадор,
Ки пирӯз бошад саранҷоми кор.
Машав ноумед, ар шавад кор сахт,
Дили худ қавӣ кун ба нерӯи бахт.

Барандоз санге ба боло далер,
Дигаргун бувад кор,
к-ояд ба зер.
Раҳо кун ситамро ба якборагӣ,
Ки камумрӣ орад ситамкорагӣ.
Шаҳ аз доди худ гар пушаймон шавад,
Вилоят зи бедод вайрон шавад.
Туро эзид аз баҳри адл офарид,
Ситам н-ояд аз шоҳи одил падид.
Накӯрой чун ройро бад кунад
Чунон дон, ки бад дар ҳақи х(в) ад кунад.
Чу гардад ҷаҳон гоҳ-гоҳ аз навард,
Ба гармои гарму ба сармои сард.
Дар он гарму сардӣ саломат маҷӯй,
Ки гардонад аз одати хеш рӯй.
Чунон беҳ,
ки ҳар фасле аз фасли сол
Ба хосияти худ намояд хисол.
Рабеъ аз рабеъӣ намояд сиришт,
Тамуз аз тамуз оварад сарнабишт.
Чу ҳар ч-ӯ бигардад зи тартиби кор,
Бигардад бар ӯ гардиши рӯзгор.
Ба ҷои ту гар бад кунад нокасе,
Ту низ ар кунӣ некӯӣ бо касе.
Ҳамонро, ҳаминро фаромӯш кун,
Забон аз баду нек хомӯш кун.
Мижа дар нахуфтан чу алмос дор,
Ба бедорӣ офоқро пос дор.
Чунин зад масал кордони бузург,
Ки поси шубон аст побанди гург.
Чу ёбӣ тавоноие дар сиришт,
Мазан ханда, к-он ҷо бувад ханда зишт.
В-агар нотавонӣ дароят ба кор,
Макун оҷизӣ бар касе ошкор.
Лаб аз хандаи хуррамӣ дармабанд,
Ғамин бош пинҳону пайдо биханд,
Ба ҳар ҷо, ки ҳарбе фароз оядат,
Ба ҳарбозмоён ниёз оядат.
Ҳазимат пазир аз дигар ҳарбгоҳ,
Набояд, ки ёбад дар он ҳарб роҳ.
Гурезанда чун раҳ ба даст оварад,
Ба кушандагон — дар шикаст оварад.
Чу хоҳӣ, ки бошад зафар ёри ту,
Зафардида бояд сипаҳдори ту.

Ба фаррухрикобони фирӯзманд
Инони азимат баровар баланд.
Ба ҳар-ч орӣ аз неку аз бад ба ҷой,
Бад аз хештан бину нек аз худой.
Чу ин номаи номвар шуд тамом,
Ба шаҳ доду шаҳ гашт аз ӯ шодком.

## ХИРАДНОМАИ АФЛОТУН[2]

Дигар рӯз,
к-аз атсаи офтоб
Дамиданд кофур бар мушки ноб.
Фиристод шаҳ то ба равшанзамир
Фалотун[-] ниҳад хомаро бар ҳарир.
Нигорад яке номаи дилнавоз,
Ки хонандагонро бувад корсоз.
Ба фармони шаҳ пири дарьёшукӯҳ,
Ҷавоҳир бурун рехт аз кони кӯҳ.
Зи гавҳарфишон килки фармонбараш
Набишта чунин буд дар дафтараш,
Ки — Бодо фузун з-осмону замин
Зи мо офаринандаро офарин!
Пас аз офарин кардани кирдигор,
Бисоти сухан кард гавҳарнигор,
Ки шоҳи ҷаҳон аз ҷаҳон бартар аст,
Ҷаҳон кони гавҳар шуд ӯ гавҳар аст.
Чу гавҳарниҳод асту гавҳарнажод,
Хатарнокии гавҳар орад ба ёд,
Намудор агар нек агар бад кунад,
Ба андозаи гавҳари х (в) ад кунад.
Камингоҳи дуздон шуд ин марҳила,
Нашояд дар ӯ рахт кардан яла.
Дар ин посгаҳ, ҳар кӣ бедор нест,
Ҷаҳонбонӣ ӯро сазовор нест.
Ҷаҳонгир чун сар барорад ба меғ,
Ба тадбир гирад ҷаҳонро чу теғ.
Ҳамон теғи мардон, ки хунрез шуд,
Ба тадбири фарзонагон тез шуд.
Ба рӯзу ба шаб базми шоҳаншаҳӣ
Зи доно набояд,
ки бошад тиҳӣ.
Шаҳ он беҳ, ки бар дониш орад шитоб,
Набояд, ки бифребадаш хӯрду хоб.

Ду офат бувад шоҳро ҳамнафас,
Ки дарвешро нест он дастрас.
Як офат зи таббохаи чарбдаст,
Ки шаҳро кунад чарбу ширинпараст.
Дигар офат аз ҷуфти зебо бувад,
Қ-аз орзу ношикебо бувад.
Аз ин ҳар ду шаҳро набошад биҳӣ,
Ки он пур кунад табъу ин тан тиҳӣ.
На бисёркун шав на бисёрхор,
Қ-аз он сустӣ ояд в-аз ин ногувор.
Ҷаҳонро, ки бинӣ чунин сурху зард,
Бисоте фиребанда шуд дар навард.
Ҷаҳон аждаҳоест маъшуқ ном,
Аз он ком не, ҷон барояд зи ком.
Нагӯям, ки дунъё на аз баҳри мост
Ки ҳамшаҳрии мову ҳам шаҳри мост.
Набошем аз ин гуна дунёпараст,
Ки орем хоне зи хуне ба даст.
Ниҳоде, ки бардошт аз хун кунад,
Фурӯдоште беҷигар чун кунад?
Аз ин чор таркиби ороста,
Зи ҳар гавҳаре орият хоста.
Инон беҳ, ки печем аз он бештар,
Ки эшон зи мо боз печанд сар.
Агар об дур, хок анбар шавад,
Саранҷом гавҳар ба гавҳар шавад.
Харе обкаш буду хикаш дарид,
Қиробанда ғам хӯрду хар медавид.
Ҷаҳон хордарпушту мо хорпушт,
Ба ҳам лоиқ аст, ин дурушт, он дурушт.
Ду бева ба ҳам гуфтугӯ сохтанд,
Суханро ба таъна дарандохтанд.
Яке гуфт, к-аз зиштии рӯи ту
Нагардад касе дар ҷаҳон шӯи ту.
Дигар гуфт, некӯ сухан рондаӣ,
Ту дар хона аз некӯӣ мондаӣ.
Чӣ хусбем чандин бар ин остон,
Ки бо марг шуд хоб ҳамдостон.
Қасе, к-ӯ надонад, ки дар вақти хоб
Дигар раҳ ба бедорӣ орад шитоб.
Зи хуфтан чу мурдан бувад дар ҳарос,
Ки монад ба ҳам хобу марг аз қиёс.
Дар ин раҳ ҷуз ин хоби харгӯш нест,
Ки хуспандаи маргро ҳӯш нест.

Чӣ будӣ, к-аз ин хоби зиракфиреб
Шикебо шудӣ, дидаи ношикеб.
Магар дидӣ аҳволи нодидаро,
Писандидаву нописандидаро.
В-аз ин беҳуда доварӣ сохтан,
Замоне баросудӣ аз тохтан,
Чаро аз паи як шикамвор нон
Қиробанда тобад ба ҳар сӯ инон?
Шитоб оваридан ба дарёву дашт,
Чаро чун ба ноне бувад бозгашт?
Шитобандагоне,
ки соҳибдиланд,
Талабгори осоиши манзиланд,
Гузоранд гетӣ ҳама зери пой,
Ҳам охир ба осоиш оранд рой.
Ҳама раҳравон, пешбинандагон,
Кунанд офарин бар нишинандагон.
Саломат дар иқлими осудагист,
Қ-аз бигзарӣ, ҷумла беҳудагист.
Чӣ бояд дар ин оташи ҳафтҷӯш
Ба сайди кабобе шудан сахткӯш.
Саранҷоми ҳар бози кӯшиданӣ,
Ба ҷуз хӯрданӣ несту пӯшиданӣ.
Чу пӯшиданӣ бошаду хӯрданӣ,
Ҳисобе дигар ҳаст нокарданӣ.
Ба дарё — дар он кас, ки ҷон меканад,
Ҳам он кас, ки дар кӯҳ кон меканад,
Қас аз рӯзии хеш дарнагзарад,
Ба андозаи хеш рӯзӣ х (в) арад.
Ҳавас бин, ки чандин ҳазор одамӣ
Ниҳанд оз дар ҷону зар дар замӣ.
Зароган, ки ӯ хок бар зар кунад,
Хӯрад хоку ҳам хок бар сар кунад.
Ҷаҳон он касерост,
к-ӯ дар ҷаҳон
Хӯрад тӯшаи роҳ бо ҳамраҳон
Зи киса ба чарбӣ бурад бандро,
Диҳад фарбеҳи лоғаре чандро.
Ба як ҷав, ки чарбанда шуд санги хом,
Раҳе дуру барге дар он роҳ не,
Зи поёни манзил кас огоҳ не.
Набояд ғунудан чунон бехабар,
Ки ногоҳ силӣ дарояд ба сар.

На будан чунон низ бехобу х(в) ард
Ки тан нотавон гардаду руй зард.
Куҷо азми роҳ оварад роҳҷӯй,
Наронад чу ошуфтагон пӯй-пӯй.
Нигаҳбон барангезад он роҳро,
Кунад бар худ эмин гузаргоҳро
Шабу рӯз бедор бошад ба кор,
Ки бар хуфтагон раҳ занад рӯзгор.
Пасу пеш бинад ба фарҳангу ҳӯш,
Надорад ба гуфтори бегона гӯш.
Чу лашкаркаше бошадаш раҳшинос,
Зи душвории раҳ надорад ҳарос.
Гузар гар ба ҳомун кунад гар ба кӯҳ,
Парокандагӣ н-оварад дар гурӯҳ.
Ба мавкаб хиромад чу борону барф,
Ба ҳайбат нишинад чу дарьёи жарф.
Заминхези он бумро як-ду мард
Ба даст ораду сер дорад ба х (в) ард.
В-аз эшон ниҳонӣ кунад бозҷуст,
Ки бе об тухм аз замин барнаруст.
Ба осонӣ он кор гардад тамом,
Зи сахтӣ набояд кашидан лагом.
Чу ояд зи яксар саломат падид,
Сари чанд касро набояд бурид.
Дар он раҳ, ки дасте қавитар бувад,
Задан пой пеш офати сар бувад.
Нашояд дар он доварӣ пай фушурд,
Ки даъвӣ нашояд дар ӯ пеш бурд.
Чу бар риштаи коре афтад гиреҳ,
Шикебоӣ аз чаҳди беҳуда беҳ.
Ҳама корҳо аз фурсатбастагӣ
Кушояд, валекин ба оҳистагӣ.
Фурӯ бастани кор дар раҳ бувад,
Кушоиш дар он низ ноғаҳ бувад.
Сухан гарчи шуд гуфта бар ҷои хеш.
Сухандонии шоҳ аз ин ҳаст беш.
Ба ҳар ҷо,
ки ронад ба некахтарӣ
Хирад худ кунад шоҳро раҳбарӣ.
Касеро, ки яздон бувад корсоз,
Бувад з-одаму одамӣ бениёз.
Дилеро,
ки орад фаришта дуруд,
Ба андешаи кас наёяд фурӯд.

Агар ман ба фармони шоҳи ҷаҳон
Мисоле набиштам чу корогаҳон.
Наёвардам илло парастиш ба ҷой,
Ки иқбол шуд шоҳро раҳнамой.
Нашуд хотири шоҳ муҳтоҷи кас,
Худову хирад ёвари шоҳ бас.
Хирад бод дар неку бад ёри ӯ,
Худо боз созандаи кори ӯ!
Хирадманд чун номаро кард соз,
Ба шоҳи ҷаҳон доду бурдаш намоз.
Дили шаҳ зи банди ғам озод гашт,
Аз он номаи номвар шод гашт.

## ХИРАДНОМАИ СУҚРОТ[3]

Савум рӯз, к-ин тоқи бозичаранг
Баровард бозичаи руму занг.
Ба Суқрот фармуд донои Рум,
Ки муҳре зи ҳотам дарорад ба мум.
Нависад хиради номаи арҷманд,
Зи ҳар навъи дониш,
зи ҳар гуна панд.
Хирадманд рӯй аз пазириш натофт,
Ба ғаввосии дур ба дарё шитофт,
Чунин ронд бар коғази симсой,
Саводи суханро ба фарҳангу рой,
Ки феҳрасти ҳар нақшро нақшбанд
Ба номи худо сар барорад баланд.
Ҷаҳонофарин, эзиди корсоз,
Ки дорад бад-ӯ офариниш ниёз.
Пас аз номи яздони гетипаноҳ,
Тирози сухан баст бар номи шоҳ,
Ки шоҳо, дар ин ҷоҳи тимсолпӯш
Машав ҷуз ба фармони фарҳангу ҳӯш.
Туро, к-аз басе гавҳар омехтанд,
На аз баҳри бозӣ барангехтанд.
Паланг аст дар раҳ ниҳон гуфтамат,
Далерӣ макун,
ҳон-ҳон гуфтамат.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ зи пайкору сур
Мабош аз рафиқе сазовор дур.
Чу дар базми шодӣ нишаст оварӣ,
Беҳ ар ёри хандон ба даст оварӣ.

Макун дар рухи ҳеҷ ғамгин нигоҳ,
Ки то бар ту шодӣ нагардад табоҳ.
Чу рӯзи сиёсат диҳӣ бори ом,
Маяфкон назар бар ҳарифони хом.
Набояд, к-аз он лаҳви густохкун,
Равад бо ту густохие дар сухун!
Чу дарё макун хӯ ба танҳохӯрӣ,
Ки талх аст ҳар-ч он чу дарьё хӯрӣ.
Ба ҳар кас бидеҳ баҳра чун оби ҷӯй
Ки то пешмират шавад ҳар сабӯй.
Таоме, ки дар хона дорӣ ба банд,
Ба ҳафтод хона расад бӯи ганд.
Чу аз хона берун фиристӣ ба кӯй,
Дару даргаҳатро кунад мушкбӯй.
Бунафша чу дар гул бувад ношукуфт,
Уфунат бувад бӯи ӯ дар нуҳуфт.
Сари зулфро чун дарорад ба гӯш,
Кунад хокро бод анбарфурӯш.
Ҳарисӣ макун,
к-ин сарои ту нест,
В-аз ӯ ҷуз яке нон барои ту нест.
Ба як қурса қонеъ шав аз хоку об,
Най, беҳтар охир ту аз офтоб.
Худоист, рӯй аз хӯриш тофтан,
Ки дар гову хар шояд ин ёфтан.
Қасе, к-ӯ шикамбанда шуд чун сутур,
Сутуре бурун ояд аз нофи гӯр.
Чу бояд қиёмат тарозу ба даст.
Зи гове ба хар боядаш барнишаст
Зи камхорагӣ кам шавад ранҷи мард,
На бисьёр монд, он ки бисёр х (в) ард.
Ҳамеша лаби марди бисёрхор.
Дар оруғи бад бошад аз ногувор,
Чу шерон ба андакхӯрӣ хӯй гир,
Ки баддил бувад гови бисьёршир.
Хари коҳилонро, ки дум мекашанд,
Аз он аст, к-обе ба хум мекашанд.
Ба қатра ситон оби дарьё чу меғ,
Ба ҳангоми додан бидеҳ,
бедареғ,
Ҳамон машки саққо ки пур мешавад,
Аз афшондани об пур мешавад.
Чунон хӯр тару хушки ин хӯрдгоҳ
Ки андозаи табъ дорӣ нигоҳ.

Бубахшу бихӯр боз мон андаке,
Ки бар ҷои хеш аст аз ин ҳар яке.
Чу додиву хӯрдиву мондӣ ба ҷой,
Ҷаҳонро тӯи беҳтарин кадхудой.
Зи ҳар тӯъмае хушгувориш бин,
Ҳаловат мабин, созгориш бин.
Чу бо сирка созӣ, машав ширхор,
Ки бо шир, сирка бувад ногувор.
Мадеҳ тан ба осониву лаҳву ноз,
Сафар бину асбоби рафтан бисоз.
Ба кор андарой,
ин чӣ пажмурдагист?
Ки поёни бекорӣ афсурдагист.
Ба дасти касон кони гавҳар макан,
Агар зиндаӣ дасту пое бизан.
Туро дасту пой он парастишгаранд,
Ки то нагзарӣ аз ту дарнагзаранд.
Парастандагон гарчи дорӣ ҳазор,
Парастишгаронро маяфкан зи кор.
Чу ту хидмати пою нерӯи даст,
Ҳаволат кунӣ сӯи поинпараст.
Чу поинпараст намонад ба ҷой,
На он гаҳ бимонӣ ту бе дасту пой.
Чу ёбӣ парастандаи нағзгӯй,
Аз ӯ беш аз он меҳрубонӣ маҷӯй.
Парастори бадмеҳри ширинзабон,
Беҳ аз бадхӯе,
к-ӯ бувад меҳрубон.
Ба гуфтори хуш меҳр шояд намуд,
Забон нохушу меҳрубонӣ чӣ суд?
Сухан то тавонӣ ба озамр гӯй,
Ки то мустамеъ гардад озармҷӯй.
Сухан гуфтани нарм фарзонагист,
Дуруштӣ намудан зи девонагист.
Суханро, ки гӯянда бадгӯ бувад,
На некӯ бувад гарчи некӯ бувад.
Зи гуфтори бад беҳ бувад фаромушӣ,
Пушаймон нагардад кас аз хомӯшӣ.
Зи шуғле, к-аз ӯ шармсорӣ расад,
Ба соҳибамал ранҷу хорӣ расад.
Зи ҳар-ч он наёбӣ шикеббанда бош,
Ба уммед худро фиребанда бош.
Умеди хӯриш беҳтар аст аз х (в) ариш
Ба ваъда бувад зираро парвариш.

Набинӣ, ки дар гармии офтоб
Ҳаром аст бар зира ҷуз зираоб.
Чу зира ба оби даҳан мешикеб,
Ба оби даҳан зираро мефиреб.
Гиле, к-аз нами абр хобаш барад,
Чу борон ба сел ояд, обаш барад.
Ситамкорагонро макун ёварӣ,
Ки пурсанд рӯзат аз ин доварӣ,
Ба хун рехтан камтар овар басеч,
Дарандеш аз ин кундаи пойпеч.
Чӣ хоҳӣ зи чандин сар андохтан,
Бад-ин гуй то кай гарав бохтан.
Басо, оби дида, ки дар меғи туст,
Басо хун, ки дар гардани теғи туст,
Натарсӣ, ки шамшери гарданзанат
Бигирад ба хуни касе гарданат.
Қажова чунон рон, ки то як-ду мил
Наяндозадат ноқа дар пои дил.
Бубин, то чӣ хун дар ҷаҳон рехтӣ,
Чӣ сарҳо ба гардан даровехтӣ?,
Басо мамлакатро,
ки кардӣ хароб
Чу пурсанд, чун дод хоҳӣ ҷавоб?
Бад-ин рост н-ояд, к-аз ин сабзбоғ
Гуле чандро сар дарорӣ ба доғ.
Манеҳ дил бар ин сабзхинги шамус,
Ки ҳаст аждаҳое ба рух чун арӯс.
Диле дорад аз меҳрубонӣ таҳӣ
Чӣ дил, к-аз танаш нест низ огаҳӣ?
Чу хок аз сукунат камарбаста бош,
Шитобон фалак шуд,
ту оҳиста бош.
Ту шоҳӣ, чу шоҳин машав тезпар,
Ба оҳистагӣ кӯш чун шери нар.
Инон каш давонаспи андешаро,
Ки дар раҳ хасакҳост ин бешаро.
Ба коре, ки ғамро диҳӣ бастагӣ,
Шитобандагӣ кун на оҳистагӣ
Чу бо бегунаҳ рои ҷанг оварӣ,
Беҳ ар дар миёна даранг оварӣ.
Ба ҷуз хуниву дузди олудадаст,
Бубахшой ба ҳар гуноҳе, ки ҳаст.
Зи дунон нигаҳ дор пархошро,
Далерӣ мадеҳ бар худ авбошро.

Чу шаҳ бо раият ба довар шавад,
Раият ба шаҳ-бар диловар шавад.
Машав нармгуфтор бо зердаст,
Ки алмос аз арзиз гирад шикаст.
Гилеми касонро мабар сар ба зер,
Гилеми худ аз пашми худ кун чу шер.
Қафан ҳулла шуд кирми бодомаро,
Ки абрешим аз ҷон танад ҷомаро.
Зи пӯшидагон роз пӯшида дор,
В-аз эшон сухан нонюшида дор.
Маёвар ба афсӯс умре басар,
Ки афсӯс бошад, бар афсӯсгар.
Сухан з-ин намат гарчи дорам басе,
Нагӯям, ки беҳ з-ин нагӯяд касе.
Туро, к-ояти осмонӣ бувад,
Аз ин беш гуфтан зиёне бувад.
Гарам тез шуд теғ бар ман магир,
Зи тезӣ бувад теғро ногузир.
Ба теғе чунин тез бозуи шоҳ
Қавӣ бод, ҳар ҷо,
ки ронад сипоҳ!
Чу пардохт з-ин дурҷи дур хомаро,
Пазируфт шоҳ он хираднομаро.
Сарири сухан баркашидам баланд,
Парокандам аз дил бар оташ сипанд.
Ба пероиши номаи хусравӣ
Куҳансарвро боз додам навӣ.
Зи ганҷи сухан мӯҳр бардоштам,
Дар ӯ дурри носуфта нагзоштам,
Сари килкам аз гавҳар андохтан,
Фалакро шикам хост пардохтан.
Даромад хиромон сумансинае.
Ба ман дод теғе дар оинае,
Ки ошуфтаи хеш чандин мабош,
Бубин хештан,
хештанбин мабош.
Назар чун дар оина андохтам,
Дар ӯ сурати хеш бишнохтам.
Дигаргуна дидам дар он сабзбоғ,
Ки чун пирниён буд дар парри зоғ.
Зи наргис тиҳӣ ёфтам хобро,
Нидидам ҷавонсарви шодобро.
Суман бар бунафша камин карда буд,
Гули сурхро зардӣ озурда буд.

Аз он сиккаи рафта рафтам зи ҷой,
Фурӯ мондам андар сухан сустрой.
На пое, ки худро сабукрав кунам,
На дасте,
ки нақши куҳан нав кунам.
Хиҷил гаштам аз рӯи беранги хеш,
Навое гирифтам ба оҳанги хеш.
Ҳаросидам аз давлати тезгом,
Ки бигзорад ин нақшро нотамом.
Аз он пеш,
к-ояд шабехуни хоб,
Ба бунёди ин хона кардам шитоб.
Магар хобгоҳе ба даст оварам,
Ки ҷовид дар вай нишаст оварам.

## РӮБОҲИ ПИР

Шунидам, ки аз гурги рӯбоҳгир
Ба бонги сагон раст рӯбоҳи пир.
Ду гурги ҷавон тухми кин коштанд,
Паи рӯбаҳи пир бардоштанд.
Деҳе буд дар вай сагоне бузург,
Ҳама ташнаи хуни рӯбоҳу гург.
Яке бонг зад рӯбаҳи чорасоз,
Ки банд аз даҳони сагон кард боз.
Сагони деҳ овоз бардоштанд,
Ки рӯбоҳро гург пиндоштанд.
Зи бонги сагон,
к-омад аз дурдаст,
Рамиданд гургону рӯбоҳ раст.
Сиголандаи кордон вақти кор
Зи душман ба душман шавад растгор.
Агарчи маро бар чунин баргу соз
Ба ҳампуштии кас наёяд ниёз,
Дари чора бар чорагар баста нест,
Ҳама кор бо теғ пайваста нест.

## АҒОНИЙ СОХТАНИ АФЛОТУН БАР МОЛИШИ АРАСТУ

Сикандар[4] нишаст аз бари тахти Рум
Забоне чу оташ, димоғе чу мум.

Ҳама файласуфон сада дар сада
Ба поингаҳи тахти ӯ саф зада.
Ба миқдори ҳар донише бешу кам
Ҳаме рафташон гуфтугӯе ба ҳам.
Яке аз табиӣ сухан соз кард,
Яке аз илоҳи гиреҳ боз кард.
Яке аз риёзӣ барафрохт ёл,
Яке ҳандасӣ баркушод аз хаёл.
Яке сикка бар нақди фарҳанг зад,
Яке лофи номусу найранг зад.
Тафохуркунон ҳар яке дар фане,
Ба фарҳанги худ оламе ҳар тане.
Арасту ба дилгармии пушти шоҳ
Барафзуд бар ҳар яке пойгоҳ,
Ки: аҳли хирадро манам чорасоз,
Зи илми дигар бихрадон бениёз.
Ҳамон нақди ҳикмат ба ман шуд раво,
Ба ҳикмат манам бар ҳама пешво.
Фалон илми хуб аз ман омад падид.
Фалон кас фалон нукта аз ман шунид.
Дурӯғе нагӯям дар ин доварӣ,
Ба ҳуҷҷат занам лофи номоварӣ».
Фалотун барошуфт аз он анҷуман,
Ки устодӣ ӯ дошт дар ҷумла фан.
Чу ҳар донише к-он к-андӯхтанд,
Нахустин варақ з-ӯ даромӯхтанд.
Бурун рафту рӯй аз ҷаҳон даркашид,
Чун анқо шуд аз базми шаҳ нопадид.
Шабу рӯз аз андеша чандон нахуфт,
Қ-ағонӣ бурун оварид аз нуҳуфт.
Ба хум даршуд, аз халқ пай кард гум,
Нишон ҷуст аз овози ин ҳафт хум.
Қасе к-ӯ симоъе на дилкаш кунад,
Садои хум овози ӯ х (в) аш кунад,
Магар к-он ғиносози овози руд
Дар он хум бад-ин узр гуфт он суруд.
Чу соҳибрасад ҷой дар хум гирифт,
Паи чарху дунболи анҷум гирифт.
Бар оҳанги он нола, к-он ҷо шунид,
Намудорӣ овард ин ҷо падид.
Чу он ноларо нисбат аз руд ёфт,
Дар он пардагаҳ рудгар бофт.
Қадуи тиҳиро ба вақти суруд
Ба чарм андароварду барбаст руд,

Чу бар чарми оҳу барандуд мушк,
Навои тар ангехт аз руди хушк...
Зи нармию тезӣ зи болою зер
Наво сохт бар нолаи гову шер,
Чунон нисбати нолиш омад ба даст,
Ки ҳар ҷо ки зад, ҳар дуро пой баст.
Ҳамон нисбати одамӣ то дада
Бар он рӯдҳо шуд яко-як зада,
Чунон к-одамизодро з-он наво
Ба рақсу тараб чира гаштӣ ҳаво.
Сибоъу баҳоим бар он созҷуфт
Яке гашт бедору дигар бихуфт.
Чу бар нисбати нолаи ҳар касе
Ба даст омадаш роҳи дастон басе,
Зи мусиқӣ овард сози бурун,
Ки онро нашуд кас ҷуз ӯ раҳнамун.
Чунон сохт ҳар нисбатеро хурӯш,
Ки ноландаро дил дарорад ба ҷӯш.
Ба ҷое расонд он навогар навохт,
Ки доно бад-ӯ айбу иллат шинохт.
Ба қонун аз он нолаи хиргаҳӣ
Зи ҳар иллате ёфт ақл огаҳӣ.
Бурун шуд ба саҳрою бинвохташ,
Ба ҳар нисбат андозае сохташ.
Даду домро аз биёбону кӯҳ
Давонид бари худ гурӯҳогурӯҳ.
Давиданд ҳар як ба овози ӯ,
Ниҳоданд сар бар хати сози ӯ.
Ҳама як-як аз ҳуш рафтанд пок,
Фитоданд чун мурда бар рӯи хок.
На гурги чавон кард бар меш зӯр,
На шери жаён дошт парвои гӯр.
Дигар нисбатеро, ки донист боз
Даровард наға ба он чудтсоз,
Чунон к-он дадон дар хурӯш омаданд,
Аз он беҳушӣ боз ба ҳуш омаданд.
Пароканда гаштанд бар рӯи дашт,
Кӣ дорад ба ёд ин чунин саргузашт?!
Ба гирди чаҳон ин хабар гашт фош,
Ки «шуд кони ёқут ёқутпош.
Фалотун чунин парда барсохтаст,
Ки ҷуз вай кас он парда нашнохтаст.
Барангехт овозе аз хушкруд,
Ки аз тарри орад фалакро фурӯд.

Чу бар нисбате ронад ангушти х (в) ад,
Бихусбад бар овози ӯ дому дад.
Чу бар нисбате дигар орад шитоб,
Ба ҳуш орад он хуфтагонро зи хоб».
Шуд овоза бар даргаҳи шоҳ тез,
Ки Ҳорут бо Зӯҳра шуд ҳамситез.
Арасту чу бишнид, к-он ҳушманд
Барангехт з-ин гуна коре баланд,
Фурӯмонд аз он зиракӣ тангдил
Чу хасме, ки гардад зи хасме хиҷил.
Ба андеша биншаст бар кунҷи кох,
Дили тангро дод майдон фарох.
Ба таълиқи он дарси пинҳоннавис,
Ки нақше аҷаб буду нақде нафис,
Дар он кори улвӣ басе ранҷ бурд,
Басе рӯзу шабро ба фикрат супурд.
Ҳам охир пас аз ранҷҳои дароз
Сари риштаи розро ёфт боз.
Бурун оварид аз назарҳои тез,
Ки чун бошад он нолаи рудхез.
Чӣ гуна расонад наво сӯи гӯш,
Барад ҳушу орад дигар раҳ ба ҳуш.
Ҳамон нисбат оварда рояш ба даст,
Ки донои пешина бар парда баст.
Ба саҳро шуду пардаро соз кард,
Тилисмоти беҳушӣ оғоз кард.
Чу аз ҳушмандон ситад хушро,
Дигар гуна зад руди хомӯшро.
Дар он нисбаташ бахт ёрӣ надод,
Ки беҳушро орад аз ҳуш ёд.
Бикӯшид, то бар хурӯш оварад
Навое, ки дар хуфта ҳуш оварад,
Надонист, ки чандон нисбат гирифт,
Дар он кор саргашта монд, эй шигифт.
Чу оҷиз шуд аз роҳи ноёфтан,
Зи раҳбар нашоист сар тофтан.
Шуд аз роҳи рағбат ба таълими ӯ,
Инон дод як раҳ ба таслими ӯ.
Бипурсид, к-«Он нисбати дилписанд,
Ки ҳушрафтагонро кунад ҳушманд,
Надонам, ки дар парда овози ӯ
Чӣ гуна-сту чун парварам сози ӯ?»
Фалотун чу донист, к-он сарфароз
Ба таълими ӯ гашт соҳибниёз,

Бурун шуд, хате гирди худ даркашид,
Наво сохт, то нисбат омад падид.
Ҳама рӯи саҳро зи гӯру паланг
Бар он хат кашиданд паргор танг.
Ба беҳушӣ аз нисбати аввалаш
Ниҳоданд сар бар хати мандалаш.
Навое дигар бора барзада чу нӯш,
Қ-Арстуи доно тиҳӣ шуд зи ҳуш.
Чу беҳуш буд ӯ, ба як роҳи нағз
Даду домро кард бедормағз.
Дигар бора зад нисбати хушбахш,
Қ-Арасту зи ҷо ҷаст ҳамчун дурахш,
Фурӯ монд саргашта бар ҷои х (в) ад,
Ки чун бехабар буд аз он дому дад?
Аз он беҳушӣ чун ба ҳуш омаданд?
Чӣ буд он, к-аз ӯ бар хурӯш омаданд?
Шуд огаҳ, ки донои дастоннавоз
Ба дастон бар ӯ дошт пӯшида роз.
Сано гуфту чандон аз ӯ узр хост,
Ки он пардаи каж буду гашт рост.
Чу шуд ҳарфи он нисбат ӯро дуруст,
Набишт они ӯ, они худро бишуст.
Ба иқрори ӯ мағзро тоза кард,
Мадорои ӯ беш аз андоза кард.
Сикандар чу донист,
к-аз ҳар улум
Фалотун шуд устоди дониш ба Рум,
Барафзуд пояш дар он сарварӣ,
Ба назди худаш дод болотарӣ.

## ДОСТОНИ ИСКАНДАР БО ШУБОНИ ДОНО

Чунин гӯяд он нағзгӯянда пир,
Ки дар файласуфон набудаш назир,
Ки румикамар шоҳи чиникулоҳ
Нишаст аз бари гоҳ рӯзе пагоҳ.
Ба токи ду абрӯ бароварда хам,
Гиреҳ баста бар хандаи ҷоми ҷам.
Маҳе дошт тобанда чун офтоб,
Зи бӯҳрони таб ёфта ранҷу тоб.
Шикаста ҷаҳон ком дар коми ӯ,
Расида ба навмедӣ анҷоми ӯ.

Дили шаҳ, ки оинае буд пок,
Аз он дардмандӣ шуда дарднок.
Бифармуд, то кордонони Рум
Хироманд наздаш зи ҳар марзу бум.
Магар чораи он париваш кунанд,
Дили нохуши шоҳро х(в)аш кунанд.
Қасоне, ки дар парда маҳрам шуданд,
Дар он доваригаҳ фароҳам шуданд.
Дар он таб басе чораҳо сохтанд,
Танашро зи тобиш напардохтанд.
На он сурх себ аз табиш гашт беҳ,
На з-абрӯи шаҳ дур гашт он гиреҳ.
Аз он ҷо ки шаҳ дил дар ӯ баста буд,
Зи тимори бемор дилхаста буд.
Фуруд омад аз тахту баршуд ба бом,
Ки шӯрида камтар пазирад мақом.
Яке лаҳза пиромуни бом гашт,
Назар кард аз он бом бар кӯҳу дашт.
Дар он пастӣ аз боми қасри баланд
Шубон диду дар пеши ӯ гӯсфанд.
Ҳумоюн яке пири бофарру ҳуш,
Кулоҳу сараш ҳар ду кофурпӯш.
Дар он дашт мегашт бе машғала,
Гаҳаш дар гиё рӯю гаҳ дар гала.
Дилаш з-он шубон андаке баркушод,
Ки зебоманиш буду зиракниҳод.
Фиристод, к-орандаш аз ҷои паст
Бар он хусравӣ боми олинишаст.
Рақибон ба фармони шаҳ тохтанд,
Шубонро ба хондан сар афрохтанд.
Даромад шубон ба наздики шоҳ,
Саропардае дид бар авҷи моҳ.
Замин бӯса додаш, ки парварда буд,
Дигар хидмати хусравон карда буд.
Пас он гоҳ шоҳаш бари хеш хонд,
Ба густохияш нуктае чанд ронд.
Бад-ӯ гуфт, к-аз қиссаи кӯҳу дашт
Фурӯхон ба ман-бар яке саргузашт,
Ки дилтангам аз гардиши рӯзгор,
Магар хуш кунам дил ба омӯзгор».
Шубон гуфт, к-эй хусрави тахтгир,
Ба тойи ту олам иморат пазир.
Зи тахти зарат мулк пурнур бод,
Зи тоҷи сарат чашми бад дур бод.

Нахустам хабар деҳ, ки то шаҳриёр
Зи баҳри чӣ бар хотир орад ғубор?
Бад-он то сухангӯ бад-он раҳ барад,
Сухан гуфтани ӯ бад-он дарх (в) арад.
Писандид шоҳ аз шубон ин сухун,
Ки он қиссаро бозҷуст аслу бун.
Нагуфт аз сари доду динпарварӣ
Сухан чун биёбониён сарсарӣ.
Бад-ӯ ҳоли он нӯшлаб бозгуфт,
Дигар бора хоки замин бӯса дод.
В-аз он беҳ дуое дигар кард ёд.
Чунин гуфт, к-он гаҳ ки будам ҷавон,
Накардам ба ҷуз хидмати хусравон.
Аз он базмдорон, ки ман доштам
В-аз эшон сари худ барафроштам,
Маликзодае буд дар шаҳри Марв,
Биҳилталъате чун хироманда сарв.
Арӯсе зи поинпарастони ӯ,
Қ-аз ӯ буд хуррам шабистони ӯ,
Шуд аз гӯшаи чашми заҳме нажанд,
Таб омад, шуд он нозанин дардманд,
Дар он таб, ки ҷуз доғ дуде надошт,
Басе чора карданду суде надошт.
Сиҳисарв ларзанда чун бед гашт,
Бад-он ҳад, к-аз ӯ халқ навмед гашт.
Маликзода чун дид, к-он дилситон
Ба кори аҷал гашт ҳамдостон,
Аз он пеш, к-он заҳр бояд чашид,
Аз он нӯшлаб хештан даркашид.
Зи навмеди ӯ ба якборагӣ
Гирифт аз ҷаҳон роҳи оворагӣ.
Дар он ноҳият буд аз андеша дур
Биёбоне аз кӯҳу аз беша дур.
Басе водию ғори вайрон дар ӯ,
Қуноми палангону шерон дар ӯ,
Ба ном он биёбон «биёбони марг».
Касе, к-ӯ шудӣ ноумед аз ҷаҳон,
Дар он меҳнатобод гаштӣ ниҳон.
Надиданд касро, к-аз он шӯрадашт
Ба маъвогаҳи хештан бозгашт.
Маликзода з-андӯҳи он ранҷи сахт
Сӯи он биёбон гироид рахт.

Рафиқе вафодори дерина дошт,
Ки меҳри маликзода дар сина дошт.
Хабар дошт, к-он шоҳи андӯҳнок
Да рон раҳ кунад хештанро ҳалок.
Чу duздон раҳи рӯйро бозбаст,
Сӯи ӯ хиромид теғе ба даст.
Ба нашнохт, бонге бар ӯ зад баланд,
Бар ӯ ҳамлае бурду ӯро фиканд.
Чу афканда будаш чу сарви равон,
Фурӯҳишт бурқаъ ба рӯи ҷавон.
Сӯи хонаи худ ба як турктоз
Ба чашми фурӯбасташ овард боз.
Ниҳонхонае дошт дар зери хок,
Нишондаш дар он хона андӯҳнок.
Яке з-устуворон бар ӯ баргумошт,
Қ-аз ӯ рози пӯшида пӯшида дошт.
Ба обеву ноне қаноат намуд
В-аз ин беш чизеш рухсат набуд.
Маликзода зиндонию мустаманд,
Дилу дидаву даст-ҳар се ба банд,
Фурӯмонд саргашта дар кори хеш,
Ки норафта чун омад он роҳ пеш.
Ҷавонмард, к-ӯ буд ғамхори ӯ,
Камар баст дар чораи кори ӯ.
Арӯси табишдидаро чора сохт,
Дилашро ба сад гуна шарбат навохт.
Табибе талаб кард иллатшинос,
Гаронмояро дошт якчанд пос.
Парирух зи дармони он чирадаст
Аз он тобу он таб ба якбора раст.
Ҳамон обу рангаш даромад ки буд,
Тамошо талаб карду шодӣ намуд.
Чу гашт аз даво ёфтан тандуруст,
Давои дили хешро бозҷуст.
Ҷавонмард чун дид, к-он хубчеҳр
Маликзодаро ҷӯяд аз баҳри меҳр,
Шабе хона аз уд пуртиб кард,
Яке базми шоҳона тартиб кард.
Чу орост он базми чун навбаҳор,
Нишонд он гули сурхро бар канор.
Шуд, овард шоҳи назарбастаро,
Маҳе аз дами аждаҳо растаро.
Зи рух банди бурқаъ барандохташ,
Дар он базмгаҳ бурду бинвохташ.

Маликзода чун як замон бингарид,
Маю мачлису нуқлу маъшуқа дид.
Аз он дӯзахи танги торики зишт
Ҳамаш ҳур ҳосил шуда ҳам биҳишт.
Чӣ гӯям, ки чун буд аз ин хуррамӣ,
Бувад шарҳ аз ин беш номаҳрамӣ».
Шаҳаншаҳ чу гуфти шубон кард гӯш,
Ба мағзи рамида даровард ҳӯш.
Баросуд аз он ранчу ором ёфт,
Қ-аз пири пухта ман хом ёфт.
Дар ин буд хусрав, ки аз базми хос
Бурун омад овозае бар халос,
Ки он меҳрубон моҳи хусравпараст
Ба иқболи шаҳ атсае доду раст.
Шубон чун ба шаҳ некхоҳӣ расонд,
Мадорои шоҳаш ба шоҳӣ расонд.
Қасеро, ки покӣ бувад дар сиришт,
Чунин қиссаҳо з-ӯ тавон дарнавишт.
Ҳунар тобад аз мардуми гавҳарӣ
Чу нур аз маҳу тобиш аз муштарӣ.
Шиносанда гар нест шӯридамағз,
Набаҳра шиносад зи динори нағз.
Қасе, к-ӯ сухан бо ту нағз оварад,
Ба дил бишнаваш, к-он зи мағз оварад.
Забоне, ки дорад сухан носавоб,
Ба хомӯшияш дод бояд чавоб.

## АФСОНАИ ХУРОСОНӢ ВА ФИРЕБ ДОДАНИ ХАЛИФА

Шунидам хуросоние буд чуст,
Ба Бағдод шуд, чун шудаш кор суст.
Даме чанд бар кор кард, эй шигифт,
Хуросонӣ омад, дамаш даргирифт,
Аз он дам,
ки аҳли Хуросон кунанд,
Ба бағдодиён бозӣ осон кунанд.
Ҳазораш адад буд мисрӣ чу мум,
Заре, к-ончунон зар набошад ба Рум.
Ба сӯҳон якояк ҳама хурд суд,
Баромехташ бо гили сурх зуд.
В-аз он сурхгил мӯҳрае чанд сохт,
Ба он мӯҳраҳо бин ки чун мӯҳра бохт!

Ба атторе он мӯҳраҳо баршумурд,
Ба мӯҳри худ он мӯҳра ӯро супурд,
Ки «ин мӯҳра дар ҳуққае неҳ ба роз,
Зиҳӣ мӯҳрадузду зиҳӣ мӯҳрабоз!
Ба диноре ин бар ту бифрӯхтам
В-аз ӯ кисаи суд барафрухтам.
Чу вақт ояд, инро ки дорӣ ба ранҷ,
Ба даҳ боз хар (р) ам, зиҳӣ кони ганҷ
Бипурсид аттор, к-«инро чӣ ном?
Бигуфто: «Табаряк», сухан шуд тамом!
Зи дӯкони аттор чун бозгашт,
Ба афсунгарӣ кимиёсоз гашт.
Ба дорулхилофа[5] хабар боздод,
Ки «иксирие омадаст ӯстод,
Манам восили кимиё дар нуҳуфт,
Ба гавҳаршиносӣ касам нест ҷуфт.
Амалҳои ман чун дарояд ба кор,
Яке даҳ кунад, даҳ саду сад ҳазор.
Дурусте садам дод бояд нахуст,
Ки гардад ҳазор аз ман он сад дуруст.
Ҳамон устуворони мардумшинос
Ба ман баргуморанду доранд пос.
Гар ояд зи ман дасткоре шигарф,
Наёранд бо ман дар ин кор ҳарф.
В-агар хоҳам аз ростӣ даргузашт,
Зи ман хуну сар в-аз шумо теғу тašт.
Халифа чу иксирсозӣ шунид,
Ба ишва заре доду зарқе харид.
Ба афсуни рӯбоҳӣ он шермард
Зари пухтаро бар маи хом(в)ард.
Чу даҳ донае монд аз он зар ба ҷой,
Дар он дасткорӣ бияфшурд пой.
Яке кӯрае сохт чун заргарон,
Зи ҳар дорӯе кард чизе дар он.
Фиристод дар шаҳр болою паст,
Табаряк талаб карду н-омад ба даст,
Ҳам охир рақибони он коргоҳ
Ба аттори пешина бурданд роҳ.
Гили сурхи ӯро ба динори зард
Хариданду бурданд наздики мард.
Хуросонӣ он мӯҳраҳо кард хурд,
Намуд ошкоро яке дастбурд:
Ба кӯра дарафканду оташ дамид,
Ба ҷо монд зар в-он дигарҳо рамид.

Сабика[6] фурӯ рехт дар нои танг,
Баромад зари сурхи ёқутранг.
Ба гӯши халифа расид ин сухан,
Ки нақди нав омад зи кони куҳан.
Заре дид бо суд ҳамроҳ шуда,
Дар он кадхудоӣ яке даҳ шуда.
Ба уммеди ганҷе чунон гавҳарӣ,
Басе кард бо ӯ навозишгарӣ.
Аз он мағрибӣ зарри мисриийёр,
Фиристод наздики ӯ даҳ ҳазор,
Ки инро ба кор овар, эй некрой,
Ки ман ҳаққи он бо ту орам ба ҷой.
Қашанд устуворони мо аз ту даст,
Ки наздики мо устуворит ҳаст.
Дар он озмоиш чу чуст омадӣ,
Ба мизони маънӣ дуруст омадӣ.
Хуросонӣ он ганҷ бистад ба ноз,
Чу ҳинду камар баст бар турктоз.
Гурезон раҳи хонаро пай гирифт,
Шабе чанд бо омилон май гирифт.
Бихуфту ба хуфтан бихусбондашон,
Чу бархост бар хок биншондашон.
Сутурони тозӣ,
ғуломони кор
Ба андоза бихриду барбаст бор.
Ба роҳе, ки дида нишонаш надид,
Чунон шуд, ки кас дар ҷаҳонаш надид.
Халифа чу огоҳ шуд з-ин фиреб,
Ки бурд он хуросонӣ он зарру зеб,
Ҳама тавсанон аз ту омӯзгор,
Ҷуз он ҳар чӣ бишнид, бод омадаш.
Хабар бозҷуст аз табарякфурӯш,
Бихандид, к-он танзаш омад ба гӯш:
Табарьяк чу тасҳиф созад дабир,
Биёмуз маъниву маъниш гир.
Ҳар афсун, к-аз афсунгаре бишнавӣ,
Нигар, то ба афсуни ӯ награвӣ.

## ГУФТУГӮИ ИСКАНДАР БО ДЕҲҚОНОНИ ҶАВОН

...Бурун бурд шаҳ рахт аз он санглох,
Иморатгаҳе диду ҷое фарох.

Дар он заръгаҳ киштзоре шигарф
Навозиш гирифта зи борону барф,
Зи сабзию таррию тобандагӣ
Бар ӯ ҷону дилро шитобандагӣ.
Зи тороҷи он сабза пай карда гум
Сипанҷи сутурони пайконасум.
Ҷавоне дар он кишта чун шери маст,
Бараҳнасару пойбеле ба даст,
Зи хубию чолокии пайкараш
Сазовори тоҷи каёнӣ сараш.
Фурӯзанда белаш чу заррин калид,
Нишони барӯмандӣ аз вай падид.
Гаҳе бел бардошт, гоҳе ниҳод,
Гаҳе банд мебасту гаҳ мекушод.
Ҷаҳондор хондаш ба озарму гуфт,
Ки: «хуи ту бо хок чун гашт ҷуфт?
Ҷавонию хубию бедормағз,
Зи нағзон наёяд ба ҷуз кори нағз.
На кори ту шуд бел бардоштан,
Ба вайронае донае коштан.
Бад-ин фаррухӣ гавҳаре тобнок,
На фарух бувад ҳамтарозуи хок.
Биё то туро подшоҳӣ диҳам,
Зи пайкри хокат раҳоӣ диҳам».
Ба посух кишоварзи оҳистарой,.
Чу оварда буд шарти хидмат ба ҷой,
Чунин гуфт, к-«эй роизи рӯзгор,
Ҳама тавсанои аз ту омӯзгор,
Чунон мон ба ҳар пешавар пешае,
Ки дар хилқаташ н-ояд андешае.
Ба ҷуз донакорӣ маро кор нест,
Ба ман подшоҳӣ сазовр нест.
Кашоварзро ҷой бошад дурушт,
Чу нармӣ бубинад, шавад кӯжпушт.
Танам дар дуруштӣ гирифтаст чарм,
Ҳалоки дуруштон бувад ҷои нарм.
Тани сахт, к-ӯ нозанинӣ кунад,
Чу сумғе бувад, к-ангубинӣ кунад»
Хуш омад ҷаҳонҷӯйро посухаш,
Сано гуфт бар гуфтани фаррухаш.

## ДИДАНИ ИСКАНДАР МАМЛАКАТИ ШИМОЛРО

Аз он марҳала суи шаҳре шитофт,
Ки бисьёр кас ҷусту онро наёфт.
Падид омад ороста манзиле,
Ки аз диданаш тоза шуд ҳар диле.
Ҷаҳондор бо раҳбасичони хеш
Раҳоварди чашм аз раҳ овард пеш.
Дигаргуна дид он заминро сиришт,
Ҳам оби равон дид, ҳам кору кишт.
Ҳама роҳ пурбоғу девор не,
Гала дар гала,
кас нигаҳдор не.
Зи лашкар яке даст барзад фарох,
Қ-аз он мевае баркушояд зи шох.
Начида яке меваи тар ҳанӯз
Зи хушку тараш даст кӯтоҳ гашт.
Саворе дигар гӯспанде гирифт,
Табиш карду з-он кор панде гирифт.
Сикандар чу з-ин ибрат огоҳ гашт,
Зи хушку тараш даст кӯтоҳ гашт.
Бифармуд то ҳар кӣ буд аз сипоҳ
Зи боғи касон даст дорад нигоҳ.
Чу лахте гироянда шуд дар шитоб,
Гузар кард аз он сабзаву ҷӯи об,
Падидор шуд шаҳре ороста,
Чу фирдавсе аз неъмату хоста
Чу омад ба дарвозаи шаҳр танг,
Надидаш даре з-оҳану чӯбу санг.
Дар он шаҳр шуд бо тане чанд пир,
Ҳама ғояндешу ибратпазир.
Дӯконҳо басе ёфт ороста,
Дар ӯ қуфл аз ҷумла бархоста.
Муқимони он шаҳр мардумнавоз,
Ба пеш омадандаш ба сад узр боз.
Фуруд оваридандаш аз раҳ ба кох,
Ба кохе чу минӯи минофарох.
Басе хони неъмат барорostанд,
Ниҳоданду худ пеш бархостанд.
Парастиш намуданд бо сад ниёз,
Зиҳӣ мизбонони меҳмоннавоз!
Чу пазруфт шаҳ музлашонро ба меҳр,
Бад-он хубчеҳрон барафрӯхт чеҳр.

Бипурсидашон к-«инчунин беҳарос
Чароеду худро надоред пос?
Бад-ин аймани чун зиёд аз газанд,
Ки бар дар надорад касе қуфлу банд?
Ҳамон боғбон нест дар боғи кас,
Рама низ чӯпон надорад зи пас.
Шубоне наю сад ҳазорон гала
Ҳама карда бар кӯҳу саҳро яла.
Чӣ гунасту ин ноҳифозӣ зи чист?
Ҳифози шуморо тавалло ба кист?»
Бузургони он додпарвар диёр
Дуо тоза карданд бар шаҳриёр,
Ки он кас, ки бар фарқат афсар ниҳод,
Бақои ту бар қадри афсар диҳод.
Чу пурсидӣ аз ҳоли мо неку бад,
Бигӯем шаҳро ҳама ҳоли х (в) ад.
Чунон дон ҳақиқат, ки мо ин гуруҳ,
Ки ҳастем сокин дар ин дашту кӯҳ,
Гурӯҳе заъифони динпарварем,
Сари мӯе аз ростӣ нагзарем.
Надорем бар пардаи кач басич,
Ба ҷуз ростбозӣ надонем ҳеч.
Дари качравӣ бар ҷаҳон бастаем,
Зи дунё бад-ин ростӣ растаем.
Дурӯғе нагӯем дар ҳеч боб,
Ба шаб божгуна набинем хоб.
Напурсем чизе, к-аз ӯ суд нест,
Ки яздон аз он кор хушнуд нест.
Чу оҷиз бувад ёр, ёрӣ кунем,
Чу сахтӣ расад, бурдборӣ кунем.
Гар аз мо касеро зиёне расад
В-аз он рахна моро нишоне расад,
Бароремаш аз кисаи хеш ком,
Ба сармояи худ кунемаш тамом.
Надорад зи мо кас зи кас мол беш,
Ҳама ростқисмем дар моли хеш.
Шуморем худро ҳама ҳамсарон,
Нахандем бар гирьяи дигарон.
Зи дуздон надорем ҳаргиз ҳарос,
На дар шаҳр шаҳна, на дар кӯй пос.
Зи дигар касон мо надуздем чиз,
Зи мо дигарон ҳам надузданд низ.
Надорем дар хонаҳо қуфлу банд,
Нигаҳбон на бо гову бо гӯсфанд.

Агар гург дар меши мо дам занад,
Ҳалокаш дар он ҳол барҳам занад.
Гар аз кишти мо кас барад хӯшае,
Расад бар дилаш тире аз гӯшае.
Бикорем дона гаҳи кишту кор,
Супорем кишта ба парвардигор.
Нагардем бар гирди говарсу ҷав,
Магар баъди шаш маҳ, ки бошад дарав.
Ба мо з-он чӣ бар ҷои худ мерасад,
Яке донаро ҳафтсад мерасад.
Суханчинӣ зи кас наёмӯхтем,
Зи айби касон дида бардӯхтем.
Гар аз мо касеро расад дoff,
Ҷунемаш сӯи маслиҳат ёварӣ.
Набошем касро ба бад раҳнамун,
Наҷӯем фитна, нарезем хун.
Ба ғамхории якдигар ғам хӯрем,
Ба шодӣ ҳамон ёри якдигарем.
Фиреби зару симро дар шумор
Наёрему н-ояд касеро ба кор.
Надоремашон аз дару дашт боз.
Нахоҳем ҷавсанге аз кас ба теғ.
Даду домро нест аз мо гурез,
На моро бар озори эшон ситез.
Ба вақти ниёз оҳую ғурму гӯр,
Зи дарҳо дароянд моро ба зӯр.
Аз он ҷумла чун дар шикор оварем,
Ба миқдори ҳоҷат ба кор оварем.
Дигарҳо, ки бошем аз он бениёз,
Надоремашон аз дару дашт боз.
На бисёрхорем чун гову хар,
На лаб низ барбаста аз хушку тар.
Хӯрем он қадар моя аз гарму сард
Ки чандони дигар тавонем х (в) ард.
Зи мо дар ҷавонӣ намирад касе,
Магар пир, к-ӯ умр дорад басе.
Чу мирад касе, дил надорем танг,
Ки дармони он дард н-ояд ба чанг.
Паси кас нагӯем чизе нуҳуфт,
Ки дар пеши рӯяш наёрем гуфт.
Таҷассус насозем, к-ин кас чӣ кард?
Фиғон барнаёрем, к-онро кӣ х (в) ард?
Касе гирад аз халқ бо мо қарор,
Ки бошад чу мо поку парҳезгор.

Чу аз сирати мо дигаргун шавад,
Зи паргори мо зуд берун шавад.
Сикандар чу дид ончунон расму роҳ,
Фурӯ монд саргашта бар ҷойгоҳ,
Қ-аз он хубтар қисса нашнида буд,
На дар номаи хусравон дида буд.
Ба дил гуфт: «аз ин розҳои шигифт,
Агар зиракӣ, панд бояд гирифт.
Наховам дигар дар ҷаҳон тохтан,
Ба ҳар сайдгаҳ доме андохтан.
Маро бас шуд аз ҳар чӣ андӯхтам,
Ҳисобе, к-аз ин мардум омӯхтам.
Ҳамоно ки пеши ҷаҳонозмой
Ҷаҳон ҳаст аз ин некмардон ба ҷой.
Бад-эшон гирифтаст олам шукӯҳ,
Ки автоди олам шуданд ин гурӯҳ.
Агар сират ин аст, мо бар чием?
В-агар мардум инанд, пас мо кием?
Фиристодани мо ба дарёву дашт
Бад-он буд, то бояд ин ҷо гузашт.
Магар сер гардам зи хӯи дадон,
Даромӯзам оини ин бихрадон.
Гар ин қавмро пеш аз ин дидаме,
Ба гирди ҷаҳон барнагардидаме.
Аз ин расм нагзаштӣ оини ман,
Ҷуз ин дин набудӣ дигар дини ман».
Аз он мамлакат шодмон боз гашт,
Равон кард лашкар чу дарё ба дашт.

## АНДАРЗ

Касе, к-ӯ дари некномӣ занад,
Дар ин ҳалқа лофи ғуломӣ занад.
Ба некӣ чунон парварад номи хеш,
К-аз ӯ нек ёбад саранҷоми хеш.
Ба дурроаи дар гурезад танаш,
Ки он диръ бошад, на пероҳанаш.
Беҳ аз номи некӯ дигар ном нест,
Бад-он кас, ки некӯ сараҷом нест.
Чу меҳоҳӣ, эй марди некӯписанд,
Ки номе барорӣ ба некӣ баланд.
Яке ҷома дар некномӣ бипӯш,
Ба некӣ дигар ҷомаҳо мефурӯш.

Набинӣ, ки бошад зи мушкин ҳарир
Фурӯшандаи мушкро ногузир.

### АФСОНА

Гузорандаи ин навоин хаёл,
Дам аз некномон задӣ моҳу сол.
Сикадар, ки он некномӣ намуд,
Бар он номи некӯ басе кард суд.
Ҳама сӯи некон назар доштӣ,
Бадонро бари хеш нагзоштӣ.
Зи кишвархудоёну шаҳзодагон,
Назар беш кардӣ ба афтодагон.
Куҷо зоҳиде хилвате ёфтӣ,
Ба хилватгаҳаш зуд биштофтӣ.
Ба ҳар ҷо, ки разме бароростӣ,
Аз эшон ба ҳиммат мадад хостӣ.
Ҳамоно к-аз он буд пирӯзҷанг,
Ки пирӯзаро фарқ кардӣ зи санг.
Сипоҳе, ки бо ӯ ба ҷанг омаданд,
Аз он пеша, к-ӯ дошт, танг омаданд.
Намуданд, к-«эй довари рӯзгор,
Ба таълими ту давлат омӯзгор.
Туро фатҳу фирӯзӣ аз лашкар аст,
Ту зоҳид навозӣ
сухан дигар аст.
Ба шамшер бояд ҷаҳонро кушод,
Ту аз некмардон чӣ орӣ ба ёд?!
Чу ҳиммат силоҳ аст дар дастбурд,
Бигӯ, то кунем он чӣ дорем хурд.
Аз ин пас,
ки бар ҳамнабардон занем,
Дари ҳиммати некмардон занем».
Ҷаҳондор аз ин довариҳои сахт,
Нигаҳ дошт посух ба нерӯи бахт.
Сухан бар бадеҳа наёяд савоб,
Ба вақти худаш дод бояд ҷавоб.
Чу лашкар сӯи кӯҳи Албурз ронд,
Ба ҳар ноҳият ноиберо нишонд.
Ба даҳлезаи раҳгузарҳои сахт,
Зи Шервон чу шерон ҳамебурд рахт.
Дар он тохтан, к-орзӯманд буд,
Раҳаш бар гузаргоҳи Дарбанд буд.

Набуд онгаҳ он шаҳр ороста,
Дизе буд дар вай басе хоста.
Дар он диз танге чанд раҳ доштанд,
Ки касро дар он роҳ нагзоштанд.
Чу шаҳро саропарда он ҷо заданд,
Рақибони диз хайма боло заданд.
Дари диз бибастанд бар рӯи шоҳ,
Накарданд дар теғу лашкар нигоҳ.
Ба навбатгаҳи шоҳ наштофтанд,
Сар аз хидмати боргаҳ тофтанд.
Агар хондашон довари давргир,
Ба рафтан нагаштанд фармонпазир.
В-агар дафтари доварӣ дарнавашт,
Надоданд роҳаш бари кӯҳу дашт.
Ҳамон чора дид он хирадманд шоҳ,
Ки бардорад он банд аз он бандгоҳ.
Ба лашкар бифармуд,
то сад ҳазор
Дароянд пиромани он ҳисор.
Ба харсанги ғазбон харобаш кунанд,
Ба селоби хун ғарқи обаш кунанд.
Чиҳил рӯз лашкар шағаб сохтанд,
К-аз он диз қулӯхе наяндохтанд.
Зи партоби ӯ новак афканд бол,
Қаманде на,
к-он ҷо расонад дувол.
Арӯсакзаноне чу девон шамӯс,
Хиҷил гашта з-он қалъаи чун арӯс.
На аррода бар гирди ӯ раҳшинос,
На аз гардиши манҷаниқаш ҳарос.
Чу оҷиз шуданд андар он тохтан,
В-аз он ҷавз бар гунбад андохтан.
Шаҳи кордон маҷлисе нав ниҳод,
Саронро талаб карду абрӯ кушод:
«Чи гӯед,— гуфто,— дар ин банди кӯҳ,
Ки овард аз андеша моро сутӯҳ».
Вилояткушоёни гарданфароз
Нишастанду бурданд шаҳро намоз,
Ки «мо бандагон то камар бастаем,
Бад-ин рӯз як рӯз наншастаем.
Чиҳил рӯз бошад, ки бехӯрду хоб,
Ситезем бо абру бо офтоб.
Ту донӣ, ки бар тораки меҳру меғ
Нашояд задан найзаву тиру теғ.

Чу девон басе чораҳо сохтем,
Аз ин девхона напардохтем.
Ҳамон беҳ,
ки гардем аз ин роҳи танг,
Гирева навардему соем санг».
Шаҳаншаҳ чу донист, к-он сарварон,
Фурӯмонда буданду оҷиз дар он,
Чу дар сурма зад чашми хуршед мил,
Фурӯ рафт гавҳар ба дарёи Нил.
Шаҳ аз ганҷи гавҳар ба дарё канор,
Яке маҷлис орост чун навбаҳор.
Бипурсид,
чун ҳалқа гашт анҷуман,
Ки «аз гӯшадорон дар ин гӯша кист,
Ки бар мотами орзуҳо гирист?»
Яке гуфт, к-«эй шоҳи донишпараст,
Парастишгаре дар фалон ғор ҳаст.
Ба кас рӯй нанмояд зи ҳеҷ роҳ,
Кунад бениёзӣ ба муште гиёҳ».
Шаҳаншоҳ бархост ҳам дарзамон,
Инонтоб гашт аз бари ҳамдамон.
Зи хосон тане чанд ҳамроҳ кард,
Нишон ҷусту омад бари некмард.
Раҳ аз шаб чу рӯзи бадандеш буд,
Вушоқию шамъӣ равон пеш буд.
Чу наздики ғор омад аз роҳи дур,
Ба ғор андарафтод аз он шамъ нур.
Парастанда чун партави нур дид,
Зи торикии ғор берун давид.
Фариштаваше дид чун офтоб,
Бароварда иқболро сар зи хоб.

## ТАЪЛИМИ ХИЗР

Маро Хизр таълимгар буд дӯш,
Ба розе, ки н-омад пазирои гӯш,
Ки «эй ҷомагихори тадбири ман,
Зи ҷоми сухан чошнигири ман.
Чу савсан сар аз бандагӣ тофта,
Нам аз чашмаи зиндагӣ ёфта.
Шунидам, ки дар номае хусравон,
Сухан ронд хоҳӣ чу оби равон.

Машав нописандидаро пешбоз,
Ки дар пардаи каж насозанд соз,
Писандидагӣ кун, ки бошӣ азиз.
Писандидагонат писандида низ.
Фурӯ бурдани аждаҳо бедиранг,
Биянбоштан дар даҳони наҳанг,
Аз он хуштар ояд ҷаҳони дидаро,
Ки бинад ҳаме нописандидаро.
Магӯй, он чӣ донои пешина гуфт,
Ки дар дур нашояд ду сӯрох суфт.
Магар дар гузарҳои андешагир,
Ки аз бозгуфтан бувад ногузир.
Дар ин пеша чун пешвои навӣ,
Кӯҳанпешагонро макун пайравӣ.
Чу нерӯи бикрозмоит ҳаст,
Ба ҳар бева худро маёлой даст.
Махӯр ғам ба сайде, ки нокардаӣ,
Ки яхнӣ бувад ҳар чи нохӯрдаӣ.
Ба душворӣ ояд гуҳар сӯи санг,
Зи сангаш ту осон кай орӣ ба чанг.
Ҳама чизе ар бингарӣ лахт-лахт,
Ба сахтӣ бурун ояд аз ҷои сахт.
Гуҳар ҷуст натвон ба осудагӣ,
Бувад нуқра мӯҳтоҷи полудагӣ.
Қасе,
к-ӯ барад бар тару хушк ранҷ,
Зи моҳӣ дирам ёбад аз гов ганҷ.
Хуми нуқра хоҳиву зарринаташт,
Зи хоки Ироқат набояд гузашт.
Зи Рай то Деҳистону Хоразму Ҷанд,
Наванде набинӣ ба ҷуз Лурканд.
Бухориву хазриву гелию курд.
Ба нонпора ҳар чор ҳастанд хӯрд.
Нахезад зи Мозандарон ҷуз ду чиз,
Яке девмардум, яке дев низ.
Нарӯяд гиёҳе зи Мозандарон,
Ки сад нуки зӯбин набинӣ дар он.
Ироқи дилафрӯз бод арҷманд,
Ки овозаи фазл аз ӯ шуд баланд.
Аз он гул, ки ӯ тоза дорад нафас,
Арақрезае дар Ироқ асту бас.
Ту низ он беҳ, эй пайки улвинажод,
Ки гирди ҷаҳон барнагардӣ чу бод.
Ба гавҳар куни тешаро тез кун.

Арӯси суханро шакаррез кун.
Ту гавҳар кан аз кони искандарӣ,
Сикандар худ ояд ба гавҳархарӣ.
Ҷаҳондоре ояд харидори ту,
Ба зудӣ шавад бар фалак кори ту.
Харидор чун бар дар орад баҳо,
Нашояд раҳи байъ кардан раҳо.
Чу дарьё харад гавҳар аз кони танг,
Диҳад киштии дур ба якпора санг.
Зи дарьёи ӯ ганҷи гавҳар мапӯш,
Дуре меситон, гавҳаре мефурӯш.
Миёнҷӣ чунон кун барои савоб,
Ки ҳам сих бар ҷо бувад, ҳам кабоб.
Чу дилдории Хизрам омад ба гӯш,
Димоғи маро тоза гардид хӯш.
Пазиросухан буд, шуд ҷойгир,
Сухан,
к-аз дил ояд, бувад дилпазир».
Чу дар ман гирифт он насиҳатгарӣ,
Забон баркушодам ба дурри дарӣ.
Ниҳодам зи ҳар шева ҳангомае,
Магар дар сухан нав кунам номае.
Дар он ҳайратободи беёварон,
Задам қуръа бар номи номоварон.
Ҳароина, к-аз хотираш тофтам,
Хаёли Сикандар дар ӯ ёфтам.
Мабин сарсарӣ сӯи он шаҳриёр,
Ки ҳам тегзан буду ҳам тоҷдор.
Гурӯҳеш хонанд соҳибсарир
Вилоятситон, балки офоқгир.
Гурӯҳе зи девони дастури ӯ,
Ба ҳикмат набиштанд маншури ӯ.
Гурӯҳе зи покию динпарварӣ,
Пазиро шуданлаш ба пайғамбарӣ.
Ман аз ҳар се дона, ки доно фишонд,
Дарахте баруманд хоҳам нишонд.
Нахустин дари подшоӣ занам,
Дам аз кори кишваркушоӣ занам.
Зи ҳикмат баророям он гаҳ сухан,
Кунам тоза поранҷҳои куҳан.
Ба пайғамбарӣ кӯбам он гаҳ дараш,
Ки хонад худо низ пайғамбараш.
Се дар сохтам ҳар даре кони ганҷ,
Ҷудогона бар ҳар даре бурда ранҷ

Бад он ҳар се дар ё бад-он ҳар со дур,
Кунам домани олам аз ганҷ пур.
Тарозе нав ангезам андар ҷаҳон,
Ки хоҳад зи ҳар кишваре навраҳон.
Дареғ оядам, к-ин нигорин навард,
Бувад дар сафина гирифтори гард.
Дари давлате ку, к-аз ин дасткор
Ба девори ӯ барнишонам нигор.
Паранде чунин зиндадораш кунам,
Зи гарди зами растагораш кунам.
Бад-ин номаи номвар дер боз,
Бимонам бар ӯ номи ӯро дароз.
Нишастангаҳе сӯзамаш з-ин сарир,
Ки бошад бар ӯ ҷовидон ҷойгир.
Ба ҳарфе мусаҷҷал кунам номи ӯ,
Ки монад дар ин ҷунбиш ороми ӯ.
На ҳарфе, ки олам зи ёдаш барад,
На борон бишӯяд, на бодаш барад.
Ба шарте,
ки чун ман дар ин дастгоҳ
Расонам сарашро ба хуршеду моҳ.
Маро низ аз ӯ пойгоҳе расад,
Ба андозаи сар кулохе расад.
Зи хуршеди равшан тавон ҷаст нур,
Ки шуд роҳи соя аз ин кор дур.
Ғаливожро бо кабӯтар чӣ кор,
Ба бози малик дархур аст ин шикор.
Низомӣ,
ки назми дарӣ кори ӯст,
Дарӣ назм кардан сазовори ӯст.
Чунон гӯяд ин номаи нағзро,
Ки равшан кунад хондааш мағзро.
Дили дӯстонро бад-ӯ нур бод,
В-аз ӯ дидаи душманон дур бод.
Наво,
гар навои чаковак бувад,
Чу душман занад тезновак бувад.
Дар он доира,
к-ин сухан рондаам,
Дарунпаррвари хешро хондаам,
Ки ин номаро нағзу номӣ кунад,
Гиромикунишро гиромӣ кунад.
Чунон баркушояд пару боли ӯ,
Ки некахтарӣ хезад аз фоли ӯ.

Нишот андарорад ба хонандагон,
Муфаррах̣ расонад ба донандагон.
Фусурдадилонро дарорад ба кор,
Ғамолудагонро шавад ғамгусор.
Навозиш кунад синаи хастаро,
Кушоиш диҳад кори дарбастаро.
Гараш нотавоне таманно кунад.
Худояш ба хондан тавоно кунад.
В-агар ноумедиш гирад ба даст,
Ба даст оварад ҳар умеде,
ки ҳаст.
Ҳар он-ч аз худо хостам з-ин қиёс,
Худо доду бар дода кардам сипос.
Ҳумоюнтар он шуд,
ки ин базмгоҳ,
Ҳумоюн бувад хосса дар базми шоҳ.

### АФСОНАИ ОБИ ҲАЙВОН

Чу бонги хурӯс омад аз посгоҳ,
Ҷарас дар гулӯ баст ҳоруни шоҳ.
Дуволи дуҳулзан даромад ба ҷӯш,
Зи минқори мурғон баромад хурӯш.
Парастишкуион халқ бархостанд,
Парастишгариро биёростанд.
Шаҳ аз хоби дӯшина сар баргирифт,
Ниёишгарӣ кардан аз сар гирифт.
Ба некӣ зи некидеҳаш ёд кард,
Бад-он парвариш олам обод кард.
Чу овард шарти парастиш ба ҷой,
Ба шуғли маю маҷлис овард рой.
Гаҳе хӯрд май бо навоҳои руд,
Гаҳе дод бар некаҳдон дуруд.
Ба гулгун маи тоза ҳамчун гулоб,
Зи сар дард мебурду аз магз тоб.
Дари лаҳв бикшод бар ҳамдамон,
Зи дар дур ғавғои номаҳрамон.
Сухан мешуд аз ҳар даре дар нуҳуфт,
Кас афсонае бешигифте нагуфт.
Яке қисса кард аз Хуросону Ғур,
К—«аз он ҷо тавон ёфтан зарру зӯр».
Яке аз Сипоҳону Рай кард ёд,
Ки «ганҷи Фаридун аз онҷо кушод»,

Яке достон зад зи Хоразму Чин,
Ки «мушкаш чунон асту дебо чунин».
Яке гуфт: «Қайсур беҳ з-ин диёр,
Ки кофуру сандал диҳад бешумор».
Яке гуфт: «Ҳиндустон беҳтар аст,
Ки ҳимаш ҳама уду гил анбар аст».
Дар он анҷуман буд пире куҳан,
Чу навбат бад-ӯ омад охир сухан.
Ҳамедун забон бар шигифтӣ кушод,
Чу дигар бузургон замин бӯса дод,
Ки аз ҳар савод он сиёҳӣ беҳ аст,
Ки обе дар ӯ зиндагонидеҳ аст.
Ба ганҷи гарон умри худ бармасанҷ,
Ки хок аст пурганҷу ҳаммоли ганҷ.
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ басе рӯзгор,
Сар аз чашмаи зиндагонӣ барор.
Шуданд анҷуман бо сарафгандагӣ,
Ки чун дар сиёҳӣ бувад зиндагӣ.
Сикандар бад-ӯ гуфт,
В-агар на, кӣ бинад замини сиёҳ,
Ҳамон чашма, к-аз марг дорад нигоҳ?»
Дигарбора пири ҷаҳондида гуфт,
Ки берун аз ин рамзҳои нуҳуфт:
«Ҳиҷобест дар зери қутби Шимол,
Дар ӯ чашмае пок аз оби зулол.
Ҳиҷобе, ки зулмот шуд номи ӯ,
Равон оби ҳайвон аз ороми ӯ.
Ҳар он кас к-аз он оби ҳайвон хӯрад,
Зи ҳайвонхӯрони ҷаҳон ҷон барад.
В-агар боварат н-ояд аз ман сухан,
Бипурс аз дигар зиракони куҳан».
Маликро зи ташвиши он гуфтугӯй,
Падид омад андешаи ҷустуҷӯй.
Бипурсид аз ӯ к-он сиёҳӣ куҷост?»
Намоянда бинмуд, к-«аз дасти рост.
Зи мо то бад-он бум роҳ андакест,
Аз ин раҳ, ки паймудӣ аз даҳ якест»
Чу шаҳ дид,
к-он чашмаи хушгувор,
Ба зулмат тавон ёфтан субҳвор.
Дари боргаҳ сӯи зулмот кард,
Ба рафтан сипаҳро муроот кард.
Чӣ шуд манзиле чанду дар кор дид,
Зи лашкар басе халқ бемор дид.

Ҷаҳоне равон буд лашкаргаҳаш,
Ҷаҳоне дигар хос бар даргаҳаш.
Зи бозори лашкар дар он кӯчгоҳ,
Ба бозори маҳшар ҳамемонд роҳ.
Сӯи шири мурғ, ар инон тофтанд,
Ба бозори лашкаргаҳаш ёфтанд.
Ба ҳар хушксоре,
ки хусрав расид,
Биборид борон, гиё бардамид.
Паи Хизр, гуфтӣ, дар он роҳ буд,
Ҳамоно, ки худ Хизр бо шоҳ буд.
Зи бисьёрии лашкар андеша кард,
Сабурӣ дар он тохтан пеша кард.
Яке ғоргаҳ буд наздики дашт,
Ки лашкаргаҳи хусрав он ҷо гузашт.
Бунаҳ ҳарҷӣ бо худ гарон доштанд,
Ба наздики он ғор бигзоштанд.
Аз он ҷамъ, к-он ҷой шуд ҷойгир,
Шуд он буми вайрон иморатпазир.
Буни ғор хондаш нигаҳбони дашт,
Ба ном он буни ғор Булғор гашт,
Қасоне, ки солори он кишваранд,
Раҳизодаи шоҳи Искандаранд.
Чу шаҳ дид, к-он лашкари беқиёс,
Дар он раҳ набошанд манзилшинос.
Тане чанд бигзид айёрваш,
Қамондору сахтикашу сахткаш,
Далеру тануманду сахтустухон,
Шикебандаву зӯрманду ҷавон.
Бифармуд, то ҳеҷ бемору пир
Нагардад дар он роҳ ҷунбишпазир,
Ки пири куҳан,
к-ӯ бувад солх (в) ард,
Зи душвории манзил ояд ба дард.
Нишастанд пирон, ҷавонон шуданд,
Раҳи дур бероҳдонон шуданд.
Ҷаҳонхусрав аз мардуми он диёр
Талаб кард корогаҳе ҳушьёр.
Ба раҳ бурдани лашкараш пеш дошт,
Ду манзил ба ҳар манзиле мегузошт.
Ҳама тӯшаи раҳ зи ширину шӯр,
Равон кард бар байсарокони бӯр.
Дуасба сипаҳ сӯи зулмот ронд,
Бар он мондагон ноибе барнишонд,

Ба андарз гуфташ ҳама гуфтанӣ,
Ки ҷое чунин ҳаст нохуфтанӣ.
Чу якмоҳа раҳ рафт суи шимол,
Гузаргоҳи хуршедро гашт ҳол.
Зи қутби фалак равшаноӣ намуд,
Баромад, фурӯ шуд ба як лаҳза зуд.
Хати устуво бар уфуқ сар ниҳод,
Миёнҷӣ ба қутби Шимол уфтод.
Ба ҷое расиданд, к-аз офтоб
Надиданд беш аз хаёле бахоб.
Сӯи атфгоҳи замин тохтанд,
Дар он соябон роят афрохтанд,
Замин аз ҳаво равшаноӣ рабуд,
Ҳиҷоби сиёҳӣ сиёсат намуд.
Зи як сӯ сиёҳӣ барандуд ҳарф,
Дигар сӯ гузар баст дарьёи жарф.
Ҳамебурд раҳ раҳбари ҳушманд,
Ба як сӯ зи паргори чархи баланд.
Чу гашт андак-андак зи паргор дур,
Ба ҳар дурии дуртар гашт нур.
Чунин то гузаргаҳ
ба ҷое расид,
Ки якбора шуд равшанӣ нопадид.
Сиёҳӣ падид омад аз кунҷи роҳ,
Ҷаҳон хуш набошад, ки гардад сиёҳ.
Фурӯмонд хусрав, ки тадбир чист,
Намояндаи расми ин роҳ кист?
Сиголиш намуданд корогаҳон,
Ки ҳаст ин сиёҳӣ ҳиҷобе ниҳон.
Дарун рафт,
шояд, ба ҳар сон, ки ҳаст,
Ба боз омадан раҳ кӣ орад ба даст.
Ба ҷорагарӣ ҳар касе мешитофт,
Ба сомони чора касе раҳ наёфт.
Чу омад шаб он нимравшандиёр,
Сияҳмушк бар уд кард ихтиёр.
Барошуфт гардун чу занҷирие,
Ба зангӣ бадал гашт кашмирие,
Шуд он роҳ аз мӯй бориктар,
Зи торикии шом ториктар.
Ба бунгоҳи худ ҳар касе рафт боз.
Дар андеша он шуғлро ҷорасоз.
Ки равшандилаш меҳрпарвард буд.
Набурда ҷавонӣ ҷавонмард буд,

Падар дошт пире навадсолае,
Зи ранҷи танаш ҳар замон нолае.
Дар он рӯзи аввал, ки фармуд шоҳ,
Ки н-ояд зи пирон касе сӯи роҳ,
Ҷавонмард буд аз падар ношикеб,
Чу бемори ноланда аз бӯи себ.
Нигаҳ дошт он пири фартутро,
Чу дигар касон сурхёқутро.
Ба сандуқи зодаш ниҳон карда буд,
Ба нархи раҳовардаш оварда буд.
Дар он шаб,
ки аз рой баргаштагӣ,
Даромад ба андеша саргаштагӣ.
Ҷавон он дари бастаро боз кард,
В-аз ин дар сухан бо вай оғоз кард,
К-«аз ин омадан шаҳ пушаймон шудаст
Зи сахтикашӣ сустпаймон шудаст.
Зи торикӣ омад дилашро ҳарос,
Ки ханҷори худро надонад қиёс.
Тавонад дарун рафт бераҳнамун,
Бурун омаданро надонад, ки чун».
Ҷавонмардро пири дерина гуфт,
Ки ҳаст андар ин парда рози нуҳуфт.
Чу ҳангоми рафтан расад шоҳро,
Бад-он то бурун оварад роҳро.
Яке модиён боядаш тандуруст,
Ки зодан ҳамон бошад ӯро нахуст.
Чу зода шавад курраи бодпой,
Сараш боз бурранд ҳолӣ ба ҷой.
Ҳамон ҷо, ки бошад бурида сараш,
Напӯшанд, то бингарад модараш.
Дили модиён з-ӯ ба тоб оваранд,
В-аз он ҷо ба рафтан шитоб оваранд.
Чу ояд гаҳи бозгаштан зи роҳ,
Бувад модиён пешрав дар сипоҳ.
Ба пӯя сӯи курраи нағзи хеш
Бурун оварад раҳ ба ханҷори пеш.
Аз он роҳ бераҳнамун омадан,
Бад-ин чора,
шояд, бурун омадан».
Ҷавон, к-ин ҳикоят шунид аз падар,
Ба чорагарӣ риштаро ёфт сар.
Саҳаргаҳ, ки мушкин паранди тароз
Ба дебои удӣ бадал гашт боз.

Шаҳаншоҳ биншаст бо анҷуман,
Ба рафтан шуда ҳар яке ройзан.
Зи ҳаргунае чора месохтанд,
Дигар сон фусуне барандохтанд.
Шаҳ афсуни касро харидор не,
Дари чора бар кас падидор не.
Ҷавони хирадманд оҳистарой
Сухан ронд аз андешаи раҳнамой.
Ҳадисе, ки аз пири доно шунид,
Ба чорагарӣ кард бо шаҳ падид.
Чу бишнид шаҳ, дилпазир омадаш,
Ба назди хирад ҷойгир омадаш.
Бад-ӯ гуфт, к «эй зодмарди ҷавон,
Чунин рой аз худ задан чун тавон.
Ту ин дониш аз худ наяндӯхтӣ,
Бигӯ рост, то аз кӣ омӯхтӣ?
Агар гуфтӣ, омода гаштӣ ба ганҷ,
В-агар на,
зи каҷ гуфтан ой ба ранҷ».
Ҷавон гуфт: «Агар зинҳорам диҳӣ,
Кунам маҳмил аз бори «овах» тиҳӣ.
Шаҳаншаҳ чу фармуд рӯзи нахуст,
Ки н-ояд ба раҳ пири нотандуруст,
Падар доштам пири деринасол,
Зи гардун басе ёфта гӯшмол,
Ман аз шафқати пири бобои хеш
Фаромӯш кардам муҳобои хеш.
Ба пӯшидагӣ бо худ овардамаш,
На бад буд,
агарчӣ бад овардамаш.
Суханҳои раҳ рафтани шоҳ дӯш
Расонидам ӯро якояк ба гӯш.
Ба таълими ӯ дил барафрӯхтам,
Чунин чорае з-ӯ даромӯхтам».
Шаҳ аз рои он раҳнамун дарнуҳуфт,
Барафрӯхт в-ин нуктае нағз гуфт.
«Ҷавон гарчӣ шоҳи далерон бувад,
Гаҳи чора муҳтоҷи пирон бувад.
Каду гар ба навшох бозӣ кунад,
Ба шохи куҳан сарфарозӣ кунад.
Ҷавон гар ба дониш бувад беназир,
Ниёз оядаш ҳам ба гуфтори пир».
Дар ин гуфтугӯ буд шоҳи ҷаҳон,
Ки он марди вахшӣ зи дар ногаҳон.

Даромад, даровард наздики шоҳ,
Яке пуштсавор аз савури сиёҳ.
Аз ӯ ҳар як аз қундузи томтар,
Ба ҷавҳар як аз як баандомтар.
Чу шаҳ нузли ӯро харидор гашт,
Дигар раҳ зи шаҳ нопадидор гашт.
Ба торикӣ андар ниҳон кард рахт,
Аҷаб монд шаҳ андар он кор сахт.
Ба андешаи равшаноинамой
Дуасба сӯи зулмат овард рой.
Бифармуд, то модиёне чу бод,
Қ-аз обистанӣ бошадаш вақти зод.
Биёранд аз онгуна к-он пир гуфт,
Шавад зодаи бод ба хок ҷуфт.
Чу карданд коре, ки фармуд шоҳ,
Сӯи оби ҳайвон гирифтанд роҳ.

## ДОНИШ ОМӮХТАНИ ИСКАНДАР

Хушо, рӯзгоро,
ки дорад касе,
Ки бозори ҳирсаш набошад басе.
Ба қадри басандаш ясорӣ бувад,
Кунад коре,
ар марди корӣ бувад.
Ҷаҳон мегузорад ба хушхорагӣ,
Ба андоза дорад таги борагӣ.
На базле, ки тӯфон барорад зи мол,
На сарфе,
ки сахтӣ дарорад ба ҳол.
Ҳама сахтӣ аз бастагӣ лозим аст.
Чу дар бишканӣ, хона пур ҳезум аст.
Чунон зӣ,
к-аз он зистан солиён,
Туро суду касро набошад зиён.
Гузорандаи дурҷи деҳқоннаворд,
Гузорандагонро чунин ёд кард,
Ки чу шоҳи Юнон малик Файлақус,
Баророст мулки ҷаҳон чун арӯс,
Ба фарзона фарзанд шуд сарбаланд,
Ки фаррух бувад гавҳари арҷуманд.
Чу фарзанди худро хирадманд ёфт,
Шуд эмин, ки шоиста фарзанд ёфт.

Надорад падар ҳеҷ боистатар
Зи фарзанди шоиста шоистатар.
Нишондаш ба дониш — дар омӯхтан,
Қи гавҳар шавад санг аз афрӯхтан.
Нақумоҷис он, к-ӯ хирадманд буд.
Арастуи донош фарзанд буд,
Ба омӯзгорӣ бар ӯ ранҷ бурд,
Биёмӯхташ онҷи натвон шумурд.
Адабҳои шоҳӣ, ҳунарҳои нағз,
Қи неруи дил бошаду нури мағз.
Зи ҳар донише, к-ӯ бувад дар қиёс,
В-аз ӯ гардад андеша маънишинос.
Баророст он гавҳари покро,
Чу анҷум,
ки ороял афлокро.
Хабар додаш аз ҳар чи дар парда буд,
Қасе кам чунон тифл парварда буд.
Ҳамасола шаҳзодаи тезҳуш,
Ба ҷуз илмро раҳ надодӣ ба гӯш.
Ба борикбинӣ чу биштофтӣ,
Суханҳои борик дарёфтӣ.
Арасту, ки ҳамдарси шаҳзода буд,
Ба хидматгарӣ дил бад-ӯ дода буд.
Ҳар он-ч аз падар моя андӯхтӣ,
Гузоришкунон дар вай омӯхтӣ.
Чу устоди доно ба фарҳангу рой,
Маликзодаро дид бар ганҷ пой.
Ба таълими ӯ бештар бурд ранҷ,
Қи хушдил кунад мардро поси ганҷ.
Чу маншури иқболи ӯ хонд пеш,
Дар ӯ баст унвони фарзанди хеш.
Ба рӯзе,
ки толеъпазиранда буд,
Нигини сухан мӯҳрагиранда буд.
Ба шаҳзода биспурд фарзандро,
Ба паймон дарафзуд савгандро.
Ки чун борорӣ ба чархи баланд,
Зи мактаб ба майдон ҷаҳонӣ саманд,
Сари душманон бар замин оварӣ,
Ҷаҳон зери мӯҳри нигин оварӣ.
Хумоюн кунӣ тахтро зери тоҷ,
Фиристандат аз ҳафт кишвар хироҷ,
Бар офоқи кишвар худоӣ кунӣ,
Ҷаҳон дар ҷаҳон подшоҳӣ кунӣ.

Ба ёд орӣ ин дарсу таълимро,
Парастиш насозӣ зару симро.
Назар барнадорӣ зи фарзанди ман,
Ба ҷой оварӣ ҳаққи пайванди ман.
Ба дастурии ӯ шавӣ шуғлсанҷ,
Ки дастури доно беҳ аз теғу ганҷ.
Туро давлат,
ӯро ҳунар ёвар аст,
Ҳунарманд бо давлате дарх (в) ар аст.
Ҳунар ҳар куҷо ёфт қадри тамом,
Ба давлатхудой баровард ном.
Ҳамон давлате, к-арҷмандӣ гирифт,
Зи рои баландон баландӣ гирифт.
Чу хоҳӣ, ки бар маҳ расонӣ сарир,
Аз ин нардбон бошадат ногузир»
Маликзода ба ӯ ҳам дод даст,
Ба пазруфтагорӣ бар он аҳд баст,
Ки «шоҳӣ чу бар ман кунад шуғл рост,
Вазир ӯ бувад бар ман, эзид гувост.
Натобам сар аз раъю паймони ӯ,
Набандам камар ҷуз ба фармони ӯ».
Саранҷом, к-иқбол ёрӣ намуд,
Бар он аҳди шоҳ устуворӣ намуд,
Чу устод донист, к-он тифли хурд
Бихоҳад зи гарданкашон гӯй бурд.
Аз он ҳандасиҳарф шакле кашид,
Ки мағлубу ғолиб дар ӯ шуд падид.
Бад-ӯ дод, к-ин ҳарфро вақти кор
Ба номи худу хасми худ баршумор.
Агар ғолиб аз доира номи туст,
Шумори зафар дар саранҷоми туст.
В-агар з-он,
ки ноғолибе дар қиёс,
Зи ғолибтар аз хештан дар ҳарос.
Шаҳ он ҳарф бистад зи донои пир,
Шуд он доварӣ пеши ӯ дилпазир.
Чу ҳар вақт, к-он ҳарф бингоштӣ,
Зи пирӯзии худ хабар доштӣ.
Бар ингуна мезист бо рою ҳуш,
Зи ҳар дониш оварда деге ба ҷӯш.
Ҳам ӯ ҳиммати зиракандеш дошт,
Ҳам андешаи зиракон беш дошт.
Ба фармони корогаҳон кор кард,
Бад-ин огаҳӣ бахтро ёр кард.

Ҳунарпеша фарзанди устоди ӯ,
Ки ҳамдарси ӯ буду ҳамзоди ӯ,
Аҷаб меҳрубон буд бар марзбон,
Дили марзбон ҳам бад-ӯ меҳрубон.
Накардӣ яке мурғ бар бобзан,
Қ-Арасту набудӣ бар он ройзан.
Наҷустӣ зи тадбири ӯ дурие,
Ба ҳар кор аз ӯ хост дарстурие.
Чу паргори чарх аз бари кӯҳу дашт,
Бар ин доира муддате чанд гашт.
Малик Файлақус аз ҷаҳон рахт бурд,
Ҷаҳонро ба шоҳаншаҳи нав супурд.
Ҷаҳон чист, бигзар зи найранги ӯ,
Раҳоӣ ба чанг овар аз чанги ӯ.
Дарахтест шашпаҳлӯю чорбех,
Тане чандро баста бар чормех.
Якояк варақҳои мо з-ин дарахт,
Ба зер ӯфтад, чун вазад боди сахт.
Муқимӣ набинӣ дар ин боғ кас,
Тамошо кунад ҳар яке як нафас.
Дар ӯ ҳар даме нав баре мерасад,
Яке меравад, дигаре мерасад.
Ҷаҳон кому ноком хоҳӣ супурд.
Ба худкомагӣ пай чӣ хоҳӣ фишурд,
Дар ин чорсӯ ҳеҷ ҳангома нест,
Ки кисабури марди худкома нест.
Ба доми ҷаҳон ҳастӣ аз воми ӯ,
Бидеҳ воми ӯ,
растӣ аз доми ӯ.
Шабе наълбандею полонгаре,
Ҳақи хештан хостанд аз харе.
Хар аз пой ранҷидаву пушт реш,
Бияфкандашон наълу полон ба пеш.
Чу аз вомдорӣ хар озод гашт.
Баросуд аз хештан шод гашт
Ту низ, эй ба хоке шуда гарднок,
Бидеҳ вому берун ҷаҳ аз гарду хок.

# ТАВЗЕҲОТ

## СИТОИШИ СУХАН ДАР «ХАМСА»

[1] *Султон Санҷар* — яке аз шоҳони сулолаи Салҷуқиён, ки дар солҳои 1118—1157 ҳукмронӣ кардааст.

[2] *Ҷавзо* — моҳи сеюми тақвими форсӣ.

[3] *Ҷабраил* — фариштаи осмонӣ, шахси наздики худо, ба воситаи ӯ ба Муҳаммад ҳар гуна сураю оётҳо нузул мешудааст.

[4] *Сирофил*: дурустараш Исрофил — номи яке аз фариштаҳои осмонист, ки гӯё рӯзи Қиёмат мардумро аз хоби марг мехезондааст.

[5] *Хирқаю зуннор* — тасбеҳ.

## «МАХЗАН-УЛ-АСРОР»

[1] Нӯширвон—Хусрави Парвиз, подшоҳи сулолаи Сосониён. Байии солхои 579—628 ҳумронӣ кардааст. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун шоҳи одил ном баровардааст.

[2] Маънии байт: Ин ду мурғ нағмасароӣ накарда истодаанд, балки онҳо қудо шудан мехоҳанд. Яке маҳри духтарашро мегӯяд, то қудояш бомдоди дигар онро биёрад.

[3] *Сом* — қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Марди паҳлавон, падари Золи Зар, бобои Рустам.

[4] *Фаридун* — шоҳи одилу халқпарвар, ки дар «Шоҳнома» қисмати пешдодиён бо амалиёти ӯ хотима меёбад.

[5] *Сулаймон* — паямбари паррандаю ҳайвонот. Деву инсу чинсу париён дар итоати ӯ буданд.

[6] Маънии байт: Ба молу ҳоли дармондагон, пиразанон дастдарозӣ кардан хуб нест, аз ин кор бояд парҳез кард, шарм дошт.

[7] Маънии байт: Ба дармондагон, бечорагон ҷабру зулм макун, ки аз тири пайкор, яъне киноя аз оҳи синаи дардноки онҳо, ҷазо ҳоҳӣ дид.

[8] *Симурғ* — образи афсонавӣ. Дар «Шоҳнома» ва дигар достонҳои ҳамосӣ ҳамчун персонаж амал мекунад.

[9] Маънои байт: шахсе, ки дидаю диниста ба роҳи дуздӣ равад ё сараш аз тан ҷудо мегардад ё аз мақому мартаба маҳрум мегардад.

[10] Маънои байт: Хоҷа то зар дар даст дошт саъю кӯшиш мекард, ки онро аз даст надиҳад. Аз ин хотир мегуфт: «Худоё, паноҳ ба ту мебарам».

[11] Маънои мисраъ: Зари холиси ту кувваи дили маро зиёд кард.

[12] Вубол кардан — ба маънии азобат диҳам, хору забунат гардонам.

[13] Маънои ду байти охир: байни боду хок зоҳиран сулҳу салоҳ аст. Ин монанди он аст, ки моҳӣ пушти пурчилояшро ба тарафи моҳихӯрак гардонда, оқибат сайди ӯ мегардад. Ба ҳамин тариқ, шоир гӯшзад мекунад, ки дар чунин корҳо ақлу хирадро бояд пеша кард.

[14] Маънои байт: подшоҳе буд сахт золим, мисли Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф яке аз амирони хилофати араб, ки дар золимӣ ном бароварда буд.

[15] *Ҷамшед* — шоҳи одил. Қаҳрамони «Шоҳнома», гӯё ҳафтсад сол подшоҳӣ карда, дар охир мағруру худписанд мешавад, даъвои худоӣ мекунад. Ӯро Аҳуромаздо дуои бад мекунад. Барои ҳамин аз тарафи Заҳҳоки Морон кушта мешавад.

[16] *Ҳоруннаррашид* — халифаи аббосӣ (786—809).

[17] *Аббос* — амаки паямбар Муҳаммад (569—632). Сулолаи аббосиён бо номи ӯ алоқаманд аст.

[18] Маънои байт: Боз ба булбул мурочиат карда ӯро дар сергапӣ айбдор мекунад ва худро ситоиш намуда мегӯяд, ки ман кори зиёд мекунаму чандон худро ситоиш наменамоям! Мақсад: шоир одамонро даъват менамояд, ки фурутану хоксор бошанд. Бояд шахсро на худи ӯ, балки дигарон аз рӯи кору рафтораш ситоиш намоянд. Барои исботи суханҳояш эҷодиёти хешро мисол меорад.

[19] Истилоҳи «пиру мурид» бештар ба дини ислом алоқаманд аст. Аҳли уламо, донишмандони бузург шогирд доштанд, ки ақидаҳои пири хешро тарғиб менамуд. Худи Шайх Низомӣ ҳам муридҳои зиёд дошт.

[20] *Мӯъбад* — донишманд, пешвони оини зардуштиро бо ин ном зикр мекарданд.

[21] *Гурги Юсуф* — шоир санъати талмеҳу кинояро истифода будааст. Бародарони Юсуф ба падарашон Яқуб арз карданд, ки Юсуфро гург хурда ва пораи ҷомаашро нишон додаанд, ки албатта, ин дурӯғ аст.

### «ХУСРАВ ВА ШИРИН»

[1] Маънии байт: Дар замони гузашта ҳокими адолатпешае буд, ки ба мисли Юсуфи Канъон ҳусну ҷамол дошт.

[2] Маънии мисраъ: Аввалин шуда Фарангис лаб ба сухан оғоз кард.

[3] *Шабдиз ва Гулгун* — номи аспҳои Хусраву Ширин.

### «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

[1] *Курд* — номи халқест, ки дар шимоли Эрон ва як қисми Озарбойҷон зиндагӣ мекунанд. Бештар бо чорводорӣ машғул мебошанд.

[2] Маънии байт: Ҳар шахсе, ки сухан бисёр гӯяд, агар доною хирадманд ҳам бошад, дар байни хосу ом обрӯяш мерезад.

[3] *«Шоистаи ташт»* — ба маънои лоиқ ё сазовори ташт аст. Ташт ҷоест, ки гунаҳгоронро сар мебурранд.

[4] Маънии байтҳо: Дар шаҳри Марв одами давлатманде будааст, ки дар хонааш сагҳои гиранда ва бадҳайбатро нигоҳ медоштааст.

[5] Маънии байт: Он ҷавонро сагҳои гиранда чун шинохтанд, наздаш омада сари ду по нишастанд.

[6] *«Ин буд баре, ки аз ту хӯрдам»* — мурод аз ин сухан ин аст: Ман дар даргоҳи ту солиёни зиёд содиқона хизмат кардам вале имрӯз ба ивази хизматҳоям аз ту бадӣ дидам.

[7] Маънии байт: некию эҳсон барои инсон моли қалъаест, ки фардро аз балоҳо эмин нигоҳаш медорад.

### «ҲАФТ ПАЙКАР»

[1] Маънии байт: Ман то даме, ки зиндаам, орзу дорам, кору амал, обрӯю эътиборатро дар байни мардум бинам.

[2] Маънои ду байт: Як ҳамнишини зишту бадном сад нафар рафиқашро бадном мекунад, монанди он ки аз галаи сайд агар яке ба дом афтад, дигарон низ аз паи он омада нохост гирифтор мешаванд.

[3] Маънои байт: Яке аз ҳоҷиён дар роҳи ҳаҷ зари худро фурӯ бурд, то ки роҳзанон онро кашида нагиранд, аммо роҳзанон, ки аз ин кор хабардор шуда буданд, барои пайдо кардани он зар шиками ҳамаи ҳоҷиёнро даридананд.

[4] Маънои ду байт: Дар роҳи зиндагӣ монанди бози сафед тезпарвоз бошӣ ҳам, аммо бояд ки чун офтоб ба роҳи худ нигоҳ карда равӣ, зеро ин роҳи нахчир (шикор) аст ва сайди осмон бо тиру камон ба шикор омадааст. Пештар мардум бадбахтиҳои худро аз кирдори осмону фалак медонистанд, аз ҳамин сабаб шоир осмонро сайёди одамон номидааст.

[5] «Гӯр»-и аввал ба маънои қабр аст. Мазмуни мисраъ: ғами ҳалок шудан нишоти шикори гӯрро аз сараш бурд.

[6] Маънои байт: Агар гӯям, ки аждаҳост, на гӯре, ки куштанаш барои ман осон аст. Битарсам, ки ин хиёнат ва додхоҳӣ накардан дар ҳаққи гӯр хоҳад буд.

[7] *Миқроза* — қайчӣ; *фарохоҳанг* — дурраванда, тезпар. Маънии байт: аз байни тирҳои монанди қайчӣ душоха тири дурравандаро ҷустуҷӯ карда ёфт.

[8] Маънии мисраъ: Ҳар ду чашми тири душоха ба ду чашми аждаҳо халид.

[9] *Ашқар* — номи аспи Баҳром.

[10] Маънои мисраъ: Сарангушт ба дандон суфтан ибораи фразеологӣ аст, ки варианти имрӯзааш: ангушти ҳайрат ба даҳон бурдан мебошад. Маънояш кинoя ба тааҷҷубу ба ҳайрат омадани фардро далолат мекунад.

[11] Маънии байт: Сабаби ба тирандозии моҳиронаи шоҳ дар таҳсин гуфтан сабурӣ карданам ин буд, ки мехостам, ки аз ӯ чашми бадро дур кунам, зеро ҳар чӣ ки ба кас писанд ояд, ба он чашм расиданаш мумкин аст.

[12] Маънии байт: Дар ин муомила фиреб хӯрданам аз он сабаб аст, ки сипеҳри ғаддор меҳрубонию хайрхоҳии маро нисбат ба шоҳ дар назари ӯ кинаю душманӣ карда нишон дод ва шоҳ ба ивази меҳрубонии ман тӯҳмати душманиро ба гарданам бор намуд.

[13] *Тири якзахма* — тире, ки ба як захм задан кори сайдро тамом мекунад. Мазмуни байт: ба як дидан рӯи он моҳ тири якзахмаи ишқ ӯро мо-ту маҳбут кард.

[14] Маънии байт: дар ҳолате, ки он мардро ба тири ишқи худ кушта ва хуни ӯро ба гардан гирифта буд, ба таъҷил роҳи хонаро пеш гирифт.

[15] Маънии байт: он мард зиёд нуктагир буд дар ҳар як сухан, ки аз ҳамсафараш мешунид, ҳазор нукта мегирифт.

[16] Маънии байт: азбаски вай бисёр гап мезад ва ба сухани ҳамроҳаш нуктагарӣ мекард, дигар ба ӯ чизе нагуфт ва ба воситаи хомӯшии худ гӯё ба вай доруи фаромӯшӣ дода забонашро бастан мехост.

[17] Маънии байт: ман як тан (як худам) аз дувоздаҳ тани дигар, ки ҳар якеашон дар яке аз дувоздаҳ қисми илми адаб якфан (комил) бошанд, бартар ва беҳтар мебошам (илми адабро дар гузашта ба дувоздаҳ қисм ҷудо мекарданд).

[18] Маъни байт: бигӯ, то донам, ки оби ин хум аз куҷо оварда шудааст, дар ҳолате, ки атроф ҳама саҳрои беоб буда, кӯҳпояе ба назар намерасад, ки гӯем, оби ин хумро аз чашмаи он кӯҳ оварда бошанд.

[19] Маънии байт: Малеҳо дар ҷавоби Бушр ӯро масхара карда гуфт, ки оре, аҷаб дуруст мегӯӣ! Оё мумкин аст, ки касе барои каси дигар дар ин биёбон ҳар соате ба пушти худ об кашонда оварда хумро пур карда монад, махсусан дар биёбоне, ки дар сад фарсаҳ обе ёфт намешавад.

[20] Ду байт: эй ки ба ақидаи худат нуҳуфтагӯ ва кушояндаи асрор ҳастӣ, ману ту ҳар як мувофиқи хислати ботинии худ хилофи якдигар дар ҳаққи дигарон гумон мебарем: ман, ки некандеш ҳастам бовар дорам марди некандеше ин хумро барои ташнагони роҳи биёбон ба хок гӯр кардааст; ту ки бадандеш ҳастӣ, гумон дорӣ онро сайёд барои сайд гузоштааст.

[21] Маънии байт: ғарқае дар хум дид, ки сари чун хум калони худро бар сари хум, яъне барои шикастани хум ва олудани оби он ба бод додааст.

[22] Маънии ду байт: ба ҷои хум чоҳе дид, ки сарашро бо хишти пухта сохта, ба болои он хиштҳо нимаи хумро гузошта буданд, то ин ки ҳайвонот дар он шиноварӣ накунанд ва обашро нопок насозанд.

[23] Маънии байт: худро чунон нишон медодӣ, ки гӯӣ тамоми воқеаҳоро пешакӣ муайян карда метавониста бошӣ.

[24] Маънии байт: дар он ҳамён ҳазор зарри мисрӣ ёфт, ки дар замонҳои қадим дар Миср сикка зада шуда буд.

[25] Маънии мисраъ: як лаҳза гирист ва аз селоби он аз шавҳари золими худ бо ҳамин оби чашм рехтан халос шуд.

[26] Маънии мисраъ: Бушр, ки ҳалқаи ғуломии он ёри дар гӯш ҳалка дош-таро ба гӯши худ зада буд, фарёде зада аз ҳуш рафт.

[27] Маънии мисраъ: ба воситаи бӯи хуши худро бо димоғи ӯ расонидан ошиқашро ба ҳуш овард.

[28] Маънии байт: Бушр, ки аз маъшуқаи худ навозиш ёфт, аз ҳавлӣ берун рафт, то ки кори ақди никоҳро рост кунад.

[29] Маънии байт: гӯё аз заношӯии байни Моҳу Хуршед бачае таваллуд ёфта аз пистони Зӯҳра шири Уторид хӯрдааст, аз ин сабаб монанди Зӯҳра дар дилрабоию раққосӣ ягонаи олам ва чун Уторид дар илму фазл бемислу монанд гардидааст.

[30] Маънои ду байт: ба қувваи илм сабаби ҳар як ҳодисаи табиатро медонист, масалан, чаро об сард асту оташ гарм, одамон аз чӣ пайдо мешаванд, таъсири анҷум (ситораҳо) ба анҷуман (ҷамъияти одамон) аз чӣ иборат аст, ва ҳоказо (Аз рӯи астрологияи асримиёнагӣ пешомади ҷамъияти инсонӣ ва ҳодисаҳои ҷамъиятиро гӯё ситораҳои осмон муайян мекунанд).

[31] Маънии ду байт: шарти сеюми ба ҳам пайвастани ману он мард ин аст, ки ҳамин ки ӯ тилисмҳоро кушод, дари қалъаро ёбад, зеро вай барои ҷуфти ман шудан, албатта, аз дар медаромадагист, на аз бом!

[23] Маънии ду байт: агар ба гирду атрофи олам нигарӣ, мебинӣ, ки шаҳрҳо бо қалъаҳо ороста ва зеб дода шудаанд, аммо ин парирух бошад, бо сарҳои он ҷавонони ҳалокшуда шаҳрро меорост ва аз сарҳо ба атрофи шаҳр қалъа месохт.

[33] *Нӯшнома* — кинояи аз сурати зебои духтар; шишаҳои заҳр киноя аз чор шарт ва сарҳои ба дарвоза овехта шуда мебошад.

[34] *Гавҳари наҳанговез* — гавҳаре, ки ба гардани наҳанг овехта шудааст ва дар гирифтани он биmi ҷон аст.

[35] *Ҷон суфтан* — ба маънии ҷонро азиз ва пос доштан, хилофи ҷонсупорӣ.

[36] Маънии байт: азбаски ҳар хӯроке, ки ҳар кас орзу мекард, дар он дастурхон мавҷуд буд, он дастурхон гӯё орзудон буд.

[37] *Зари халос* — зари холис, тоза, маҳкам-сангест, ки бо он холисӣ ва тозагии зар аниқ карда мешавад.

Маънии мисраъ: шоҳ фармуд, ки холисии зари ақлу дониши шоҳзодаро бо маҳаки саволҳои духтар санҷад.

[38] Маънои ду байт: мард он ду лӯълӯи фиристодаро санҷид ва ба андозаи онҳо се лӯълӯи дигар илова кард.

[39] Чун шоҳзода омехтаи шакар ва лӯълӯи кӯфтаро ба шири ҷом маҳлул карда буд, вақти маҳлулро нӯшидани духтар кӯфтаҳои лӯълӯ ба таги ҷом такшин шуданд ва ӯ ин такшинро гирифта хамир кард, ки дар ин сурат вазни хамир ба вазни ҳамон панҷ лӯълӯи аввала баробар омад.

[40] Маънои се байт: иқди гарданбанди худро кушод ва аз вай дурри ҳамсангу монанди дурри дар кафаш бударо пайдо карда, ҳар дуро ба як ришта баст ва назди шоҳзода фиристод.

[41] Маънии мисраъ: дурри сеюм, ки монанди дуюм бошад, ёфт нашуд.

[42] Маънии байт: ман ки он ширро нӯшидам, худро дар баробари камоли илми ӯ кӯдаки ширхор донистам.

[43] Маънии ду байт: ӯ, ки он дурро пеши ман фиристод, пурсиданӣ шуд,

ки оё мехоҳӣ, ки ба ҷавҳари ягонаи ман ҷуфт шавӣ. Ман ба дурри фиристодаи вай дурри ҳамсангу монандро илова карда ҷавоб додам, ки ҷуфти ту ман ҳастам.

[44] «Хом»-и аввал ба маънии саркашӣ, кибру ғурур (зидди пухтагӣ), «хом»-и дуюм ба маънии чарм аст. Мазмуни байт: шоҳ он тавсани саркашдухтарашро роми шоҳзода ва аз тозиёнаи чармини илму дониши ӯ хомиро аз сараш дуркарда дид.

[45] Маънии мисраъ: аз ташнагӣ чашмонаш чунон боз шуда монданд, ки дигар пӯшида наметавонист.

[46] Маънии мисраъ: оби он ду лаъл дар вуҷуди худашон пинҳон буда, ба нӯшидани он иloҷе набуд; (Лаъли тоза ва қиматбаҳоро лаъли обдор мегӯянд, шоир ба ҳамин муносибат санъати лутф ба кор бурда, маънои калимаи «обдор»-ро бозӣ дорондааст.

[47] Маънии байт: аз он ду лаъл пинҳонӣ об мечакид, вале он на оби чашм ва на оби даҳон буд.

[48] *Роҳиб* — шахси диндор, яздонпараст, яъне муллои оини зардуштӣ.

[49] *Дайр* — ибодатгоҳи зардуштиён, муродифи масҷид (Масҷид ба дини ислом тааллуқ дорад).

[50] *Рафт султони машриқӣ* — киноя аз офтоб аст, шоир тулӯи онро ёдрас шудааст.

[51] *Зӯҳраю Уторид* — номи бурҷҳои осмонӣ, ки онҳоро адиб ба духтари курду Хайр ташбеҳ намудааст.

## «ИСКАНДАРНОМА»

[1] *Арасту* — боз бо номи Аристолис меояд. Ӯ донишманди бузурги Юнон устоди Искандар аст. Ӯ дар байни солҳои 384—322 то эраи мо зиндагӣ карда, оид ба мантиқ, поэтика, нуҷум, фалсафа ва ғайра асарҳои ҷовидона офаридааст.

[2] *Афлотун* — боз бо номи Фалотун низ вомехӯрд. Файласуфи Юнони қадим. Солҳои 270—240 зиндагӣ кардааст. Доир ба илми калом, ҳандаса, фалсафа, табииёт ва ғайра зиёда аз 50 асар иншо намудааст.

[3] *Суқрот ё Сократ* — файласуфи машҳури Юнонзамин.

[4] *Сикандар ё Искандар* — Александри Македонӣ, шоҳи Юнон, писари Филиппи II дар байни солҳои 335—323 то мелодӣ ҳукмронӣ намудааст.

[5] *Дорулхилофа* — Резиденция ё ҷои қабули халифа, ки дар пойтахти хилофат шаҳри Бағдод воқеъ буд.

[6] *Сабиқа* — металли гудохташуда, дар ин байт ба маънои аз ҳама ҷои чуқур — тангной.

[7] *«Аржанг»* — номи асари оини монӣ. Таблиғоти дини монӣ ба воситаи тасвирҳои ҳархела ба роҳ монда шуда буд.

[8] *Монӣ* — пешвои дини Монӣ, ӯ дар байни солҳои 215—276 зиндагӣ кардааст. Ӯро шоҳони сосонӣ ба қатл мерасонанд.

## ЛУҒАТ

### А

А б л а қ — ҳар чизи дуранга, сиёҳу сафед
А б н о — ибн, писарон, мардумон
А б н о и а с р — ҳамасрон, ҳамзамонон
А б р а — ғам, андӯҳ, тараддуди гиря
А б ҳ а р — гули наргис
А в р а н г — тахт, чоҳ
А в т о д — ватад, меххо
А в т о р — тор, торҳо
А д и м — чеҳраву рӯй, сурат, чарм, чарми сурхранг
А д ҳ а м — бутури неки хокистаргун, асп
А й ю қ — ситораи хурди равшани сурхранг, ки дар тарафи рости Каҳкашон воқеъ аст
А й б а — чомадон, пинҳон, чуқурӣ
А ё ғ — коса
А з р а қ — нилгун, сабзпуш
А к д и ш — дурага, омехта
А л а ч у қ — чодар, хайма, юрт
А к ф и л к и ф о т — донишманд, баландмақом
А л и ф и к у ф и ё н — ҳар чизи качу килебро гӯянд, зеро ҳарфи алифи хатти куфӣ кач аст.
А м а а л с а н ҷ и с а л о м а т — киноя аз растагорӣ, халосшавӣ аст
А н б ө з — шарик, рафиқ, ҳамто
А м у д — гурз
А н а л ҳ а л қ — ман ҳаққам
А н о — азобу машаққат, заҳмат
А р а ш — андозаи муайяне, ки аз сарангушти дасти рост то сарангушти дасти чап дар сурате, ки дастҳоро аз ҳам кушода доранд
А р з и з — қалъагӣ
А р и н — бешае, ки маъвои шер, гург, мор ва ғайра бошад, шаҳр.

Арроданолати аз манҷаник хурдтар буда, дар қадим ҳамчун аслиҳаи ҷангӣ истифода мешуд; аробаи дучархаи боркашӣ
А р ӯ с а к — манҷаники хурд, фалахмон
А с а д — шер, шери беша; номи бурҷи панҷум аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ
А с ӣ — гунаҳгор, осӣ
А т ф — меҳрубонӣ, майл, шафқат
А ф а н — бадбӯй, гандида; заҳр
А ф з о р — гиёҳи хушбӯй ҳамчун мурч, дорчин ва ғ.
А ш ҳ а б — сфед; кори сахту душвор; аспи хокистарранг
А ъ д о — аду, душман
А ғ о н ӣ (уғният) — соз, нағма
А қ с о — канорҳо, гӯшаю канораҳои дурдаст
А ҳ к о м — амру фармонҳо, фармоишот, қонун
А ҳ а д — яккаву танҳо, воҳид
А ҷ з — оҷиз, бечора, нотавон
А ҷ р о — иҷорахӯр, зиёдахӯрон
А ҷ р о м — ҷамъи ҷирм — ҷирмҳои осмони

## Б

Б а д о я т — оғоз, шурӯъ, ибтидо
Б а д р о м — хушу хуррам, ороста, осоишу ором
Б а з м а — базм, шодмонӣ
Б а й ъ а т — аҳду паймон
Б а й ғ о р а — сарзаниш, таъна
Б а л а с о н — номи дарахтест, ки баргҳояш бӯи хуш дорад
Б а р д а — асир, ғулом, банда
Б а х т а — пустканда
Б а ю с — интизор
Б а р и д — хабаровар, қосид
Б а р и н — болотарин, бартарин, олитарин; доиму абадӣ
Б а р з а н — кӯча, саркӯча, хона, саҳро; гӯшаи ҳаёт
Б а р о т — ҳуҷҷат, навиштае, ки ин ё он чизро дар асоси он мегиранд
Б а р у м а н д — тавонгар, хушбахт, комёб, хушнуд
Б а т — мурғобӣ
Б а х т а — пустканда
Б а қ а м (баққам) — дарахтест, ки чӯбаш сурхранг буда, дар рангрезӣ ба кор бурда мешавад
Б а ҳ о и м — ҷамъи баҳима — чорпоён
Б а ҳ р о м — Ситораи Миррихро меноманд
Б е д б а р г — навъе аз пайкони тир, ки ба барги бед монандӣ доштааст.
Б е с у р о к — шутури ҷавони боқувват
Б е м о р т у т — тани бемор, касалманд

Бизоат — сарват, асбоб, мулк, дорой, матоъ
Биҳамдуллоҳ — яъне бо мадади худованд
Биҳил — бахшидани ҷурм, авф кардани гуноҳ
Бобзан — сихи кабоб
Бодалӣ —.навъе аз матои бофташуда
Бора — девор, ҳисор; зулфу гесӯ; дӯсту ёр; одат, қоидаву қонун
Бору — қалъа, ҳисор, бурҷ
Боҳур — тамӯз, гармои сахт
Буна — молу мулк, чизу чораи хона
Буруз — ошкор шудан, берун омадан
Бурқаъ — ниқоб, рӯбанд
Буқаъ — иморат, хона, сарой, ҷой
Бӯр — taбоҳгардида, ҳалокшуда

## В

Вазағ — қурбоққа, ғук
Вадеъат — амонат
Варз — кишт, зироат
Вашиҷома — ҷомаи абрешимӣ
Вашақ — ҷонварест ба рӯбоҳ монанд, аз пӯсти он пӯстин медӯзанд
Вушоқ — даванда, хушхабар
Вақоҳат — бешармӣ, беҳаёӣ, беадабӣ, густохӣ
Васхал — дармондан, пой дар гил мондан
Вусуқ — бовар, хотирҷамъ

## Г

Газит — хироҷ ва андозе, ки ҳокимон аз мардум меситонанд
Гарданон — паҳлавонон
Гарева (гирева) — кӯҳи паст, замини обканд, роҳи душворгузар
Гела — деҳа, қишлоқ
Говарса (говарс) — донаҳои ба арзан монанд, ки ба кабӯтарон диҳанд
Говарсач нуқрагун — яъне обутоби шамшер
Говдум — карнай, фароз, нишеб
Гавоҳан — оҳане, ки бар сари чӯби махсус баста шуда, ба воситаи он заминро ҳамвор ё худ мола мекунанд
Гургина — пӯстине, ки аз пӯсти гург тайёр мекарданд
Гуроз — хук; мардуми далеру шуҷоъ
Гӯй — тӯб; кулула, гирдак

## Д

Дабик — шаҳрест дар Миср; дабиқӣ — матоъе, ки дар он шаҳр бофта мешуд

Даволӣ — маккор, фиребдиҳанда
Дай — зимистон, хунук
Дайҳим — тоҷ, афсари шоҳон
Далв — сатил, ҷогаҳи обкашӣ
Дарой — занг, ҷарас; гуфтугӯ, муколама, путки оҳангарон
Дарюза — гадоӣ, бенавоӣ, фақирӣ, тангдастӣ; захираи мерос
Дарқ — сахт аз ҳар чизе
Дашна — навъе аз ханҷар, шамшер, корди нӯкборик
Даҳо — зиракӣ, кордонӣ
Дибоғат — санъати пӯсткоркунӣ
Дижхим — бадхӯй, бадхоҳа, бадрӯй, зишт, хунхор
Диръ — зиреҳ; пероҳани ҷангӣ
Дувол — тасмаи чармӣ, тасмаи рикоби асб, тасмаи шамшер, теғ
Дуда — деҳа, қишлоқ, вилоят
Дубош — найзаи душоха; асо, найзаи хурд, оҳи дил
Дуррат — марвориди бузургу гаронбаҳо; дуррат-ут-тоҷ, зевари тоҷи сар
Дурроа — ҷома, ҷавшан

## З

Зайт — равғани зайтун; номи аспе низ будааст
Залла — таом
Зангонаруд — созест, ки зангиён менавозанд, номи дарёест дар Зангбор
Заррофа — дурӯғгӯй
Зарғом — шери беша
Зарқ — риё ва нифоқ, макру фиреб; тӯҳмат, ғайбат
Зиммат — амон, аҳд, зинҳор, паймон
Зот-ул-имод — соҳиби биноҳои баланди боҳашамат
Захма — табоҳшуда; мизроб ва олате, ки созандаҳо бад-он созе навозанд
Зеҳ — аҳсан, офарин
Зукол (зугол) — ангишт, зуғол

## К

Қабода — камон, камони нарму суст
Қаввал — пӯстине, ки аз пӯсти гӯспанд дӯзанд
Қадевар — кадхудои хона, соҳиби мулку замин ва саро, заминдор, боғбон деҳқон; раиси тоифа
Қайд — макру ҳила, ҷангу ҷидол
Қаркадан (каргадан) — ҷонвари пистондоре, ки бар болои бинӣ шохе дорад
Қарх — хонаву ҷой, иморат, қаср
Қатиф — китф
Қафал — палосе, ки бо он чорпоёнро ҷул кунанду савор шаванд.

Қаш — хушиву некӣ, шодиву фараҳ
Қашаф — сангпушт
Қаъб — ҳар банди устухон, махсусан бӯҷулаки пой
Қилла — сақфи хона ва ҳар чизе, ки ба мисли сақфи хона бошад; чодир
Қемухт — пӯсти ба таври махсус даббоғӣ кардашуда
Қобин — ақду никоҳ бастан
Қоварс (говарс) — растание ки ҳосилаш ба донаи арзан монанд аст
Қӯпол — гурзи оҳанин
Қӯҳа — баландӣ, кӯҳони шутур; ҳамла; бим, ҳарос
Қӯҳлӣ (каҳл) — сурмаӣ, сурма; кӯҳли паранд — матои сиёҳранг, торикии шабро низ гӯянд

## Л

Лабиша (лавоша) — ҳалқае аз ресмон, ки бар сари чӯбе банданду бар лаби асб гузошта битобанд, то ки вай ҳаракати нописанд накунад; лаҷоми асб
Лавзина — ҳалвое, ки аз мағзи бодом тайёр карда бошанд, ҳар хӯрише, ки дар он мағзи бодом ҳамроҳ карда бошанд
Лавид — деги бузурги бе сарпӯш
Лафча — гӯшти беустухон
Лахт — чизу чора, кафшу мӯза, гурз
Лаҳиф — ситамрасида, бечора, парешонрӯзгор, лиҳоф, рупӯш
Лубод — юғ, чӯбе, ки бар гардани гов мегузоранд
Лӯрконд — замине, ки селоб канда бошад, ҷои селкандашуда

## М

Мавкиб — сипоҳ, лашкар; гурӯҳи зиёди саворону пиёдагон
Мавло — соҳиб, молик, озодкунанда
Мадхун — тозакардашуда, замини аз бориши борон каме таршуда; пӯсти сафедкардашуда
Мазиҷ — бодоми талх
Макавкаб — ситорадор кардашуда; аз меххои зару сим мехкӯбшуда
Миндал — хате, ки азоимхонон бар даври худ мекашанд; навъе аз духӯл, чӯби уд
Маниш — бузургии ҳиммат, караму саховат, ҷавонмардӣ далерӣ; мизоҷ, сиришт
Маносик — ҷои ибодат кардан
Мансуҷ — матои бофташуда
Марғул — зулфу кокули печида, гесӯи ҷингила, бонгу овоз, нағмаву овози хуш, овози мутрибон
Маслах — ҷое, ки дар он чорворо пӯст меканад, қассобхона
Маснад — ҷой, макон, такягоҳ, болишт

Массоҳ — касе, ки заминро чен мекунад ва масоҳати онро равшан менамояд
Масус — зани нозу ишвадор; таоме, ки аз ғӯшти мурғ мепазанд
Мафлуҷ — фалаҷшуда, шал
Маҳмил — каҷовае, ки бар шутурон бананд
Миод — ваъдагоҳ, ҷои вохӯрӣ
Мисоқ — аҳду паймон, устувории қавл
Миқраъа — тозиёна, қамчин
Миқроза — навъе аз пайкони тир, ки душоха бошад
Миҳак — санге, ки бад-он зарру сим баркашанд; озмоиш, имтиҳон
Моида — дастархоне, ки бар вай таом гузошта шуда бошад; неъмат
Муарриҷ — нардбон; муарриҷгарон — созандагони нардбон, нардбонсоз
Музаввир — фиребдиҳанда, макркунанда
Муламмаъ — равшан кардашуда, рангоранг
Мурассаъ — ҷавоҳирнишон, ҳар чизеро меноманд, ки бо ҷавоҳирот ороиш дода шудааст
Мусаққал (масқал) — сайқал додан; асбобе, ки бад-он ба чизе ҷило медиҳанд, занграбо
Мустароҳ — ҷои осоишу роҳат, канору роҳи об, бодгоҳ
Мутарро — мусаффо, обдору пардохташуда, ороишёфта
Муқбил — соҳибиқбол, некбахт, саодатманд
Мусоҳиб — ҳисобкунанда, мураттабкунанда
Муҷоим — гунаҳкор, нофармон, осӣ
Муҳит — баҳр
Мӯҳмил — он ки бор мебарад, борбардор, касе ки барои бори вазнинро бурдан дастёрӣ мекунад

## Н

Наванд — нома, қосид; хабаровар; аспи тезрав
Навард — инъом, бахшиш, пули накд; дархӯру лоиқ, арзишдор
Навол — ато, бахшиш, сазовор
Накӯҳ — айбҷӯӣ, бадгӯӣ, накӯҳиш, сарзаниш
Нақиб — пешво, каси бомаърифат
Нақл — ато, бахшанда
Ниё — бобо; таға
Ниём — ғилоф
Ноб — соф, пок; дандони пеш
Нол — най
Нор — анор, оташ; сурх
Ночах — табарзин, пайкони душоха, найзаи хурд
Нока — шутури мода; номи чандин ситора, ки бо шакли шутур мебошанд

## О

**О б о** — падар, падаркалон, бобо
**О з а р а н г** — ихтисорёфтаи озарранг, яъне оташранг
**О л о н** — қалъа; номи кишвар ва шаҳре дар Туркистон
**О м о и д а н** — ҳозир шудан, тайёр шудан
**О м о с** — варам, дамидагӣ дар ягон узви бадан
**О м у д а н** — оростан, пур кардан, муҳайё сохтан
**О р и с** — хабардиҳанда, арзкунанда
**О с** — осиёб

## П

**П а й к** — қосид, паёмгузор, хабаровар
**П а р а н д** — матои абрешимӣ; теғ, шамшер
**П а р в и з а н** — элаки ордбез
**П а л о р а к** — ҷавҳари шамшер; навъе аз пӯлод; шамшер
**П а т ё р а** — офат, андӯҳ, чизҳои зишту ҳавлнок; хусумат, душманӣ
**П о л у д а** — як навъ ҳалво; пок, соф
**П о с** — муҳофизат, посбонӣ, нигаҳбонӣ, нигаҳдорӣ

## Р

**Р а б е ъ** — баҳор
**Р а з и н** — маҳкам, устувор
**Р а у н а т** — нодонӣ, камақлӣ, нармиву сустӣ; худоройӣ, зинатдиҳӣ
**Р а ф е ъ** — шарифу баландқадр, олӣ ва афрохта, баланд
**Р а ф р а ф** — фарт, бисот, маргзор, доманаҳои хиргоҳ
**Р и б о** — судхурӣ, фоидабарӣ; суд, фоида
**Р и к о б** — ӯзангу, асбоби пойгузорие, ки аз ду тарафи зин овехта шудаанд; пиёла ва ҷоми ҳаштпаҳлӯро низ меноманд
**Р и т л** — ҷоми шароб
**Р и ч о р** — мураббо; ҳар таоме, ки аз шири гӯспанд тайёр кунанд, маҷозан ҳар як сухани дарҳам-барҳамро низ гӯянд
**Р и к(к)** — пӯсти тунуки оҳу; барги дарахт, номи гиёҳи хордор; бандагӣ; замини нарму фаррох
**Р у б ъ** — чаҳоряк, аз чор як қисм
**Р у т а б** — хурмои тар
**Р у у н а т** — нодонӣ, камақлӣ; нармиву сустӣ; худорои, зиннат
**Р у х о м** — санге бағоят суфтаву сахт, ки зарду сапеду сурх мебошад
**Р ӯ и н** — биринчин
**Р ӯ и н а ҳ у м** — дуҳулу нақораи бузург
**Р ӯ я н** — рӯнос, яъне решаи гиёҳе, ки ба воситаи он пӯстро ранг мекунанд ва ӯ сурхранг аст

## С

Савб — тараф, ҷониб, либос, пӯшок
Савод — сиёҳӣ, сиёҳрангӣ; шаҳр, навоҳӣ
Сайфур — бофтаи абрешими бисёр латиф, матову порчаи шоҳиворӣ
Салаб — навъе аз либоси ҷангӣ ба монанди ҷавшан
Салиҳ — силоҳ, аслиҳаи ҷангӣ
Сало — чеғ, нидо, фарёд; чеғ задани мардум барои зиёфат ё иҷрои коре
Санҷақ — байрақ, ливо, камарбанд
Сарсар — боди тунд ва ё боди сарди баландовоз
Сарсом — сарчархӣ, беҳушӣ, бехудӣ, шайдоӣ, девонагӣ
Саторзан — навозандаи сетор
Сафан — пӯсти дурушт, пӯсти наҳанг, пӯсти сусмор; тешаи чӯбтарошӣ
Сахтан — санҷида, бовазн, боандеша
Сақл — зидудан, тарошидан
Саққо — обдиҳанда; дар шеър ба маънии соҳиби борон, боронбор омадааст
Сидра — дарахти тануманди баланди сӯзанбарг: номи дарахти афсонавӣ, ки гӯё дар биҳишт, ё худ дар осмони ҳафтум будааст
Сиҷил — навиштаҷот, тӯмор; ҳукмномаи бо мӯҳр тасдиқ, шуда
Сов — боҷу хироҷ; суҳоне, ки шамшер тез мекунанд; буттаи хордор ва сафеди баланд, ки дар миёни кирмҳои пилла ниҳанд, то вай бар он танад
Солусӣ — макру ҳиллагарӣ, фиребгарӣ
Судоб — қувват, қудрат, тавоноӣ; гиёҳи давоӣ, ки талху тунд аст
Сулб — душвор, сахт, устувор, мустаҳкам
Сутудон — қабр, мақбара, мазори габрак
Сутурлоб (Устурлоб) — олотест, ки барои андозгирии мавкеъ ва баландии ситорагон ва дигар ҷирмҳои фалакӣ ба кор мерафт
Сутӯҳ — тарс, хавф, даҳшат, парешонӣ, изтироб, дилтанг; оҷиз, дармонда
Суҳуф — навиштаҳо, номаҳо китобҳо
Сӯг — ғаму андӯҳ, кулфат
Сукӣ — бозорӣ

## Т

Табарзад — набот
Табира — дуҳул, нақора, табл
Тавф — тавоф; машкҳое, ки бод пур карда, қатор гузошта мешаванд ва бо воситаи он борро аз об мегузаронанд
Тавфир — афзунӣ, зиёдатӣ, фаровонӣ, фоидаву даромади мулк; тавфирсанҷ яъне он ки бисёр месанҷад
Тавқ — гарданбанд, сӯрох, ҳалқа
Тазаллум — шикоят аз зулму ситам ва бедодӣ, додхоҳӣ, адолатхоҳӣ
Тайёра — ҳар чизи парвозкунанда

**Такбир** — «оллоҳу акбар» гуфтан; бузург шумурдан
**Талоя** — ҷосус, хабаргир, ҷанговароне, ки вақти шаб лашкарро посбонӣ мекунанд
**Талқ** — дарди зоидан; май, шароб
**Тамуз** — тирамоҳ
**Тарк** — кулоҳи ҷангӣ, ки ҳангоми ҷанг бипӯшанд
**Тароиф** — чизҳои латифу хуш ва писандида, молҳои наву тоза
**Тафохур** — ифтихор, ифтихормандӣ
**Таъбия** — омода намудану тайёр кардани лашкар
**Тиннин** — мор, аждаҳо
**Тос** — пиёла, соғар, коса, ҷом, тоси нагун киноя аз фалаку осмон
**Туд** — дарахти тут, тӯда, рӯиҳам рехта
**Тунг** — кӯзае, ки шикамаш калон ва гирдаш кӯтоҳу даҳонаш танг бошад
**Туркатоз** — тохту тороҷи лашкар; таъҷил, шитоб; нозу карашма, ишвагарӣ
**Турки ҳисорӣ** — киноя аз моҳ ё худ офтоб
**Турс** — сипар, пӯлодтурс сипари пӯлодин
**Тӯбо** — номи дарахтест, ки гӯё дар биҳишт мерӯидааст. беҳтар, поктар
**Тӯз** — пӯсти дарахте, ки ба монанди коғаз нозук аст: тохту тороҷ, ғорату яғмо

## У

**Улвӣ** — баландӣ, малак, фаришта
**Уммӣ** — бесавод, касеро гӯянд, ки хондану навиштанро натавонад

## Ф

**Фаррот** — ҷамъи форит, каси пешраванда ба сӯи водиро гӯянд
**Фарруҷ** — ҷӯҷаи мурғ
**Фархордес** — фархормонанд, монанди бутхона, бисёр ороста ва зебо
**Фаръ** — шариф, аъло; шохи дарахт, наслу нажод
**Фаҳл** — ҳайвони зотӣ, ситораи Саҳилро низ меноманд, дарахти бесамар; ровӣ ва бозгӯяндаи шеър; нек, доно, хурмобун; номи мавзее дар Шом
**Фитрок** — тасмае, ки барои пасу пеш нарафтани зин аз пешу паси асб кашида мешавад
**Фулка** — чархаест ба монанди чархи дук
**Фур** — шоҳ, малик
**Фурза** — соҳили дарё, даҳонаи ҷӯй, номи деҳаву мавзее низ будааст.
**Фуқо** — оби ҷавин, ки дар гармӣ барои таскини бадан менӯшанд

## Х

**Хаданг** — дарахтест бисёр сахт, ки аз чӯбаш найза, тир ва зини асб месохтанд; хорпуштак, харчанг

ба маънои муаттар, дилрабо, зебо меояд.

Х а л х о л и з а р — киноя аз офтоб

Х а н и д а — писандида, маъруф, машҳур, мақида; садо ва овоз

Хе з о н — мавҷи об, ки ба ҳар тараф панҷа андохта бошад

Х и д е в — подшоҳ; хайрхоҳ; ягонаи асру давр, худованд, молик, ёру дӯст, рафиқ

Х и л о л — дандонковак, чӯбе, ки бар забоин шутур часпонанд, то ки ӯ шир макида натавонад

Х о з и н — хазинадор, ганҷур

Х о й и с — путк, чакуш, болға; зиндон, бандихона

Х о т у н и я ғ м о — киноя аз офтоб

Х у м б а к (ҳунбак) — доираи хурде, ки чанбари он аз биринҷӣ бошад

## Ч

Ч а р б и д а н — ғолиб омадан; ғарқ кардан, вазнинӣ кардан

Ч а р з — мурғест лазизгӯшт ва онро бо бозу шоҳин шикор мекарданд

Ч о л и ш — ҷангу ҷидол, задухӯрд; рафтори бо нозу ишва, хиромиш, ҳаракати зебову дилрабо

Ч о л и ш г а р — касе, ки бо нозу ишва роҳ меравад

Ч у с т а н — фароҳам, ҷамъ шудан

## Ш

Ш а к а р б ӯ з а (шакарбӯра) — самбӯсае, ки бо омезиши қанду бодом пухта мешавад

Ш а р з а — тунду тез, хашмгин: зӯрманд, дарранда

Ш а ҳ н а — посбон, муҳофизи шаҳр

Ш а ҳ р у д — созу навои румиён будааст

Ш о в а р о н — номи вилояте дар Шервон

Ш у м — чорук, пойафзор

Ш ӯ ъ б а д а — бозӣ, чашмбандӣ, фиребгарӣ

## Я

Я з а к — созор, ҷосус; язакдор раиси посбонон, сардори пешқаровулон

Я м е н — тобон, дурахшон

Я с о р — тарафи чап, ҷониби чап

Я т о к — пос доштан, ҳифз кардан, муҳофизат, ятоқдор, посбон, нигаҳбон

## Ғ

Ғ а в р — ошӯб, андеша

Ғ а д р — бевафоӣ, макру ҳила, хиёнат, кинахоҳӣ

Ғ а з б о н — манҷаник, санге, ки ба фалахмон гузошта, ба тарафи душман парронанд; ғазаб, хашмнок

Ғ а л и в а ж (ғаливоҷ) — зоғону мурғи гӯштхор, ки онро баъзан мушгир низ меноманд

Ғ а р о й — кафи шер, сари шер; санги бузург; Мадинаро бо ҳамин унвон ном мебаранд

Ғ у р о б — зоғ

## Қ

Қ а в о р а — порча, пора, қисм

Қ а н н у ҷ — шаҳрест дар Ҳиндустон

Қ а н у т — суханчин, сухан, калом

Қ а р о б а — (қарроба) — шишаи шароб, сурохӣ

Қ а ф и з — паймона, ченаки донаворӣ, заминро гӯянд, қафизӣ — як навъ бозии кӯдакона

Қ и н т о р — як навъ дору; зару сим, динор

Қ у р о з а — резаи зарру сим, ки аз тарошидан ҳосил шавад

## Ҳ

Ҳ а з и м а т — шикасти лашкар, парокандагии лашкар, гурехтани лашкар

Ҳ а м о и л — он чи дар бар овезанд

Ҳ и з а б р — шери беша; дурушт

Ҳ и р б у д — пешвои оташпараст, пири оташкада; қозии зардӯштиён

Ҳ и ш т а н — гузаштан, тарк кардан, раҳо кардан; овехтан, овезон кардан, печондан

Ҳ и ҷ р а — хона, ҳуҷраи ороставу зинатдодашуда барои домоду арӯс

Ҳ о и л — ҳавлнок, даҳшатнок, бимовар

Ҳ у р и н — бонг, овоз, садо, наъра, овози ҳавлнок

Ҳ у р р о — овоз, садо; биму тарс; дурахшидан; ҳурроини теғ — яъне дурахшидани теғ

## Ҷ

Ҷ а в з а н — офате, ки ҷаву гандумро нобуд мекунад; тоифае аз соҳирони қадими Ҳиндустон

Ҷ а в с а н — чизеро гӯянд, ки дар ҳаҷму вазн баробари донаи ҷав бошад

Ҷ а л о ҷ и л — зангҳо, доираҳое, ки пеш аз ҳуҷум овардан зада мешаванд, овози кӯсу нақора; мурғи хушовозро низ меноманд

**Ҷ а м о з а** (ҷаммоза) — навъе аз шутури тезрав

**Ҷ а н и б а т** — аспи боркаш

**Ҷ а н о х** — болу бозу; гурӯҳе, ки бар ду тарафи лашкар ороста мешав

**Ҷ а р и д а** — гурӯҳи саворнок; найзаи кӯтоҳ, танҳо, фард

**Ҷ а ъ б а** — сандукча

**Ҷ и з ъ и я т** — хироҷ, андоз

Барои наврасон ва ҷавонон

**Низомии Ганҷавӣ**

**Гулангабини**

**Хирад**


Мусаввир *Прадыньников В.*
Муҳаррири ороиш *Ашӯров Усмон*
Муҳаррири саҳифабанд *Саидова Меҳрӣ*
Мусаҳҳеҳ *Шералӣ С.*

**Ба матбаа 23.07.93. супурда шуд. Ба чопаш 04.07.94. имзо шуд. Андозаи 60×84[1]/16. Коғази матбаавии № 2. Ҳуруфи адабӣ. Чопаш барҷаста, Ҷузъи чопии шартӣ 10,346. Ҷузъи рангаи шартӣ 10,694. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,291. Адади нашр 2000. Супориши № 1652.**

Нашриёти «Адиб». 734025. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

**Матбааи аввали Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон 734025. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.**